


# ИЛМУ МАОРИФ АСОСИ ПЕШРАФТИ ДАВЛАТ ВА РАҲОИИ ҶОМЕА АЗ ИФРОТИШАВӢ, ХУРОФОТПАРАСТӢ ВА ҶАҲОЛАТ АСТ

***Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар***

***30.05.2024, шаҳри Душанбе***

**Муҳтарам олимону донишмандон!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Аз вохӯрии мо бо аҳли зиёи кишвар чор сол сипарӣ гардид.

Имрӯз тасмим гирифтем, ки натиҷаҳои мулоқоти қаблӣ, ҳолати кунунии рушди илм ва дурнамои он, масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи омӯзиши илмҳои табиӣ ва риёзӣ, ташаккули тафаккури техникӣ, дастгирии ташаббусҳо дар самти ихтироъкорӣ, инчунин, сифат ва самаранокии тарбияи кадрҳои илмиро дар кишвар баррасӣ намоем.

Мо бояд донем, ки тайи солҳои соҳибистиқлолӣ илми ватанӣ дар масири пешрафти давлат ва иқтисодиёту иҷтимоиёти мамлакат чӣ хизмате анҷом дод.

Ва мо чӣ тадбирҳое бояд андешем, ки илм дар кишвари мо ба талаботи замони тараққиёту таҳаввулоти зеҳниву технологӣ ҷавобгӯ бошад, роҳро барои рушду пешравии давлат ва ҷомеа ҳамвор созад, яъне ба давлат ва халқи Тоҷикистон хизмат намояд.

Ҳукумати Тоҷикистон илмро яке аз омилҳои асосии рушди кишвар ва олимонро захираи бузурги зеҳнии ҷомеа дониста, ба мақсади пешрафти ҳамаҷонибаи он ва беҳтар гардонидани шароити иҷтимоии кормандони соҳаи илм ҳамаи имкониятҳоро муҳайё намудааст.

Тавре дар Паёми навбатӣ таъкид карда будам, рушди иқтисодиёт ва тақвияти рақобатнокии он бе саҳми сармояи инсонӣ ғайриимкон мебошад.

Бо дарназардошти аҳаммияти ин масъала, мо мақому манзалати илм, олимону донишмандон, аҳли маориф ва зиёиёни эҷодкорро дар ҷомеа аз нигоҳи иҷтимоӣ, маънавӣ ва молиявӣ давра ба давра баланд бардоштем.

Зеро дар ҷаҳони муосир танҳо кишварҳое метавонанд ҳастии худро ҳифз карда, рушд ёбанд, ки шаҳрвандонашон дорои сатҳи баланди саводнокӣ ва маърифату фарҳанг, илмдӯсту донишманд ва соҳибҳунар бошанд.

Мову шумо дида истодаем, ки имрӯз кишварҳои мухталифи дунё бар пояи илму дониш, ихтироъкориву истеҳсол ва истифодаи техникаву технологияҳои муосир чӣ гуна тараққӣ карда истодаанд.

Ҳоло истифодаи «зеҳни сунъӣ» дар ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаи ҷаҳонӣ торафт густариш пайдо карда истодааст.

# СУХАНИ ПЕШВО

Ба ин маънӣ, дастоварди олимон на танҳо пешрафти як давлату миллатро такон мебахшад, балки метавонад мавриди истифодаи башарият қарор гирад.

Мисол мегирем телефони мобилӣ, интернет, мошинҳои барқӣ ё ваксинаҳое, ки ҷони миллионҳо нафарро аз марг наҷот доданд.

Шумо хуб медонед, ки Ҳукумати мамлакат дар шароити бисёр мураккаби иқтисодиву молиявии солҳои 90-ум на фақат ҳамаи муассисаҳои Академияи илмҳо ва академияҳои соҳавиро устувор нигоҳ дошт, балки дар сохтори онҳо даҳҳо пажуҳишгоҳ ва марказҳои нави илмиву таҳқиқотиро таъсис дод.

Дар бораи корҳои тайи беш аз сӣ сол амалинамудаи Ҳукумати мамлакат мехоҳам баъзе рақамҳоро, такрор шавад ҳам, хотиррасон намоям.

Аввалин ва муҳимтарин коре, ки мо анҷом додем, қатъи ҷангу хунрезӣ, барқарор кардани сулҳу оромӣ, аз кишварҳои дуру наздики хориҷӣ ба Ватан ва маҳалли зисташон баргардонидани беш аз як миллион нафар гурезаҳои иҷборӣ, ташкил кардани шароити зарурии зиндагӣ барои онҳо ва ба роҳ мондани раванди барқарорсозии баъдиҷангӣ буд.

Анҷом додани ин корҳо аз Ҳукумати мамлакат саъю талоши пайгирона, заҳмати бисёр сангини шабонарӯзӣ ва хароҷоти бузургро талаб мекард.

Яъне қариб даҳ соли аввали соҳибистиқлолӣ бо мухолифату кашмакашҳои дохилӣ гузашт.

Танҳо аз соли 2000-ум мо имкон пайдо кардем, ки пастравии иқтисоди миллиро боздошта, ба оғози марҳалаи рушд ворид гардем.

Дар ин давраи вазнини таърихи халқамон мо фаъолияти фалаҷшудаи ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барқарор кардем, Артиши миллӣ, Қӯшунҳои сарҳадӣ ва дигар сохторҳои ҳарбӣ, яъне Қувваҳои Мусаллаҳи худро амалан дар ҷои холӣ таъсис додем.

Дар солҳои минбаъда бунёду азнавсозии роҳҳои мамлакатро оғоз карда, беш аз 2000 километр роҳҳои замонавӣ, зиёда аз 30 километр нақбҳои мошингузар ва садҳо пули нав бунёд намудем ва Тоҷикистони сепорчаро ба як қаламрави воҳид табдил додем.

Мо дар ин марҳала барои тақвияти заминаҳои моддиву техникии илми ватанӣ маблағгузориро зиёд карда, ба ин мақсад 1 миллиарду 607 миллион сомонӣ ҷудо намудем, сохтори Академияи илмҳоро мукаммал гардонидем ва соли 2020 онро ба Академияи миллии илмҳо табдил додем.



Дар давраи соҳибистиқлолӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиву иҷтимоии кишвар, аз ҷумла дар соҳаи илму маориф аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва сармояи хориҷӣ беш аз 1400 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 36 миллиард сомонӣ амалӣ карда шуд.

Ҳоло дар мамлакат боз 724 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 152 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст, ки аз ин шумора даҳҳо лоиҳа ба соҳаи илм равона гардидааст.

Дар ин давра сатҳи зиндагии мардуми кишвар тадриҷан беҳтар гардида, нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 1999 то 21,2 фоиз дар соли 2023 коҳиш дода шуд.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ дарозумрии миёнаи аҳолӣ аз 70 сол ба 76,3 сол расид.

Шумораи аҳолии мамлакат аз 5,5 миллион нафари соли 1991 ба ҳолати 1-уми январи соли 2024 ба 10,3 миллион нафар расид, яъне қариб ду баробар афзоиш ёфт.

Дар даҳсолаҳои охир афзоиши шумораи аҳолӣ ҳар сол ба ҳисоби миёна 2,3 фоизро ташкил карда истодааст, ки яке аз нишондиҳандаҳои баландтарин ба ҳисоб меравад.

Нишондиҳандаҳои мазкур далели равшану возеҳи беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардуми кишвар мебошанд.

Агар шумораи муштариёни алоқаи телефонӣ соли 1991 ҳамагӣ 277 ҳазор нафарро ташкил карда бошад, пас дар соли 2024 шумораи танҳо муштариёни алоқаи мобилӣ ба беш аз 6,7 миллион нафар расид.

# СУХАНИ ПЕШВО

Танҳо дар соли 2023 барои истифодаи алоқаи мобилӣ аз ҷониби аҳолии мамлакат 3,8 миллиард сомонӣ хароҷот шудааст.

Ҳоло шумораи истифодабарандагони шабакаи интернет дар кишвар зиёда аз 4,2 миллион нафарро ташкил медиҳад.

Соли 1991 дар кишвар 53 меҳмонхона фаъолият дошт ва ҳоло ин рақам ба 227 расидааст ё 4,2 баробар зиёд гардидааст.

Дар оғози соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон ҳамагӣ як ташкилоти қарзӣ мавҷуд буд. Ҳоло ин рақам ба 63 расидааст.

Агар аз ҷониби низоми бонкии кишвар соли 1991 ба муштариён ҳамагӣ 2,2 миллион сомонӣ қарз дода шуда бошад, соли 2023 ин нишондиҳанда қариб 19 миллиард сомонӣ ва танҳо дар чор моҳи аввали соли ҷорӣ 6,6 миллиард сомониро ташкил додааст.

Дар замони соҳибистиқлолӣ 140 ҳазор гектар замин, аз ҷумла, 52 ҳазор гектар аз ҳисоби заминҳои обӣ ба зиёда аз 1 миллиону 420 ҳазор оилаи кишвар барои сохтмони манзили истиқоматӣ тақсим карда дода шуд.

Яъне, дар маҷмуъ, беш аз 8 миллиону 800 ҳазор нафар сокинони мамлакат шароити истиқоматии худро беҳтар кардаанд.

Дар 70 соли то замони истиқлол барои бунёди манзили истиқоматӣ ҳамагӣ ба 530 ҳазор оила 77 ҳазор гектар замин ҷудо гардида буд.

Дар даврони истиқлол дар кишвар 54 ҳазор гектар заминҳои нав обёрӣ гардида, ҳамзамон бо ин, ҳар сол дар майдони қариб 200 ҳазор гектар замини обӣ кишти такрории зироатҳо гузаронида шуда истодааст.

Ҳамватанони азизи мо хуб дар ёд доранд, ки солҳои вазнини 90-уми асри гузашта мо бо мақсади пешгирӣ кардани хатари гуруснагӣ 75 ҳазор гектар заминро ба мардум тақсим карда додем.

Ин қитъаҳои замин, ки номи «замини президентӣ»-ро гирифтанд, дар пешгирӣ намудани хатари гуруснагӣ воқеан нақши калидиро иҷро карданд.

Дар замони Шуравӣ дар Тоҷикистон ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият дошт.

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ амалисозии нақшаву барномаҳои рушди соҳаи саноат имкон дод, ки дар кишвар беш аз 3 ҳазору 500 корхонаи саноатӣ бо 88 ҳазор ҷойи корӣ сохта, ба истифода дода шавад.



Бо мақсади расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ дар даврони соҳибистиқлолӣ 287 неругоҳи барқи обии хурду бузург, 1,5 ҳазор километр хатҳои интиқоли барқи баландшиддат, 50 зеристгоҳи баландшиддати барқӣ ба маблағи умумии 86 миллиард сомонӣ бунёду таҷдид гардид, ки дар натиҷа 75 фоизи зерсохтори энергетикии кишвар азнавсозӣ карда шуд.

Аз ҷумла, неругоҳҳои барқи обии «Сангтӯда-1», «Сангтӯда-2», «Помир – 1», «Тоҷикистон» ва Маркази барқу гармидиҳӣ дар шаҳри Душанбе сохта ба истифода дода шуда, неругоҳи «Сарбанд» пурра таҷдид гардид.

Илова бар ин, корҳои таҷдиду барқарорсозии пурраи неругоҳҳои «Норак» ва «Қайроққум», инчунин, бунёди неругоҳи «Себзор» бомаром идома дорад.

Дар ин давра беш аз 2000 мегаватт иқтидорҳои энергетикии иловагӣ ба истифода дода шуданд.

Истеҳсоли неруи барқ аз 17,6 миллиард киловатт – соат дар соли 1991 ба 21 миллиарду 860 миллион киловатт – соат дар соли 2023 ё 24,2 фоиз афзоиш ёфт.

Соли 1991 дар ҳудуди Тоҷикистон ҳамагӣ 216 ҳазор мошини сабукрав ба қайд гирифта шуда буд.

Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ ба кишвар беш аз 1 миллион мошини сабукрав ворид шудааст.

Агар соли 2000-ум ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ дар низоми бонкӣ ҳамагӣ 93 миллион сомониро ташкил карда бошад, ҳоло ин нишондиҳанда ба 20,4 миллиард сомонӣ расидааст, яъне 219 баробар афзоиш ёфтааст.

Агар соли 1992 ба соҳаи илм ҳамагӣ 58 ҳазор сомонӣ маблағ равона гардида бошад,

# СУХАНИ ПЕШВО

дар соли 2023 ба ин соҳа 180 миллион сомонӣ ҷудо гардида, дар буҷети соли 2024 зиёда аз 225 миллион сомонӣ пешбинӣ карда шудааст.

Мо ба масъалаи маориф ва илм таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода, дар давоми беш аз 30 соли соҳибистиқлолӣ зиёда аз 3900 муассисаи таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла, муассисаҳои типи нав, яъне гимназия, литсею коллеҷ, инчунин, донишгоҳу донишкада бунёд кардем.

То замони истиқлол дар кишвар 13 муассисаи таҳсилоти олӣ бо 65 ҳазор донишҷӯ фаъолият дошт.

Ҳоло ин рақам ба 47 ва шумораи донишҷӯёни онҳо ба зиёда аз 220 ҳазор нафар расидааст.

Яъне ҳам шумораи мактабҳои олӣ ва ҳам шумораи донишҷӯёни онҳо қариб чор баробар афзудааст.

Бо дастгирии Ҳукумати мамлакат аз соли 2001 то соли 2019 дар сохтори Академияи миллии илмҳо бо роҳи азнавташкилдиҳӣ муассисаҳои нави илмиву таҳқиқотӣ – пажуҳишгоҳҳои масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экология, иқтисод ва демография, фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ, Агентии амнияти ядрой ва радиатсионӣ, Маркази илмии Хатлон, Маркази синошиносӣ дар назди Пажуҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ таъсис дода шуданд.

Ҳамчунин, таъсиси пажуҳишгоҳи омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо, Маркази мероси хаттӣ, Маркази инноватсионии рушди илм ва технологияҳои нав, Маркази таҳқиқоти технологияҳои инноватсионӣ ва Маркази омӯзиши пиряххои Тоҷикистон аз ҷумлаи дастовардҳои ҳамин давра мебошанд.

Ҳоло Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон узви баробарҳуқуқи даҳҳо муассисаи бонуфузи илмии ҷаҳонӣ мебошад.

Дар ин марҳала сохтори Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон низ такмил дода, шумораи бастҳои корӣ зиёд карда шуд.

Соли 2003 дар назди ин академия Маркази илмии кишоварзии Помир ва соли 2020 Маркази ҷумҳуриявии илмиву таҳқиқотии пиллапарвариро таъсис додем.

Корҳои то имрӯз амалигардида гувоҳанд, ки аз рӯзҳои аввали ташкили давлати соҳибистиқлол илму маориф дар сиёсати Ҳукумати мамлакат мавқеи меҳварӣ дошта, олимону муҳаққиқон ва омӯзгорону зиёиён неруи созанда ва пешбарандаи ҳамаи соҳаҳои ҳаёти кишвар мебошанд.

Аз ҷумла, олимони кишвар дар таҳияи ҳуҷҷати муҳимми давлатӣ – Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 саҳми арзишманд гузоштанд.

Олимони мо минбаъд низ бояд барои расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат, таъмини рушди босуботи мамлакат, пешрафти соҳаҳои мухталифи он, хусусан, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва паст кардани шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ саҳмгузор бошанд.

Иҷрои ин корҳо вазифаи танҳо Ҳукумат нест, балки дар ин раванд олимону зиёиёни кишвар низ бояд пешсаф бошанд.

Истиқлоли давлатӣ шароит фароҳам оварад, ки таҳқиқи илмии дастовардҳои моддиву маънавӣ, мероси фарҳангӣ ва таърихи куҳанбунёди тоҷикон вусъати бесобиқа пайдо карда, миллати тоҷик дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун миллати тамаддунсозу фарҳангсолор, эҷодкору илмпарвар ва шаҳрсозу шаҳрнишин муаррифӣ гардад.

Қобили зикри хос аст, ки дар ин давра як силсила ташаббусҳои Тоҷикистон марбут ба ҳалли масъалаҳои глобалии обу иқлим аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфта, доир ба амалӣ намудани онҳо қатъномаҳои дахлдори Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул гардиданд.

Барои нақши арзишманд дар рушди илм, маориф ва фарҳанг, таҳкими робитаҳои илмии байналмилалӣ ва анҷом додани корҳои муштараки илмиву таҳқиқотӣ беш аз 40 нафар олимони Академияи миллии илмҳо ва Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз тарафи ташкилоту созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ бо ҷоизаву унвонҳо ва мукофотҳои байналмилалӣ сарфароз гардонида шудаанд.

Аз тарафи Ҳукумати мамлакат барои саҳми арзанда дар иқтисодиёт, илм, фарҳанг, адабиёт, фаъолияти босамари давлатӣ, ҷамъиятӣ ва эҷодӣ то имрӯз садҳо нафар олимони кишвар бо ҷоизаҳо, унвонҳо ва мукофотҳои давлатӣ қадрдонӣ гардидаанд.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки бо вуҷуди дастгириву таваҷҷуҳи доимии давлату Ҳукумат натиҷаи кори олимон ва сохторҳои соҳаи илм посухгӯи талаботи замон нест.

# СУХАНИ ПЕШВО

Имрӯз саҳми илми ватанӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ҳамагӣ 0,1 фоизро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда умуман конеъкунанда нест.

Аз ин рӯ, Ҳукумати мамлакат вазифадор аст фаъолияти самарабахши соҳаи илмро талаб намояд ва иҷрои чорабиниҳои ба ин мақсад равонашударо таҳти назорати қатъӣ қарор диҳад.

Аз ин лиҳоз, таъкид менамоям, ки зарурати ислоҳоти ҷиддӣ, аз ҷумла, таҷдиди сохтори Академияи миллии илмҳо ва муассисаҳои илмиву таҳқиқотии он ба миён омадааст.

Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки бо таъсиси комиссияи босалоҳият таҳлили ҳамаҷонибаи фаъолияти ҳамаи зерсохторҳои Академияи миллии илмҳо ва Академияи илмҳои кишоварзӣ, аз ҷумла, иншоот ва заминҳои аз даврони гузашта дар тавозуни ин сохторҳо боқимондаро анҷом диҳад.

Ҷиҳати таъмин намудани фаъолияти самарабахши онҳо, хусусан, тавассути кам кардани хароҷот барои нигоҳдории таҷҳизоти нодаркор ва аз ин ҳисоб бо технологияҳои замонавӣ таъмин намудани озмоишгоҳҳои мавҷуда ва таҷдиди пояи иттилоотии таҳқиқоти илмӣ бояд пешниҳодҳои мушаххас манзур карда шаванд.

Таъкид месозам, ки сатҳи нисбатан пасти самаранокии фаъолияти кормандони Академияи миллии илмҳо яке аз масъалаҳои ташвишовари соҳаи илми кишвар мебошад.

Таҳлили ҳисоботи академия тайи солҳои 2021 – 2023 нишон медиҳад, ки аз ҷониби қисме аз аъзои вобаставу пайваста ва дигар кормандони илмӣ дар ин муддат ягон таҳқиқоти мушаххаси илмӣ анҷом дода нашудааст.

Таҳия нашудани санади дахлдор оид ба меъёрҳои арзёбӣ кардани самаранокии фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва кормандони онҳо яке аз сабабҳои ин падидаи нигаронкунанда маҳсуб мешавад.

Бинобар ин, Вазорати маориф ва илм, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо, Академияи илмҳои кишоварзӣ, Комиссияи олии аттестатсионӣ ва дигар сохторҳои марбута вазифадор карда мешаванд, ки бо таъсиси гурӯҳи корӣ дар муҳлати се моҳ доир ба ин масъала пешниҳоди мушаххас манзур намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Маблағгузорӣ ва ҳавасмандсозиҳои дигари давлатӣ барои соҳаи илм яке аз масъалаҳои асосӣ мебошад, ки Ҳукумати мамлакат ба он таваҷҷуҳи ҳамешагӣ зоҳир менамояд ва онро бо дарназардошти имкониятҳои буҷет сол ба сол зиёд карда истодааст.

Чунонки болотар зикр гардид, маблағгузории соҳаи илм танҳо дар соли 2024-ум ба 225 миллион сомонӣ расонида шуд, ки назар ба соли 2023-юм 45 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Маоши миёнаи кормандони Академияи миллии илмҳо соли 2003-ум ҳамагӣ 45 сомонӣ буд ва соли 2023 ба 2438 сомонӣ расонида шуд, яъне қариб 54 баробар афзоиш дода шуд.

Аз моҳи июл дар баробари дигар соҳаҳо маоши кормандони илм боз 40 фоизи дигар зиёд карда мешавад.

Бо вуҷуди ин, ба сохтору мақомоти дахлдор супориш дода мешавад, ки ҷиҳати татбиқи нишондиҳандаҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 корро ба мақсади то охири муҳлати стратегия ба 1,5 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ расонидани ҳиссаи хароҷоти умумӣ ба соҳаи илм тақвият бахшанд.

Мо ба хотири ҳавасмандгардонии олимон ва пешрафти илму маориф дар кишвар унвонҳои фахрии Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон ва Корманди шоистаи Тоҷикистонро таъсис додаем.

Ба замми ин, Ҷоизаи Президенти Тоҷикистон дар соҳаи маориф, ҷоизаҳои давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ба номи Абуалӣ ибни Сино дар соҳаҳои илм ва техника, Ҷоизаи давлатӣ барои олимону омӯзгорони фанҳои табиӣ ва риёзӣ, ҷоизаҳои давлатии ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон таъсис дода шудаанд.

Ҳоло даҳҳо ҳазор хонандагону донишҷӯёни кишвар намудҳои гуногуни стипендия, аз стипендияи Президентӣ то стипендияҳои раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро мегиранд.

Ҳамаи тадбирҳои зикргардида далели ғамхориву дастгирии давлатӣ нисбат ба аҳли илму маориф буда, ҳоло ба дарёфти истеъдодҳо ва дастовардҳои нави илмӣ мусоидат карда истодаанд.

# СУХАНИ ПЕШВО

Мо соли 2022 Қонун «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмиву техникӣ»-ро қабул намудем.

Татбиқи қонуни зикршуда метавонад вазъи маблағгузории соҳаи илмро бамаротиб беҳтар гардонида, ба ҳарчи бештар амалӣ шудани дастовардҳои илм дар истеҳсолот мусоидат намояд.

Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳанӯз роҳу воситаҳои татбиқи самараноки қонун таҳия нагардидаанд ва қисми зиёди олимону ихтироъкорони мо доир ба моҳияти он маълумоти кофӣ надоранд.

Дар муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҳсилоти касбӣ раванди робитаи илм бо истеҳсолот ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои олимону ихтироъкорон ба талаботи имрӯза ҷавобгӯй нест.

Сатҳи пасти ҳамкории муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ бо соҳибкорон, шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ, ҷорӣ нагардидани механизми тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва навовариҳо, алоқаи сусти байнисоҳавӣ дар пешбурди таҳқиқот дар асоси қонунҳои бозорӣ аз ҷумлаи камбудиҳо дар ин самт ба ҳисоб мераванд.

То ҳол воридоти молҳои ниёзи аввал ба кишвар зиёд буда, солона беш аз 17 миллиард сомонӣ ё 25 фоизи ҳаҷми умумии воридотро ташкил медиҳад ва илми ватанӣ ба тағйир додани чунин вазъият таъсиргузор нест.

Дар робита ба ин, хотирнишон менамоям, ки таъсиси сохтори алоҳида – Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти мамлакат бояд ба раванди пайванди илм бо истеҳсолот ва рушди фаъолияти инноватсионӣ такони ҷиддӣ бахшад.

Фаъолияти ин сохтор бояд ба рушд, танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ ва таҳияи механизми татбиқи он равона карда шавад.

Вазоратҳои адлия, молия, саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Академияи миллии илмҳо, Академияи илмҳои кишоварзӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои марбутаро зарур аст, ки ҷиҳати таҳияи санадҳои зерқонунӣ, бунёди зерсохтори зарурӣ ва татбиқи самарабахши қонуни зикршуда чораҳои дахлдор андешанд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Ҳоло дар кишвар қариб 5900 нафар кадрҳои дорои дараҷа ва унвони илмӣ фаъолият менамоянд, ки 886 нафар ё 15,5 фоизи онҳо доктори илм (аз ин 146 нафар ё 16 фоиз занон), 4800 нафар номзади илм ва 158 нафар доктор аз рӯйи ихтисос мебошанд.

То замони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 3300 нафар кадрҳои дорои дараҷа ва унвони илмӣ, аз ҷумла, 229 нафар докторҳои илм ва 3074 нафар номзадҳои илм фаъолият мекарданд.

Яъне дар давраи соҳибистиқлолӣ шумораи кадрҳои дорои дараҷа ва унвони илмӣ 1,8 баробар, аз ҷумла, докторҳои илм қариб чор баробар ва номзадҳои илм 1,6 баробар зиёд гардидааст.

Таъкид месозам, ки ин нишондиҳандаҳо ҳанӯз қонеъкунанда нестанд.

Дар кишвар вазъи тайёр кардани олимони ҷавон аз рӯи ихтисосҳои зилзилашиносӣ, энергетика, геология, меъморӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, металлургия, биологияи молекулӣ, генетика, селексия, биотехнология, биохимия ва экология ба тақозои замона ҷавобгӯй нест.

Мо, инчунин, ба олимону мутахассисони илмҳои вирусология, иммунология, генетикаи тиббӣ, мантиқ ва методологияи илм, сотсиология, яъне, иҷтимоъшиносӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, таърих ва назарияи забоншиносӣ, демография, ҷуғрофия ва як қатор илмҳои дигар ниёз дорем.

Бо дарназардошти чунин вазъ, ҷалби ҷавонон ба илм ва ихтироъкорӣ дар пешбурди сиёсати соҳаи илм дар мамлакат яке аз вазифаҳои асосӣ ва зарурӣ ба шумор меравад.

Маҳз ба ҳамин хотир, мо ба рушди бомароми соҳаи маориф ва дарёфти шахсоне, ки таҳқиқоти арзишманди илмӣ анҷом дода метавонанд, эътибори аввалиндараҷа ва доимӣ дода истодаем.

Аммо дар ин самт якчанд омили нигаронкунанда вуҷуд дорад.

Масалан, имрӯз дар баъзе соҳаҳои илм, бахусус, дар соҳаи илмҳои ҷомеашиносӣ кормандони калонсол аксариятро ташкил медиҳанд, ки аслан ин падидаи манфӣ нест, зеро расидан ба камолоти зеҳниву илмӣ солҳои

## СУХАНИ ПЕШВО

тӯлонии омӯзишу таҳқиқро талаб мекунад.

Аммо дар баробари ин, мо шоҳиди дастгирӣ наёфтани ҷавонон аз ҷониби олимону донишмандони калонсол ва камтаваҷҷуҳӣ нисбат ба талошҳои онҳо барои ноил шудан ба натиҷаҳои баланди илмӣ ҳастем.

Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки барои чӣ баъзе устодону олимони номдори мо дар муддати беш аз панҷоҳ соли фаъолияти илмии худ ақаллан чор – панҷ шогирди сазовор тарбия накардаанд?

Ба ақидаи ман, идома додани мактаби устоду шогирд дар ҳамаи касбу корҳо ва махсусан дар соҳаи илм қарзе мебошад, ки онро ҳар як олими собиқадору соҳибтаҷриба дар назди шогирдони худ бояд адо намояд.

Фаромӯш набояд кард, ки ин анъана дар таърихи халқи мо собиқаи тӯлонӣ дорад.

Мо ҳамеша мегӯем, ки пайванди наслҳоро бояд ҳифз кунем ва идома диҳем.

Расми дунё ҳамин аст, ки ҳеҷ кас дар зиндагӣ ва мансаб абадӣ нест ва касе ҳатман ҷойгузини каси дигар мешавад, аз ҷумла, шогирд ба ҷойи устод.

Аз ин лиҳоз, ба ҷойи дастгирӣ кардани ҷавонон нисбат ба онҳо кӯтоҳбиниву тангназарӣ зоҳир намудан кори тамоман нодуруст мебошад.

Дар робита ба ин, хотирнишон менамоям, ки дар арзёбии фаъолияти илмии ҳар як олим ва махсусан, доктори илм ду меъёр бояд асосӣ ва аслӣ бошад: аввал, натиҷаҳои таҳқиқоти ӯ, ки посухгӯи ниёзҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварамон бошанд ва дуюм, тарбияи кадрҳои ҷавон, ки ба саҳм гузоштан дар рушди илми кишвар қодир бошанд.

Ҳамаи аҳли нишаст хуб медонанд, ки тарбияи кадрҳои соҳибмаърифат ва донишманду илмдӯст яке аз масъалаҳои муҳим дар сиёсати пешгирифтаи давлати мо мебошад.

Мо ҳамасола ба ҳисоби миёна беш аз 10 000 нафар ҷавононро барои азхудкунии илму донишҳои муосир ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба донишгоҳу донишкадаҳои бонуфузи мамолики дигар мефиристем ва ҳоло шумораи умумии онҳо беш аз 40 000 нафарро ташкил медиҳад.

Аммо санҷиши вазъи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Пажӯҳишгоҳи математикаи Академияи миллии илмҳо муайян намуд, ки аз соли 2018 то соли 2023 дар ин муассиса 18 нафар ба докторантура аз рӯйи ихтисос аз ҳисоби буҷет ва 1 нафар ба таври шартномавӣ қабул карда шудааст.

Вале аз шумораи умумии хатмкардагон танҳо 2 нафар докторант рисолаи илмии худро ҳимоя кардааст.

Сабаби дар мухлати муайяншуда ҳимоя нагардидани рисолаҳои илмӣ, агар аз як тараф, ба таври самаранок фаъолият накардани худи докторантҳо бошад, аз ҷониби дигар, бемасъулиятии роҳбарони илмии онҳо мебошад.

Дар ин самт ҳолатҳои суиистифода аз вазифа низ ҷой доранд.

Аз 19 нафар докторанти қабулгардида роҳбарии 8 нафари онҳоро собиқ директори Пажуҳишгоҳи математика ба зимма гирифтааст, вале ягон нафари онҳо рисолаи илмии худро ҳимоя накардааст.

Чунин муносибат нисбат ба тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар дигар пажӯҳишгоҳҳо ва марказҳои Академияи миллии илмҳо ва Академияи илмҳои кишоварзӣ низ дида мешавад.

Масалан, дар Пажуҳишгоҳи чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзӣ аз соли 2019 то имрӯз 16 нафар докторант аз рӯйи ихтисос аз ҳисоби буҷет қабул карда шудааст.

Аммо то имрӯз ягон нафар рисолаи илмии худро ҳимоя накардааст.

Дар даҳ соли охир ба Пажуҳишгоҳи масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи Академияи илмҳои кишоварзӣ 28 нафар аспирант ва 10 нафар унвонҷӯ қабул гардидааст.

Лекин дар ин муддат аз 38 нафар ҳамагӣ 3 нафар рисолаи илмии худро ҳимоя кардааст, ки ташвишовар мебошад.

Дар Пажуҳишгоҳи хокшиносӣ дар даҳ соли охир 13 нафар докторант аз рӯйи ихтисос қабул шудааст, вале то ҳол ягон нафар рисолаи илмии худро ҳимоя накардааст.

Муҳтарам намояндагон ва кормандони муассисаҳои илмӣ, хусусан, роҳбарони илмии унвонҷӯёну аспирантҳову докторантҳо!

Бо дарназардошти вазъе, ки гуфта шуд, ман аз шумо мепурсам, ки чунин муносибат илми тоҷикро ба куҷо мебарад?

Ин гуна хунукназарӣ нисбат ба тайёр кардани кадрҳои илмӣ метавонад дар оянда оқибатҳои бисёр ногувор, аз ҷумла, паст гардидани сатҳи маърифатро дар байни ҷомеа ба миён оварад.

## СУХАНИ ПЕШВО

Илова бар ин, таъкид месозам, ки маблағҳои буҷет беҳисобу беохир ва беназорат нестанд.

Бинобар ин, аз роҳбарони муассисаҳо ва роҳбарони илмӣ қатъиян талаб менамоям, ки ба фориғболиву бемасъулиятӣ, хусумати шахсӣ, рӯйихотирбинӣ, нотавонбинӣ нисбат ба якдигар ва рақобати носолим миёни муассисаҳои илмии кишвар ҳарчи зудтар хотима бахшанд.

Пас аз пошхӯрии Шуравӣ аксар кишварҳои ба мо наздик академияҳои худро ё барҳам доданд ё ба ниҳодҳои ҷамъиятӣ табдил доданд.

Мо баръакс, бо вуҷуди шароити вазнини он солҳо муассисаҳои илмӣ ва Академияи илмҳоро нигоҳ доштем, дастгирӣ кардем ва дастгирӣ карда истодаем.

Аммо дар ҷавоби ин ҳама ғамхориҳо баъзан муносибат ва рафтори бисёр ташвишоварро мушоҳида мекунем.

Бахусус, мавқеи шаҳрвандии баъзе олимону донишмандони мо бисёр нигаронкунанда мебошад.

Бетарафӣ, гоҳо танқиди беасос, норозигии доимӣ, эҷоди иғво дар ҷомеа ва монанди инҳо ба одати баъзеҳо табдил ёфтааст.

Фаромӯш набояд кард, ки яке аз сабабҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-уми асри гузашта маҳз ҳамин гуна бетарафию хусумат, беparвоӣ ва ҳатто дастгирии қувваҳои ғайриқонунӣ аз ҷониби баъзе олимону донишмандон ва зиёиёни асолатбохта буд.

Ҷобаҷогузории мутахассисон боз як масъалаи дигари муҳим дар фаъолияти муассисаҳои илмӣ маҳсуб мешавад.

Масалан, дар Маркази омӯзиши пиряхҳо аз замони таъсисёбиаш ягон мутахассиси самти пиряхшиносӣ ба кор ҷалб нашудааст.

Аксари кормандони ин муассиса ҳатто ихтисоси наздик ба ин самтро надоранд.

Аз камбудиҳои зикргардида чунин хулоса бармеояд, ки ҷобаҷогузории кадрҳо дар муассисаҳои Академияи миллии илмҳо ва Академияи илмҳои кишоварзӣ қонеъкунанда нест ва ҳангоми пешниҳоди таъсиси ин ё он сохтори илмӣ масъалаи таъмин будани онҳо бо мутахассисони соҳа ба назар гирифта намешавад.

Аз ин лиҳоз, дастур дода мешавад, ки Академияи миллии илмҳо ва Академияи илмҳои кишоварзӣ барои ишғоли вазифаҳои илмӣ озмуни ғайринавбатӣ эълон намоянд ва қабули довталабонро бо ҷалби мутахассисони соҳавӣ ба роҳ монанд.

Муовини Сарвазири мамлакат – сарпарасти соҳа ва ёрдамчии Президент оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа вазифадор карда мешаванд, ки ин масъаларо зери назорати қатъӣ қарор диҳанд.

Соли 1960 бо мақсади ҳалли масъалаҳои муҳимми бемориҳои узвҳои ҳозима дар ҳайати Академияи илмҳои Тоҷикистон Пажуҳишгоҳи гастроэнтерология таъсис дода шуда буд.

Соли 2009 дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ Академияи илмҳои тиб таъсис дода шуда, пажуҳишгоҳ аз тобеияти Академияи илмҳо ба сохтори вазорати мазкур гузаронида шуд.

Вале Академияи илмҳои тиб бо сабаби ноил нагардидан ба дастовардҳои назаррас соли 2020 барҳам дода, соли 2021 ба сохтори Академияи миллии илмҳо ворид карда шуд.

Имкониятҳои васеи кишвари мо дар самти рушди саноати дорусозӣ, сайёҳии табобатӣ, бахусус, пандемияи КОВИД – 19 моро бори дигар водор месозад, ки аз ҳарвақта дида, ба масъалаҳои инсон ва саломатии ӯ аҳаммияти ҷиддӣ зоҳир намоем.

Такрор ҳам шавад, хотирнишон менамоям, ки барои давлат миллати солим даркор аст ва барои миллати солим табибони баландихтисос заруранд.

Аз ин рӯ, ба Дастгоҳи иҷроияи Президент дастур дода мешавад, ки гурӯҳи кории босалоҳият таъсис дода, дар муддати се моҳ масъалаҳои вобаста ба дигарбора таъсис додани Академияи илмҳои тиббиро баррасӣ намояд ва санадҳои дахлдорро дар ин хусус ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод созад.

**Ҳозирини арҷманд!**

Рушди маърифатнокии аҳолӣ, тавсеаи тафаккур ва ҷаҳонбинии илмӣ ва ҷалби бештари ҷомеа, алалхусус, наврасону ҷавонон ба илмомӯзӣ, ки бунёди онро илмҳои табиӣ ва риёзӣ ташкил медиҳанд, василаи асосии пешгирӣ кардани хурофот, ифротишавӣ, зоҳирпарастии динӣ ва гароидан ба ғояҳои иртиҷоӣ мебошад.

Бо ин мақсад мо солҳои 2020 – 2040-ро «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф»

## СУХАНИ ПЕШВО

эълон карда, дар ин замина чор санади дахлдор қабул намудем.

Дар заминаи ин иқдом аз ҷониби вазорату идораҳои масъул як қатор тадбирҳо роҳандозӣ гардидаанд, ки ба болоравии тафаккури техникии ҷавонон, ҷалби ҷомеа ба омӯзиши илмҳои табииву риёзӣ ва таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ мусоидат менамоянд.

Бо вуҷуди ин, таъкид месозам, ки кор доир ба татбиқи самарабахши санадҳои зикршуда бояд ба таври ҷиддӣ вусъат бахшида шавад.

Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ дар соҳаи маориф ва илм навсозии муҳити таълимӣ, илмиву таҳқиқотӣ дар соҳаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиӣ ва риёзӣ идома дорад.

Вале дар баробари ин, иҷрои стратегияи мазкур ба талабот ҷавобгӯ набуда, як қатор тадбирҳои муҳим, аз ҷумла, коркарди заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати таъсис ва рушди зерсохтори инноватсионӣ дар соҳаи маориф ва илм, ташкили сохторҳои идоракунии соҳа ва омода кардани насли нави кадрҳо бо тахассуси олӣ аз фанҳои табиӣ ва риёзӣ қонеъкунанда нест.

Инчунин, нақшаи чорабиниҳои стратегияи мазкур барои солҳои минбаъда, ки бояд соли 2023 таҳия мегардид, ҳанӯз омода нашудааст.

Вазорати маориф ва илм ва Академияи миллии илмҳоро зарур аст, ки сабабҳои иҷро нагардидани корҳои банақшагирифташударо муайян намуда, ҷиҳати ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта ва татбиқи босифату саривақтии қарорҳои Ҳукумати мамлакат дар ин самт чораҳои мушаххас андешанд.

Мо ҷиҳати ҳавасманд намудани наврасону ҷавонон ба омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ ва риёзӣ озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат»-ро таъсис додем, ки ҳамасола наврасону ҷавонони зиёде дар он иштирок карда, ғолиб меоянд.

Инчунин, барои ҳавасмандгардонии омӯзгорон ҷоизаи махсус таъсис дода шуд.

Натиҷаҳои озмун нишон медиҳанд, ки дар кишвар наврасону ҷавонони соҳибистеъдод хеле зиёданд, аммо аз ҷониби муассисаҳои илмӣ интихоб кардан ва минбаъд аз ҳисоби онҳо тарбия намудану омода кардани кадрҳои илмӣ қонеъкунанда нест.

Яъне, тақдири минбаъдаи ғолибони ин озмунҳо, ки аз ҷумлаи соҳибистеъдодҳои мо мебошанд, касеро аз масъулин ва олимону донишмандон ба ташвиш намеоварад.

Магар тарбия кардан ва такмил додани қобилияти чунин ҷавонон, дар навбати аввал, вазифаи олимон ва муассисаҳои илмӣ нест?

Мақсади асосии мо аз таъсиси озмун дарёфти истеъдодҳои ҷавоне мебошад, ки дар оянда роҳи илмро интихоб карда, мушкилоти кадрии ин ё он соҳаву бахшро бартараф намоянд ва дар пешрафти илму истеҳсолоти ватанӣ саҳми худро гузоранд.

Ман дар суханрониҳои худ борҳо таъкид карда будам, ки тарбияи насли нави бомаърифат, илмдӯст ва шоистаи замон танҳо вазифаи мактабу маориф нест, балки дар ин ҷода падару модарон, тамоми қишрҳои ҷомеа ва ниҳодҳои давлативу ҷамъиятӣ бояд фаъолона саҳм гузоранд.

Имрӯз мо ба мутахассисони баландпоя нисбат ба ҳар вақти дигар ниёзи бештар дорем, вале на ҳамаи донишмандон дар интихоб кардану ба камол расонидани истеъдодҳои ҷавон ҳиссагузорӣ мекунанд.

Бинобар ин, Ҳукумати мамлакат вазифадор карда мешавад, ки механизми тарбия намудани наврасону ҷавонони боистеъдодро на фақат тавассути озмуни «Илм – фурӯғи маърифат», балки бо роҳи ташкили дигар озмунҳо низ таҳия ва тасдиқ намояд.

Дар ин раванд, барои баланд бардоштани сифати таҳсилот ва таълими фанҳои табиӣ ва риёзӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бояд тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

Ҳамчунин, зарур аст, ки дар мӯҳлатҳои муқарраргардида ва пурраву босифат иҷро намудани барномаҳои давлатӣ, истифодаи дурусту самараноки маблағҳои буҷетӣ ва грантҳои байналмилалӣ, бо ҷалби роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, инчунин, соҳибкорону шахсони саховатпеша, падару модарон ва собиқ хатмкардаҳои муассисаҳои таълимӣ таъсис додани синфхонаҳои амаливу таҷрибавӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот таъмин карда шавад.

Масъалаи таъсиси синфхонаҳои иловагӣ, муассисаҳои томактабӣ ва муҳайё кардани шароити мусоиди таълиму тарбия, сифати машғулиятҳои озмоишгоҳиву амалии фанҳои

# СУХАНИ ПЕШВО

табиӣ, риёзӣ ва техникӣ низ бояд дар мадди назари роҳбарону масъулон қарор дошта бошад.

Муовини Сарвазир, вазири маориф ва илм, ёрдамчии Президент оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа ва президенти Академияи миллии илмҳо дар ин самт масъулияти шахсӣ доранд.

Таъкид месозам, ки бинобар афзоиши аҳолӣ мо бояд дар даҳ соли минбаъда боз сохтмону таъсиси 2400 муассисаи томактабӣ, 3500 маркази инкишофи кӯдак ва 2200 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро амалӣ намоем, ки ин кор аз ҳар кадоми мо масъулияти ҷиддиро тақозо менамояд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҷиҳати вусъат бахшидан ба корҳои амалӣ ва ихтироъкориву навоварӣ мо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи паркҳои технологӣ»-ро қабул кардем, ки беш аз даҳ сол инҷониб амал карда истодааст.

Соли 2021 паркҳои технологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро аз андоз озод намуда, ба онҳо иловатан як қатор имтиёзҳо додем.

Тибқи маълумот ҳоло дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамагӣ 24 парки технологӣ амал мекунад.

Илова ба хеле кам будани чунин паркҳо, фаъолияти онҳо ба талабот ҷавобгӯй набуда, аксарашон ба ном вуҷуд доранд.

Бо дарназардошти ин, вазоратҳои маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нав ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки ҷиҳати ба талаботи замон мувофиқ намудани фаъолияти паркҳои технологӣ то охири соли ҷорӣ тадбирҳои дахлдор андешанд.

Ҳамаи мо медонем, ки дар бисёр кишварҳо дар асоси таҷҳизоту молҳои воридшаванда бо мутобиқ кардани онҳо ба шароит ва талаботи дохилӣ таҷҳизоту молҳои худиро истеҳсол мекунанд ва бо ин роҳ воридотро иваз мекунанд.

Барои чӣ дар ҳамкорӣ миёни паркҳои технологии муассисаҳои таҳсилоти олӣ, Академияи миллии илмҳо ва корхонаҳои саноатии кишвар истеҳсоли баъзе таҷҳизот ва молҳоеро, ки мо бо пардохти асъори хориҷӣ ворид мекунем, худамон дар дохил ба роҳ монда наметавонем?

Аз ин лиҳоз, вазоратҳои маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нав, Академияи миллии илмҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро зарур аст, ки ҷиҳати ба талаботи замон мувофиқ намудани фаъолияти паркҳои технологӣ ва вобаста кардани онҳо ба корхонаҳои истеҳсолии алоҳидаи кишвар то охири соли ҷорӣ тадбирҳои дахлдор андешанд.

Дастгоҳи иҷроияи Президенти мамлакат вазифадор карда мешавад, ки ин масъаларо таҳти назорат гирифта, бо таъсиси комиссияи махсус самаранокии хароҷоти маблағҳои аз ҳисоби муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар давоми даҳ соли охир барои паркҳои технологӣ ҷудогардидаро таҳлил карда, аз корҳои то охири сол амалишаванда натиҷагирӣ намояд.

**Мухтарам аҳли зиё!**

Дар фаъолияти кормандони Академияи миллии илмҳо як қатор камбудиҳои дигар, аз ҷумла, вобаста ба мубрам будан ё набудани мавзуъҳои таҳқиқотӣ, сифати корҳои илмӣ, натиҷаҳои бадастовардашуда ва аҳаммияти амалӣ, яъне татбиқи онҳо дар истеҳсолот ҷой доранд.

Таҳлил ва омӯзиш собит сохт, ки на ҳамаи кормандони академия дар бист соли охир ба натиҷаҳои хуби илмӣ ноил шудаанд.

Баъзе маводди илмии пешниҳодгардида ба самти фаъолияти озмоишгоҳ ё шуъбае, ки корманд дар он фаъолият менамояд, ҳеҷ алоқамандӣ надорад.

Дар самти илмҳои табиӣ ва техникӣ, аз ҷумла, дар пажуҳишгоҳҳои физикаву техника ва химия баъзе олимон дар доираи мавзуъҳое фаъолият доранд, ки барои илм ва истеҳсолоти ватанӣ аҳаммияти назариявӣ ё амалӣ надоранд ё таҳқиқоти такрорӣ мебошанд.

Як камбудии дигари аксари олимони кишвар ин аст, ки онҳо ғайр аз забони русӣ забонҳои дигари илми муосири ҷаҳониро намедонанд ва аз дастовардҳои навтарини олимони дунё сари вақт огоҳ намешаванд.

Ҳол он ки дар шароити кунунии ҷаҳонишавӣ донистани забонҳои асосии илми муосири ҷаҳонӣ яке аз шартҳои ба сатҳи байналмилалӣ баромадани натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва дастрасӣ ба дастовардҳои илмии кишварҳои пешрафта маҳсуб мешавад.

Аз ин рӯ, аз роҳбарони муассисаҳои илмӣ

## СУХАНИ ПЕШВО

талаб карда мешавад, ки дар ин самт тадбирҳои муассир андешанд.

Қобили зикр аст, ки ба шарофати кӯшишу талошҳои Ҳукумати мамлакат дар самти расидан ба ҳадафҳои миллӣ, хусусан, ноил гардидан ба ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръат имрӯзҳо дар соҳаи саноати кишвар дастовардҳои назаррас дида мешаванд.

Фаъолияти «Ширкати алюминийи Тоҷик», «Ноқил ТАЛКО», таъсиси даҳҳо корхонаи истеҳсоли семент, эҳё гардидани фаъолияти корхонаи «Тоҷик Азот», бунёди Маркази барқу гармидиҳӣ, корхонаҳои хурду бузурги коркарди пахта ва истеҳсоли маводи ғизоӣ ин матлабро тасдиқ менамояд.

Вале бояд гуфт, ки дар таркиби саноати Тоҷикистон истеҳсолоти химиявӣ, металлургия, саноати сабук, хӯрокворӣ, коркарди маъдан ва металлҳои қиматбаҳо дар мадди аввал қарор дорад, ки аз олимону донишмандони мо коркардҳои мушаххасу фоидаовари илмӣ, омода кардани кадрҳои баландихтисоси илмӣ ва муҳандисиву коргариро тақозо менамояд.

Бо мақсади таъмин намудани ин корхонаҳо бо мутахассисони баландихтисоси соҳавӣ, инчунин, рушди саноати сабук, хӯрокворӣ, маъдан ва геология ба Вазорати маориф ва илм дастур дода мешавад, ки ба масъалаи таъсиси факултети технологияи химиявӣ ва металлургия дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон чораҷӯӣ намояд.

Ҳамчунин, ба ҷалби ҷавонон ба омӯзиши ихтисосҳои барои рушди минбаъдаи саноати кишвар, аз ҷумла, саноати сабуку хӯрокворӣ муҳим ва ба таври ҷиддӣ баланд бардоштани сатҳи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Масъалаи татбиқи корҳои илмии анҷомёфта, истифодаи онҳо барои рушди иқтисодиёти мамлакат ва ҷалби соҳибкорон ба истифодаи натиҷаи корҳои илмӣ низ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, маориф ва илм, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Академияи миллии илмҳо ва Академияи илмҳои кишоварзӣ вазифадор карда мешаванд, ки барои баланд бардоштани ҳавасмандии кормандони соҳаи илми мамлакат механизми татбиқи натиҷаҳои коркардшудаи рисолаҳои илмиро дарёфт ва ба рушди иқтисодиёти мамлакат равона созанд.

Мо Комиссияи олии аттестатсионии миллии худро таъсис додем, то ки мушкилоти ҳимояи корҳои илмӣ ва тайёр намудани кадрҳои илмиро бартараф намоем ва имконият фароҳам оварем, ки муҳаққиқони мо имкони ҳимояи диссертатсияҳои худро дар кишварамон дошта бошанд.

Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сифати корҳои илмӣ, аз ҷумла, диссертатсияҳо хеле нигаронкунанда мебошад.

Яке аз сабабҳои паст гардидани сатҳу сифати корҳои илмӣ хунукназарии шуроҳои диссертатсионии амалкунанда, муассисаҳои пешбари тақриздиҳанда ва муқарризони расмӣ ба масъалаи арзёбии диссертатсияҳои ҳимояшаванда мебошад.

Дар баробари ин, дониши тахассусии баъзе довталабоне, ки рисолаҳои номзадӣ ва доктории худро тибқи низоми докторантура аз рӯйи ихтисос ҳимоя мекунанд, ҷавобгӯи талабот ва дараҷаи илмии дарёфтшаванда нест.

Ҳамчунин, баъзан ба чашм мерасад, ки кори илмии ба талабот ҷавобгӯй набуда, ки барои ҳимоя дар як шурои илмӣ иҷозат дода нашудааст, дар кӯтоҳтарин фурсат дар шурои диссертатсионии дигар ҳимоя мешавад.

Бо дарназардошти чунин вазъ, ба роҳбарияти Комиссияи олии аттестатсионӣ, Академияи миллии илмҳо, Академияи илмҳои кишоварзӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва дигар муасисаҳои илмии кишвар, ки дар назди онҳо шуроҳои диссертатсионӣ таъсис дода шудаанд, дастур дода мешавад, ки фаъолияти онҳоро зери назорати қатъӣ қарор диҳанд.

Моҳи марти соли 2020 ман дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат таъкид карда будам, ки вақтҳои охир довталабони дараҷаҳои илмӣ ҳангоми таълифи диссертатсияҳо ба камбудиҳои ҷиддӣ ва ҳатто плагиат (асардуздӣ) роҳ медиҳанд.

Шумо хабар доред, ки шумораи зиёди рисолаҳои илмии олимони даст ба асардуздизадаи тоҷик аз ҷониби шабакаи «Диссернет» фош карда шудааст.

Вале аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионӣ барои ислоҳи вазъ ва пешгирии чунин амалҳои номатлуб чораҳои муассир андешида намешаванд.

# СУХАНИ ПЕШВО

Баръакс, ҳолатҳои ҳимоя намудани олимони асардузд ва рӯйпӯш кардани кирдори онҳо ҷой доранд.

Моҳи апрели соли ҷорӣ аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионӣ ба Дастгоҳи иҷроияи Президент гузориш таҳти унвони «Оид ба таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ҳимояи шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар хориҷи кишвар ва зарурати интихоби мавзуи рисолаи илмӣ» пешниҳод гардид, ки дар он ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи шурои диссертатсионӣ дархост шудааст. Аммо аз тарафи комиссияи мазкур беасос будани хулосаҳои пешниҳоднамудаи шабакаи «Диссернет» оид ба асардуздии муаллифони рисолаҳои илмӣ исбот нашудааст ва дар ин хусус ягон далел пешниҳод нагардидааст.

То имрӯз аз ҷониби «Диссернет» 150 нафар олимони тоҷик (номзадҳо ва докторҳои илм) зимни таҳияи рисолаҳои илмӣ ба асардуздӣ гунаҳкор дониста шудаанд. Дипломи 7 нафари онҳо бо пешниҳоди «Диссернет» аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия беэътибор эълон гардидааст.

Боиси нигаронист, ки як қисми унвонҷӯён рисолаи илмии номзадиро худашон наменависанд ва ҳатто моҳияти онро дарк намекунанд.

Ҳимояи рисолаҳо тибқи сенарияи пешакӣ сурат мегирад, ки аз фаъолияти сохтакоронаи шуроҳои ҳимоя гувоҳӣ медиҳад.

Оё шумо – роҳбарони муассисаҳои илмӣ ва олимону донишмандон тасаввур мекунед, ки чунин вазъият ба обрӯи миллати тоҷик ва илми тоҷик чӣ қадар зарба мезанад?

Вақте мо ҳамеша мегӯем, ки гузаштагони мо ҳанӯз дар асрҳои миёна поягузорони шохаҳои гуногуни илм буданд, оё чунин рафтор ба шаъни мо нангу шармовар нест?

**Ҳозирини арҷманд!**

Яке аз масъалаҳои муҳимми илми кишвар муайян намудани самтҳои авлавиятдоштаи он мебошад.

Бо ин мақсад мо бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати мамлакат чор маротиба – барои солҳои 2007 – 2009, 2010 – 2012, 2015 – 2020 ва 2020 – 2025 «Номгӯйи самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул намудем.

Соли 2020 дар вохӯрӣ бо олимони кишвар таъкид карда будам, ки самту равияҳои авлавиятдошта бояд, пеш аз ҳама, ба навсозиву ислоҳоти иқтисоди миллӣ ва иҷрои ҳадафҳои стратегӣ – таъмини истиқлоли энергетикӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръат равона карда шаванд.

Дар баробари ин, зарурати таъмин кардани пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ дар замони муосир, хусусан, дар шароити тағйирёбии босуръати иқлим натиҷаҳои самарабахши илмиро дар самтҳои ташаккули «энергияи сабз», «иқтисоди сабз», «иқтисоди рақамӣ», ихтироъ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва зеҳни сунъӣ талаб менамояд.

Аз ҷумла, саҳми олимони ватанӣ дар татбиқи Стратегияи рушди «зеҳни сунъӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ва тибқи он то ба 5 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ расонидани даромад дар натиҷаи ҷорӣ намудани технологияҳои «зеҳни сунъӣ» хеле зарур ва ҳатмӣ мебошад.

Таҳлили ҳамаҷонибаи номгӯйи самтҳои авлавиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳад, ки он ҳанӯз пешрафти илми ватаниро бо дарназардошти дастовардҳои илми ҷаҳонӣ таъмин карда наметавонад ва бозбинии ҷиддиро тақозо менамояд.

Дар санадҳои қаблан қабулгардида самтҳои авлавиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ аз 65 то 110 номгӯйро дар бар гирифта, қисми зиёди онҳо бо мазмун ва ҳадафи худ наметавонанд дар ҳалли мушкилоти мавҷудаи кишвар дар марҳалаи рушд нақши калидӣ ё муассир дошта бошанд. Бо вуҷуди ин ки таҳқиқоти илмии самтҳои ғайригуманитарӣ қариб 75 фоизи ҳамаи таҳқиқоти амалишуда ва амалишавандаро дар давоми даҳ соли охир ташкил медиҳад, пешбинӣ намудани чунин шумораи бузурги самтҳои авлавиятдошта иҷрои сифатноки онҳоро ғайриимкон мегардонад.

Аз ин лиҳоз, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нав, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Академияи миллии илмҳо ва Академияи илмҳои кишоварзӣ вазифадор карда мешаванд, ки номгӯйи самтҳои авлавиятдоштаи таҳқиқоти илмиро аз нав таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Бо мақсади густариши таҳқиқоти илмӣ

## СУХАНИ ПЕШВО

дар самти рушди устувор, «иқтисоди сабз» ва сайёҳиву соҳибкорӣ бо Қарори Ҳукумати мамлакат дар назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон пажуҳишгоҳҳои илмиву таҳқиқотии «Иқтисоди сабз» ва «Сайёҳӣ ва соҳибкорӣ» таъсис дода шуданд.

Сохторҳои зикршуда вазифадоранд, ки бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ фаъолияти худро тақвият бахшида, дар доираи маркази татбиқи лоиҳа, ки дар назди донишгоҳ амал мекунад, оид ба тиҷоратикунонии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва пайванди илм бо истеҳсолот чораҳои зарурӣ андешанд.

Ҳамчунин, нашри мақолаҳои илмиро дар маҷаллаҳои бонуфузи ҷаҳонӣ зиёд карда, Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун «кишвари сабз» бештар ва ҳадафмандона муаррифӣ намоянд.

Фаъолияти илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ яке аз масъалаҳои дигари муҳим дар тайёр кардани кадрҳои илмӣ маҳсуб мешавад.

Дар сохтори муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ раёсату шуъбаҳои омода кардани кадрҳои илмӣ ва илмиву педагогӣ амал менамоянд.

Бинобар ин, Вазорати маориф ва илм ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вазифадор карда мешаванд, ки фаъолияти раёсату шуъбаҳои мазкурро бозбинӣ намуда, ҷиҳати тақвият бахшидани кор дар ин самт тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ беш аз 12 ҳазор нафар омӯзгор фаъолият менамояд, ки зиёда аз 5 ҳазору 500 нафар, яъне қариб 45 фоизи онҳо дорои дараҷаҳои илмӣ мебошанд.

Устодону омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бахусус, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун муассисаи пешсаф ғайр аз фаъолияти таълимӣ барои пешрафти илми мамлакат низ саҳми худро мегузоранд.

Яке аз авлавиятҳои илми донишгоҳӣ дар он аст, ки омӯзгор ба ҳайси муҳаққиқ барои дар амалияи таълимӣ татбиқ гардидани коркардҳои назариявӣ ва натиҷаҳои илмии бадастовардаи худ имкони бештар дорад.

Яъне ӯ метавонад дар радифи донишҳои назариявӣ таваҷҷуҳи шогирдони худро ба дониши амалӣ ҷалб намояд.

Аммо тибқи таҳлилҳо талаботи имрӯзаи соҳаи маориф ва сарбории вазнини таълимии омӯзгорон имкон намедиҳад, ки онҳо ба фаъолияти самараноки илмӣ машғул шаванд.

Аз ин рӯ, Вазорати маориф ва илмро зарур аст, ки ҷиҳати роҳандозӣ намудани таносуби дурусту босамари сарбории таълимӣ ва илмии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чораҳои иловагӣ андешад.

Ба корҳои илмиву таҳқиқотӣ кам ҷалб гардидани ҷавонони лаёқатманду забондон, рушд накардани мактабҳои илмии олимони собиқадор ва ҳавасмандии нокифояи аспирантҳову докторантҳо, хусусан, дар самти илмҳои табиӣ ва риёзӣ аз ҷумлаи мушкилоти асосии омода кардани кадрҳои илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ мебошад.

Вазорати маориф ва илм бояд ба рушди илми донишгоҳӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда, барои ҷалбу ҳавасманд гардонидани олимони ҷавон, ташаккули мактабҳои илмӣ ва дастгирии олимони соҳаҳои табиӣ ва риёзӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд.

Баланд бардоштани мақоми илми донишгоҳӣ дар сатҳи байналмилалӣ яке аз масъалаҳои дигари рушди илм дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ба шумор меравад.

Дар робита ба ин, Вазорати маориф ва илм вазифадор карда мешавад, ки фаъолияти худро ҷиҳати такмили пойгоҳи илмиву таҳқиқотии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ дар самти рушди илм ҷоннок карда, барои ворид шудани муассисаҳо ба рейтингҳои байналмилалӣ чораҳои муассир андешад.

Ба Дастгоҳи иҷроияи Президент дастур дода мешавад, ки бори дигар масъалаи тақвият бахшидани фаъолияти Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм ва ҷалби кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи ин муассисаро таҳлилу баррасӣ карда, бахусус, барои такмили механизмҳои назоратии ин муассиса чораҳои судмандро роҳандозӣ намояд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Истифодаи самарабахши натиҷаҳои илмӣ бунёдӣ ва амалӣ яке аз омилҳои муҳимми рушди устувори ҳар як давлат мебошад.

Бо мақсади суръат бахшидан ба рушди инноватсионӣ ва саноатикунонии кишвар мо соли 2021 Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030-ро қабул намудем.

Вале бояд гуфт, ки татбиқи ҳадафҳои пешбининамудаи стратегияи мазкур дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст ва дар ин самт мушкилоту камбудиҳои зиёд ҷой доранд.

Қисми зиёди ҳадафҳои пешбининамудаи стратегия дар муҳлатҳои муайяншуда амалӣ нагардидааст.

Масалан, нақшаи чорабиниҳои стратегияи мазкур аз 122 банд иборат буда, ҳадафҳои барои солҳои 2021 – 2023 пешбинигардида аз рӯйи 50 банди он иҷро нашудаанд.

Татбиқи сифатноку самарабахши стратегия метавонад рушди инноватсионии кишвар ва пайванди илм бо истеҳсолотро густариш бахшида, коркардҳои нави технологиро ба вуҷуд оварад.

Бо ин мақсад вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, корхонаҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор карда мешаванд, ки дар муҳлатҳои муқарраршуда иҷро гардидани санади мазкурро таъмин намоянд.

Масъалаи дигаре, ки мехоҳам махсус хотирнишон созам, мутобиқ ба манфиатҳои миллӣ, риояи принсипҳои дунявият, асосҳои сохти конститутсионӣ, таҳкими минбаъдаи сулҳу ваҳдати миллӣ ва ифтихори ватандорӣ анҷом додани корҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таълифи асарҳои илмӣ мебошад.

Фаромӯш набояд кард, ки барои мо меъёрҳои муқарраркардаи Конститутсия ва арзишҳои миллии таърихиву фарҳангӣ ҳамеша афзалият доранд.

Олимону зиёиёни мо ҳамчун неруи огоҳу пешсафи ҷомеа бояд дар корҳои илмӣ ва эҷодиёти худ ба ин меъёру арзишҳо таваҷҷуҳ ва эҳтироми хосса зоҳир карда, аз бегонапарастиву тарғиби ғояҳои носолим қатъиян худдорӣ кунанд.

Дар низоми илму маорифи кишвар ду ниҳоди муҳим – Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Пажуҳишгоҳи рушди маориф фаъолият мекунанд, ки таҳқиқи илмии масъалаҳои вобаста ба таълиму тарбия ва баланд бардоштани сифати таҳсилот ба зиммаи онҳо гузошта шудааст.

Таҳияи стандартҳои таълимиву фаннӣ, таълифи китобҳои дарсӣ, омӯзиши масъалаҳои педагогикаи муосир, таҳлили нишондиҳандаҳои барномаву консепсияҳои давлатӣ, мониторинги сифати таълим ва иҷрои нақшаву барномаҳои таълимӣ вазифаи асосии олимони муассисаҳои илмии зикршуда мебошад.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки фаъолияти ин муассисаҳои илмӣ чандон самарабахш нест.

Яке аз масъалаҳои ҳалталабе, ки солҳои зиёд дар назди ин муассисаҳо қарор дорад, таълифи китобҳои дарсии ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй мебошад.

Сифати таҳсилот асосан ба сатҳу сифати китоби дарсӣ, маводди таълимӣ ва маҳорати педагогии омӯзгор вобаста мебошад, ки ин масъалаҳо ҳанӯз беҳбудии ҷиддӣ мехоҳанд.

Зарур аст, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илм, Академияи таҳсилот ва Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба масъалаҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва китобҳои дарсӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад.

Дар ин росто, ба инъикоси ғояҳои давлатдории миллӣ ва арзишҳои ҳувиятсози халқамон дар китобҳои дарсии фанҳои ҷомеашиносиву гуманитарӣ, раванди таълим, таносуби соатҳои фаннӣ, усулҳои фаъоли таълим, роҳҳои самараноки омӯзиши фанҳои табииву риёзӣ ва ташаккули зеҳни фаъоли хонандагону донишҷӯён бояд тадбирҳои зарурӣ андешида шаванд.

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ вазифадор карда мешаванд, ки ба масъалаи забономӯзӣ, касбомӯзӣ ва мутобиқ ба бозори меҳнати дохиливу берунӣ омода кардани ҷавонону калонсолоне, ки дар муассисаҳои зертобеи онҳо таҳсил мекунанд, чораҷӯӣ намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар даҳ соли охир ба муассисаҳои илмии кишвар барои амалисозии 3354 лоиҳаи фармоишии илмиву таҳқиқотӣ зиёда аз 1 миллиарду 200 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст.

Дар вохӯрӣ бо олимони кишвар соли 2020 мақомоти дахлдор вазифадор гардида буданд, ки тавассути механизми нави маблағгузорӣ дар интихоби мавзуъҳо ва лоиҳаҳои фармоишӣ ба илмҳои барои кишвар зарурӣ афзалият дода шавад.

Дар ин замина, Қарори Ҳукумати мамлакат «Дар бораи қоидаҳои маблағгузории лоиҳаҳои

## СУХАНИ ПЕШВО

фармоиши илмиву таҳқиқотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва тасдиқ гардид, ки тартиби ташкил ва баргузории озмуни лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотии заминавӣ, грантӣ ва барномавии мақсаднокро танзим менамояд.

Вале дар ин самт ҳанӯз мушкилоти зиёд ҷой дошта, танҳо лоиҳаҳои фармоишии заминавӣ маблағгузорӣ шуда истодаанд ва лоиҳаҳои грантӣ ва барномавии мақсаднок то ҳол оғоз нашудаанд.

Бинобар ин, вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Академияи миллии илмҳоро зарур аст, ки ҷиҳати пешбинӣ ва ҷудо намудани маблағҳои муайян барои лоиҳаҳои фармоишии илмиву таҳқиқотии ба рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъмини амнияти кишвар нигаронидашуда тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Мо барои аз ҳолати таназзул раҳо намудани илмҳои бунёдӣ ҳанӯз соли 1996 Фонди Президентии таҳқиқоти бунёдиро таъсис додем Дар он рӯзҳо ҳоло ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт ва Созишномаи истиқрори сулҳ имзо нашуда буд.

Таҳлили вазъи иҷрои корҳои таҳқиқотӣ дар ин самт собит менамояд, ки бо вуҷуди таъсиси фонд ва дигар кумаку дастгириҳои Ҳукумати мамлакат вазъи илмҳои бунёдӣ дар сатҳи зарурӣ қарор надорад.

Камбудии ҷиддӣ, пеш аз ҳама, ба самтҳои авлавиятдоштаи фаъолияти илмиву таҳқиқотӣ ва инноватсионӣ мувофиқ набудани мавзуи лоиҳаҳо дахл дорад, ки дар аксари онҳо зарурат, яъне муҳимму мубрам будани онҳо, навгонии илмӣ, фарогирии масъалаҳои илмӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас дар истеҳсолот дида намешавад.

Сифат ва ҳадафҳои асосии таҳқиқот аз назари иҷрокунандагон дур монда, онҳо то имрӯз натавонистанд, ки бо кашфиёту навовариҳо ба пешрафти илми ватанӣ мусоидат намоянд ва ба рушди самтҳои дигари илм роҳ кушоянд.

Таъкид бояд кард, ки қисми зиёди лоиҳаҳои илмӣ дар асоси рисолаҳои номзадӣ ё доктории қаблан ҳимояшудаи роҳбарони лоиҳаҳо таҳия ва пешниҳод карда мешаванд.

Роҳбарони баъзе лоиҳаҳо рисола омода карда, онро ҳимоя мекунанду дараҷаи илмӣ мегиранд ва ҳам номи рисоларо каме тағйир дода, ҳамчун лоиҳаи илмии таҳқиқотӣ пешниҳод менамоянд.

Бинобар ин, масъалаи дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ намудани таҳқиқоти бунёдиву лоиҳаҳои илмӣ дар муассисаҳои академӣ ва таҳсилоти олии касбии кишвар бағоят муҳимму мубрам маҳсуб мешавад.

Зарур аст, ки вазъи татбиқи лоиҳаҳои илмиву таҳқиқотӣ давра ба давра арзёбӣ гардида, натиҷаҳои илмии бадастомада ба таври мушаххас ба Президенти мамлакат пешниҳод гарданд.

Илова бар ин, дар ҳисоботи даврӣ ва солонаи Академияи миллии илмҳо натиҷаҳои фаъолияти фонди мазкур ва татбиқи лоиҳаҳои илмиву таҳқиқотии он алоҳида мавриди таҳлил қарор дода шаванд.

Дар шароити кунунӣ ҳифзи амнияти озуқаворӣ ба қисми таркибии амнияти миллӣ табдил ёфта, барои таъмини он истифодаи роҳу василаҳои илмиву инноватсионӣ зарур мебошад.

Ин масъала яке аз вазифаҳои асосии Академияи илмҳои кишоварзӣ мебошад.

Академияи илмҳои кишоварзӣ вазифадор аст, ки барои ноил гардидан ба пешравӣ дар ҳамаи бахшҳои кишоварзӣ ва татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар – ҳифзи амнияти озуқаворӣ ҳамаҷониба мусоидат намояд.

**Мухтарам олимону донишмандон!**
**Кормандони соҳаи маорифи мамлакат!**
**Ҳозирини арҷманд!**

Вазъи кунунии ҷаҳон ҳар яки моро водор месозад, ки дар кишварамон сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро боз ҳам мустаҳкам гардонем ва манфиатҳои миллии худро аз таъсири пайомадҳои манфии равандҳои ҷаҳони муосир ҳифз намоем.

Ҳифзи ҷомеаи кишвар аз таъсири зуҳуроти манфии ҷаҳони муосир, аз ҷумла, фарҳангу маънавиёти бегона, дар руҳияи худшиносиву ватандӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми забони модарӣ, таърих, суннату анъанаҳо, расму оинҳо ва либоси миллӣ тарбия кардани наслҳои наврасу ҷавон қарз ва вазифаи муҳимтарини ҳар яки мо ба шумор меравад.

Дар ин раванд, ҷалби ҳарчи бештари ҷавонон ба илмомӯзӣ ва густариши тафаккури илмӣ миёни онҳо, инчунин, фароҳам овардани тамоми шароити зарурӣ дар ин самт вазифаи муқаддаси зиёиёни кишвар ва дар навбати аввал, кормандони соҳаи илму маориф мебошад.

# СУХАНИ ПЕШВО

Зеро бори дигар хотиррасон месозам, ки дар замони мо, яъне давраи шиддати рӯзафзуни рақобату мухолифатҳо танҳо давлатҳое ҳастии худро ҳифз карда, пеш рафта метавонанд, ки миллати босаводу огоҳ, низоми пешрафтаи илмиву инноватсионӣ ва олимону навоварони донишманд дошта бошанд.

Мо дар ин ҷода, ба хотири он, ки ҷавонону наврасон ва умуман, шаҳрвандони худро дар руҳияи гиромидошт ва омӯзиши илму дониш ва фарҳангу маърифат, худшиносиву худогоҳии миллӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ ва ифтихори ватандорӣ тарбияву раҳнамоӣ кунем, бо истифода аз тамоми имкониятҳо шароити заруриро муҳайё карда истодаем.

Фаромӯш набояд кард, ки яке аз омилҳои асосии хурофотпарастӣ ва гароидан ба ғояҳои иртиҷоӣ сатҳи пасти маърифатнокӣ ва тафаккури илмӣ дар ҷомеа мебошад.

Маҳз илму маориф асоси пешрафти давлат ва раҳоии ҷомеа аз ҳама бадбахтиҳо, аз ҷумла, ифротишавӣ, хурофотпарастӣ ва ҷаҳолат аст.

Бовар дорам, ки олимони мо чун ҳамеша рисолати худро дар назди миллату давлат бо садоқати баланди ватандорӣ ичро намуда, дар ҳифзи дастовардҳои истиқлол, муқаддасоти миллӣ таҳкими хотираи таърихиву фарҳангии миллати тоҷик ва муаррифии шоистаи Ватани азизамон – Тоҷикистон саҳми арзишманди худро мегузоранд.

Мехоҳам бори дигар хотирнишон намоям, ки имрӯз вазъи соҳаи илми кишвар ислоҳоти ҷиддиро тақозо мекунад ва мо ба қудрати созандаи олимони мамлакат эътимоди комил дорем, ки онҳо камбудиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намуда, пешрафти илмиву инноватсионии Ватани азизамонро таъмин месозанд.

Дар шароити ташаннуҷи рӯзафзуни вазъи геосиёсии ҷаҳони имрӯза мо набояд нисбат ба тақдири миллату давлат ва ҳар як шаҳрванди кишвар бетараф бошем.

Ман ба мардуми шарифи Тоҷикистон, бахусус, ҷавонони бонангу номуси он такроран муроҷиат карда, иброз медорам, ки мо ҳаргиз набояд ба умеди дигарон бошем.

Мо бояд ҳамеша ба имконоту неруи худ такя кунем, Ватани биҳиштосоямонро сидқан дӯст дорем, заҳмат кашем, кишвари маҳбубамонро бо дастони хеш ва бо неруи зеҳнии худамон боз ҳам обод кунем, ба якдигар ғамхору меҳрубон бошем, ҳамдигарро дар лаҳзаҳои душвору вазнин дастгирӣ намоем.

Ба миллати тоҷдорамон, ба давлати соҳибистиқлоламон ҳамеша содиқ бошем, доим дар хотир дошта бошем, ки миллати тоҷик ба туфайли забону фарҳанг, илму дониш ва маърифати баланди хеш дар мураккабтарин давраҳои таърихи беш аз шашҳазорсолаи худ аз байн нарафт, зинда монд ва минбаъд низ зиндаву ҷовидон хоҳад монд.

Мо бояд дилпур бошем, ки ояндаи давлати тоҷикон дурахшон аст.

Мо истиқлолу озодиро, ки неъмати бузургтарину муқаддастарини зиндагиамон мебошад, ба ягон чиз ва ҳаргиз иваз намекунем.

Борҳо таъкид кардаам ва такроран таъкид менамоям, ки мо бояд илму дониш омӯзем, забонҳои хориҷиро аз худ кунем, шогирд тарбия намоем, наврасону ҷавононамонро соҳибмаърифат ва соҳибкасбу соҳибҳунар гардонем, ки онҳо дар оянда муҳтоҷи дигарон нашаванд.

Имрӯз замоне расидааст, ки мо бояд беш аз ҳар вақти дигар зираку ҳушёр бошем, давлатдории миллии худ ва манфиатҳои давлату миллатамонро ҳимоя намоем, амнияти давлат ва ҷомеа, сулҳу субот ва ваҳдати миллиро ҳамчун пояи устувори давлати озоду соҳибихтиёрамон эҳтиёт ва ҳифз кунем.

Ҳар яки мо бояд шукрона кунем, ки соҳиби Ватани озод ва давлати соҳибистиқлол ҳастем ва Тоҷикистони азизи моро, ки дар созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ баробари тамоми кишварҳои мутамаддину пешрафта як овоз дорад, имрӯз дар дунё на танҳо мешиносанд, балки ташаббусҳои онро ба хотири ҳалли мушкилоти сайёра ҷонибдорӣ ва эътироф мекунанд.

Мо бояд ҳамеша сарҷамъу муттаҳид бошем ва ҳаргиз фаромӯш накунем, ки кафили ояндаи дурахшони давлату миллати мо иттиҳоду ягонагӣ ва ваҳдати миллии мо мебошад.

Бовар дорам, ки шумо – олимону донишмандон ва омӯзгорону зиёиёни муҳтарам – бо таҳқиқоти арзишманди илмии худ ва мавқеи созандаатон дар рушду пешрафти давлат саҳми бештар мегузоред ва минбаъд низ рисолати ватандории худро бо садоқат ба Тоҷикистони маҳбуб ва мардуми шарафманди он ичро менамоед.

**Саломат бошед.**

**Шаҳноза ҲАСАНОВА,**
**омӯзгори мактаби №13-и**
**ноҳияи Рашт**



# ТАРБИЯИ ҲУҚУҚИИ НАВРАСОНУ ҶАВОНОН ТАЛАБОТИ ЗАМОН АСТ

Мо дар давлате зиндагӣ дорем, ки дар он Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ кафолати ҳифзи ҳуқуқ ва механизми танзими тамоми соҳаҳои ҷамъиятӣ мебошанд. Мамлакати мо давлати ҳуқуқбунёд буда, фаъолияти он ба таъмини ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва шаъну шарафи инсон нигаронида шудааст. Чуноне ки Конститутсия дар моддаи 5 эълон доштааст: «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд».

Яъне, имрӯз Тоҷикистон дар шароити Истиқлоли давлатӣ барои шинохти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва муқаддасоти давлатдорӣ аз диди тоза назар андохта, беҳтарин арзишҳо, ормонҳо ва ченакҳоеро муайян кардааст, ки метавонанд манфиатҳои имрӯзу фардои миллату давлатро дилпурона дифоъ намоянд. Бо ин мақсад, таҷрибаи таърихии ҳуқуқи ниёгон ва дастовардҳои ҷаҳони муосир низ мавриди омӯзиш қарор мегирад. Шинохти инсон ҳамчун арзиши олӣ дар анъанаҳои афкори ҳуқуқии мардуми мо ҷойгоҳи сазовор касб намуда, дар низоми ҳуқуқии имрӯзаи мо, ба таври арзанда инъикос ёфтааст.

Барои пойдор нигоҳ доштани давлати ҳуқуқбунёд, инчунин, таъмини мавқеи сазовори он дар сиёсати хориҷӣ, бояд барои ҷамъоварӣ ва азхудкунии донишҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби шаҳрвандон, ҳамчунин, фароҳам овардани эҳтиром ба қонун ва муносибати дуруст ба он шароит муҳайё кард. Ҳамин тариқ, бояд барои дуруст ташкил кардан ва ба амал баровардани раванди тарбияи ҳуқуқии аҳолӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат намуд.

Ба маънои васеъ тарбия раванди ташаккули шахс, такмили одатҳои устувори рафтор мебошад. Илова бар ин, дар раванди



таълим фароҳам овардани шароите, ки ба таври бояд худмуайянкунии шахсиятро дар асоси меъёрҳои маънавию ахлоқӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва ахлоқӣ ба манфиати шахсият, оила, давлат ва ҷамъият ба амал меоварад, хеле муҳим аст.

Намудҳои зиёди таълим вуҷуд доранд, ки дар онҳо тарбияи ҳуқуқии шахс нақши муҳим дорад. Масъалаи ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар муассисаи таълимии муосир, инчунин, ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар байни субъектҳои раванди таълим аҳаммияти махсус дорад.

Масалан, мушкилоти давраи таҳсили наврасро бо ҷустуҷӯйи роҳҳои қонеъ гардондани шаш талаботи асосӣ алоқаманд кардан мумкин аст:

**- эҳтиёҷоти физиологие, ки ба фаъолияти ҷисмонӣ ва ҷинсии наврасон такон мебахшад;**

**- зарурати амнияте, ки наврасон дар мансубият ба гурӯҳ пайдо мекунанд;**

**- эҳтиёҷоти мустақилият ва озодшавӣ аз оила;**

**- эҳтиёҷот ба муҳаббат;**

**- зарурати муваффақият, санҷидани қобилиятҳои худ;**

**- эҳтиёҷот дар худшиносӣ ва рушди шахсият, ки бо мафҳуми «Ман» ифода меёбад.**

**Барои рушди дурусти ҳар яке аз ин бандҳо дар эҳтиром ба қонун ва зарурати такмили он ҳамчун манбаи уҳдадориҳои ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ муассисаи таълимӣ нақши бузург дорад.**

Тарбияи ҳуқуқии наврасон - ин равандест, ки барои ташаккули шаҳрванди фаъол, худбаҳодиҳии ахлоқӣ ва саводнокии ҳуқуқӣ нигаронида шудааст.

Мақсади тарбияи ҳуқуқии мактаббачагон дар муассисаи таълимӣ ин омӯзонидани таҷрибаи зарурии ҳуқуқӣ ва донишҳои ҳуқуқӣ, муносибати мусбат ба давлат ва ҳуқуқ мебошад.

Вазифаҳои тарбияи ҳуқуқии мактаббачагон дар шароити муассисаи таълимӣ аз инҳо иборатанд:

**- баланд бардоштани сатҳи саводнокии ҳуқуқии хонандагон;**

**- ташаккули рафтори ҳуқуқии мактаббачагон дар муҳити муассисаи таълимӣ ва берун аз он;**

**- ташаккули ақидаҳо дар бораи аҳаммияти қонун дар ҳаёти шахси муосир.**

Тарбияи ҳуқуқии хонандагони мактаб бо тарбияи ахлоқӣ робитаи зич дорад, зеро муносибати мусбат ба қонун бе эҳтироми шахс ба ҳуқуқ ва озодиҳои шахсони дигар ташаккул ёфта наметавонад ва дар натиҷаи тарбияи дурусти мактаббачагон тарбияи ҳуқуқии онҳо ҳам ташаккул меёбад.

Раванди тарбияи ҳуқуқии наврасон дар мактаб аз синфҳои ибтидоӣ оғоз гардида, танҳо пас аз хатми таҳсил ба охир мерасад. Ҳаёти мактаббачагони синфҳои ибтидоӣ аз рӯйи қоидаҳо ва меъёрҳои одӣ идора мешавад. Ба ташаккули саводнокии ҳуқуқии наврас обрую эътибори баланди омӯзгор, истеъдод ва ошкорбаёнии ӯ таъсири мусбат мерасонад.

Муҳим аст, ки хонандагони хурдсол бо ҳуқуқҳои асосӣ, ки қонунгузории Тоҷикистон пешбинӣ мекунад, шинос карда шаванд. Наврасон бояд дарк кунанд, ки қонунҳо барои ҷомеа хеле муҳиманду набояд онҳоро вайрон кард. Раванди тарбияи ҳуқуқии синфҳои ибтидоӣ бояд дар асоси бозиҳо ва суҳбатҳои тарбиявӣ, инчунин, бо истифодаи презентатсияҳо ва видеороликҳо гузаронида шаванд.

Хонандагони синфҳои болоӣ метавонанд маълумоти мураккабтари ҳуқуқиро дарк кунанд. Дар фаъолият бо онҳо бояд эҳтиром нисбати қонунҳои мамлакат, ки дар ҳаёти минбаъдаи онҳо ҷузъи ҷаҳонбинии онҳо хоҳад шуд, инчунин, тарбияи рафтори қонунӣ ва пешгирии ҷиноят ва ҷиноятkoриро инкишоф додан зарур аст ва наврасон бояд фаҳманд, ки дар қонун ҷавобгарии мувофиқ барои кирдорҳои дорои хусусияти ғайриқонунӣ пешбинӣ шудааст.

Дуруст ташкил кардан ва ба амал баровардани раванди тарбияи ҳуқуқии аҳолии ҷумҳурӣ, ки бунёди он ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пайванд аст, муҳим буда, барои пойдории давлати демократии ҳуқуқбунёд ва қонунмеҳварии аҳолӣ нақши калидӣ дорад.

**Айниддин ХОЛИҚЗОДА,**
**сардори шуъбаи сифати таҳсилоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Давлат ИМОМНАЗАРОВ,**
**корманди Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**





# КОНСЕПСИЯИ МИЛЛИИ АРЗЁБӢ – ҲУҶҶАТИ МУҲИМ ВА ТАКОНБАХШИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ

Дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ, дар партави эъломияи афзалиятмандии соҳаи тақдирсоз, дар низоми таҳсилоти кишвар таҳаввулоту тағйироти ҷиддӣ ба миён омад ва таъкиди стратегии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба «омили муҳимтарини таҳкими давлат ва наҷоти миллат ҳисобидани маориф» пурра тасдиқи худро ёфт. Маорифи кишвар дар давоми ин солҳо тавонист, дар таъмини пешрафти босуботи ҷомеа, устувор гардонидани иқтидори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ақлонии ҷумҳурӣ ва дар маҷмуъ, дар рушду нумуи кишвар, бахусус, дар солҳои охир саҳми худро гузорад. **Гузашта аз ин, қабул ва таҳрири нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", "Консепсияи миллии маълумот", "Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", «Консепсияи миллии тарбия", "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030", Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ эълон кардани солҳои 2020-2040», "Консепсияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044" ва санадҳои дигари муҳимми меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф пояи устувори илмӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии мактабдории Тоҷикистонро таҳким бахшида, боиси таъмини пешрафти соҳаи маориф ва ҷомеа гардидаанд ва ногуфта намонад, ки саҳми Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он хеле назаррас арзёбӣ мегардад.** Ҳамзамон, иҷрои бандҳои санадҳои муҳимму калидии соҳаи маориф имконият фароҳам меорад, ки Тоҷикистон эъмори маорифи навини худро дар асоси илму фарҳанги миллӣ ва байналмилалӣ, бо ба эътибор гирифтани суннатҳои миллӣ ба сомон расонад. Дар ин росто, дар қатори силсилаи вазифаҳои давлатсозӣ, мақом ва ҷойгоҳи хосса доштани соҳибихтиёрии маорифу мактаби миллӣ, аз ҷумла, диққати махсус ба таҳия ва таҷдиди ҳуҷҷату санадҳои ҳуқуқию меъёрии соҳаи маориф -таъминкунандаи муваффақонаи таҳсилоти босифат, арзёбии натиҷаҳои таълимии хонандагон, мувофиқат ва мутобиқати он ба талаботи замони муосир ва меъёрҳои кишварҳои пешрафта зоҳир карда мешавад, ки он ҳам аз такмили маорифу мактабдории Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад [5,3].

Бояд зикр кард, ки яке аз ҳуҷҷатҳои муҳимми стратегӣ дар баробари дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии калидӣ **«Консепсияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2044»** арзёбӣ гардида, он барои ба танзим даровардани арзёбии сатҳи дониш, малакаю маҳорати хонандагон (аз арзёбии сатҳи синф то арзёбии миллӣ ва байналмилалӣ), ворид намудани хонандагон ба раванди омӯзиши босифат тавассути коркарди низом ва меъёрҳои арзёбии дастовардҳои таълимӣ ва рушди камолоти маънавии хонандагон бо дарназардошти талаботи замони муосир ва меъёрҳои арзёбии байналмилалӣ заминаи устувор бунёд хоҳад кард. Консепсияи мазкур бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расида, он дар такмили таҳсилоти босифат нақши калидӣ хоҳад дошт.

**Мақсад ва вазифаҳои ҳуҷҷати мазкур аз инҳо иборатанд:**

**- бунёди системаи шаффоф ва воқеии арзёбии**

**муосири дохилимактабӣ (арзёбиҳои ташхисӣ, ташаккулдиҳанда, ҷамъбастии марҳилавӣ, ниҳоӣ, аттестатсия), миллию байналмилалӣ бо мақсади таъмини маълумоти боэътимод дар бораи сифати таҳсилот ва муайян намудани дурнамои рушди он дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар;**

**- баланд бардоштани сифати таҳсилот тавассути низоми комилшудаи арзёбӣ дар ҳама зинаҳои таҳсилот;**

**- омода намудани ҳуҷҷатҳои иловагӣ дар шакли меъёрҳои (тартиб) дақиқ, воқеӣ ва низомномаҳо барои таъмини эътимоднокӣ ва самаранокии ҳар як намуди арзёбӣ;**

**- арзёбӣ намудани пешрафти таълимӣ, сатҳи рушди камолоти маънавӣ, муайян намудани дастовард, мушкилоти хонандагон дар раванди омӯзиш ва дарёфти роҳҳои бартарафсозии онҳо;**

**- ба танзим даровардани механизмҳои муосири баҳогузорӣ ва арзёбии мониторинги иҷрои талаботи стандартҳои давлатӣ, фаннӣ ва барномаҳои таълимӣ;**

**- қабули қарорҳо ва идоракунии раванди таълим бо дарназардошти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба арзёбии сифат ва мазмуни таҳсилот (стандартҳои фаннӣ, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дигар маводди таълимӣ);**

**- мувофиқу мутобиқ намудани арзёбии натиҷаҳои таълимӣ ва тарбиявии кишвар ба талаботи замони муосир ва меъёрҳои байналмилалӣ;**

**- ба роҳ мондани ҳамкории доимӣ байни омӯзгорон, таълимгирандагон, падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) ва роҳбарияти муассисаи таълимӣ дар раванди арзёбии сифати таълим ва омӯзиш.**

## ДУРН,АМОИ КОНСЕПСИЯИ МАЗКУР ЧУНИН АСТ:

**- амалӣ намудани пайдарпаӣ ва ҳамоҳангии арзёбиҳо дар сатҳи синф, муассисаи таълимӣ (арзёбиҳои ташхисӣ, ташаккулдиҳанда, ҷамъбастии марҳилавӣ, ниҳоӣ), аттестстсияи аз синф ба синф гузаронидан ва хатм, арзёбиҳои миллӣ ва байналмилалӣ;**

**- ворид кардани тағйироту иловаҳо ба нақшаю барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ дар асоси натиҷа ва хулосаҳои арзёбӣ (арзёбиҳои дохилисинфӣ, миллӣ, байналмилалӣ);**

**- ба танзим даровардани меъёрҳои арзёбӣ вобаста ба сатҳҳо (синфӣ, муассисавӣ, дохилӣ, беруна, миллӣ ва байналмилалӣ);**

**- пешбинӣ намудани омодакунии ҳуҷҷатҳои иловагӣ барои таъмини эътимоднокӣ ва самаранокии ҳар як намуди арзёбӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот.**

Истифодаи намудҳои зерини арзёбӣ дар консепсияи болозикр пешбинӣ гардидаанд, ки ҳангоми арзёбии дараҷаи азхудкунии маводди таълимӣ тибқи талаботи стандартҳои фаннӣ ва барномаҳои таълимии пешбинигардида омӯзгорон аз онҳо васеъ истифода намуда, фаъолияти хонандагонро ба маҷрои дуруст равона месозанд:

***Арзёбии ташхисӣ*** сатҳи ибтидоии ташаккули дониш, малака ва маҳорати хонандаро муайян мекунад ва ба омӯзгор дар муайян кардани сатҳи ибтидоии дониши хонандаи инфиродӣ барои ташкили раванди таълими босифат кумак мерасонад. Арзёбии ташхисӣ, одатан, дар оғози соли таҳсил ё дар машғулияти аввали омӯзиши фасл, боб, мавзуи дарси мушаххас ва дигар ҳолатҳо аз ҷониби омӯзгори фаннӣ гузаронида мешавад.

***Арзёбии ташаккулдиҳанда*** раванди доимии ҷамъ овардан, коркарду таҳлили маълумоти сифатӣ оид ба сатҳи дарк, азхудкунии масъалаҳои таълим ва мутобиқ сохтани фаъолиятҳои таълиму омӯзиш ба ниёзи фардии (индивидуалии) хонанда буда, он хонандаро водор месозад, ки сатҳи инкишоф, дастоварду мушкилоти худро ба таври ҳамешагӣ муайян кунад ва барои пешрафту бартарафсозии мушкилоти муайяннамудаи худ фаъолиятҳои амалиро анҷом диҳад. Арзёбии ташаккулдиҳанда ба омӯзгор низ имкон медиҳад, ки баҳри дарки мушкилот дар таълим ва ворид кардани дигаргуниҳо ба фаъолияти минбаъдаи худ (интихоби методҳои нав, технологияи таълим, тақсимоти вақти дарс, интихоби супоришҳои фаъолкунандаи раванди фикрӣ ва ғ.) маълумот ба даст орад.

***Арзёбии ҷамъбастӣ (марҳилавӣ)*** дараҷаи муваффақият, пешрафти хонандагонро дар азхудкунии талаботи стандартҳои фанни мушаххас ва гурӯҳи стандартҳои фаннӣ муайян ва баҳогузорӣ мекунад. Ин навъи арзёбӣ дар охири омӯзши мавзуъҳои калонҳаҷм, боб (қисмат), фаслҳо анҷом дода мешавад. Арзёбии ҷамъбастии марҳилавӣ ҳамчун арзёбии омӯзиш, барои муайян кардани дараҷаи азхудкунии маводди таълимӣ, ки дар раванди он хонандагон салоҳиятҳои асосии худро рушд додаанд, гузаронида мешавад ва натиҷаи он қайд карда шуда, барои ҳисобот дар бораи дастовардҳои хонандагон истифода мешаванд.

# ТАТБИҚИ БАРНОМАҲОИ ДАВЛАТӢ

***Арзёбии ҷамъбастӣ (ниҳоӣ)*** сатҳи муваффақият, пешрафти хонандагонро дар азхудкунии талаботи стандартҳои фанни мушаххас ва гурӯҳи стандартҳои фаннӣ муайян баҳогузорӣ мекунад. Ин навъи арзёбӣ дар охири чоряк, нимсола, солона ва аттестстсия анҷом дода мешавад. Хусусияти асосии арзёбии ҷамъбастӣ муайян кардани қобилияти хонандагон дар истифодаи маводди дарккардашудаи назариявӣ дар амал мебошад.

Бояд зикр намуд, ки қабули консепсияи мазкур ҳадаферо пайгирӣ мекунад, ки минбаъд дар баланд бардоштани сифати таҳсилот, рушди камолоти маънавӣ, иқтисодию иҷтимоии ҷомеа, бахусус, эъмори низоми нави таҳсилот ва арзёбии шаффофи сатҳи дониш, малака ва маҳорати хонандагон саҳмгузор хоҳад буд, зеро маърифатнокӣ ва рушди қобилиятҳои зеҳнию фикрии шахсият, саломатии руҳӣ, гуногунҷанбагӣ, саъю талош, ҷустуҷӯ ва эҷодкорӣ, маҳорату қобилияти ҳалли вазифаҳои мураккаб ва калидӣ, маънавиёти воло, инсондӯстӣ ва ватандӯстии содиқонаро барои ӯ маҳз таҳсилоти муназзам ва арзёбии воқеии натиҷаҳои он (таҳлили ҳаррӯзаи фаъолияти хонанда оид ба ҳар як мавзуи фанни мушаххаси таълимӣ), дарёфти роҳҳои мунтазами бартарафсозии мушкилоти раванди омӯзишу таълим ва тавассути он пешрафти муваффақонаи ӯро таъмин карда метавонад. Гузашта аз ин, қайд намудан зарур аст, ки дар суханронӣ ва вохӯриҳо бо қишрҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумла, 1 сентябри соли 2023 дар Донишгоҳи тиббии Хатлон дар ноҳияи Данғара бахшида ба “Рӯзи дониш” Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муваффақият ва камбудиҳои соҳаи маорифро ошкоро хотиррасон ва таҳлил карда, барои беҳбуди фаъолияти масъулини соҳа, олимон, коршиносон, омӯзгорон маслиҳат ва дастурҳои калидии зеринро пешниҳод намуданд: **“Ба масъалаҳои омодагӣ ва гузариш ба низоми бисёрхолаи арзёбии дониши хонандагон, назорати қатъии таъмин намудани давоми таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ба таҳсилоти тафриқавӣ гузаронидани хонандагони синфҳои 5 - 11 эътибори ҷиддӣ зоҳир карда шавад” [6, 2].**

Аз ин рӯ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба коркарди Дастурамали низоми бисёрхола ва меъёрҳои арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти рушди босуръати техникаю технология, зуҳури илм, афзудани иттилооту мушкилоти ҳифзи он дар доираи вақти мавҷуда, тағйирпазирии талаботи бозори меҳнат, омода намудани хонанда ба дарёфти мавқеи хеш дар ҳаёти воқеӣ, имконияти фаъолият кардан дар кишварҳои пешрафта ва гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим мутахассисон, коршиносон, кормандои раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо, омӯзгорони эҷодкору амалгаро ва дигар тарафҳои ба таълиму тарбия масъулро фаро гирифт. Натиҷаи дастаҷамъонаи таҳияи он аз ҷониби коршиносон хуб арзёбӣ гардида, дар айни ҳол тибқи дастурамали мазкур дар 140 муассисаи таълимии кишвар озмоиши низоми баҳогузории 10-хола ва арзёбии меъёрҳои он бомаром идома доранд, ки он яке аз самтҳои муқарраароти консепсияи мазкур маҳсуб меёбад. Низоми 10-холаи баҳогузорӣ ва меъёрҳои арзёбии он аллакай дар бисёр кишварҳои хориҷи дуру наздик дар асоси тақиқоти густурда, таҳлилу хулосабарориҳо ва ибрози фикру андешаҳои ҷонибҳои ба он фарогир ба роҳ монда шуда, истифодаи он ба баланд гардидани сифати таҳсилот, сатҳи дониш, малака ва маҳорати хонандагони ин кишварҳо дар сатҳи дилхоҳ мусоидат намудааст (ҷумҳуриҳои Гурҷистон, Белорус, Литва, Қазоқистон, Россия (интихоби ҳар гуна низом аз 10 то 100-хола озод аст), Босния ва Гертсеговина, Исландия, Финландия, Руминия, Бразилия, Исроил, Ҳолланд, Мексика, Юнон ва ғайра). Аз ин рӯ, Вазорати маориф ва илм барои самаранок гардонидани раванди таълим, таъмини маълумоти воқеӣ дар бораи дастовардҳои таълимии хонандагон, ташкили механизми арзёбии меъёрӣ, мониторинги самараи татбиқи он, аз ҷумла, ҷиҳати иҷрои талаботи стандартҳои фаннӣ ва барномаҳои таълимӣ кормандони маорифи кишвар, мутахассисон, коршиносон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимиро ба озмоиши низоми 10-хола ҷалб намуда, пешрафт, дастоварду мушкилот ва тадбирҳои бартарафсозии норасоиҳои раванди онро таҳти назорати ҷиддӣ қарор додааст. Бояд зикр кард, ки воқеан, бо дарназардошти гузариши пурра ба муносибати босалоҳият дар таълим коркарди низомномаи баҳогузории 10-хола ва арзёбии меъёрҳои сатҳи дониш, малака, маҳорати хонандагон оид ба ҳар як фанни таълимӣ бештар зарурати воқеӣ пайдо карда, ба тасвиб расидани Консепсияи миллии арзёбии сифати таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли

2044 барои ба итмом расонидани коркарди ин низомнома заминаи воқеӣ хоҳад гузошт. Гузашта аз ин, муқаррароти консепсия дар раванди арзёбии дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон ба самтҳои зерин мусоидат хоҳад кард:

**- пешниҳоди иттилооти боэътимод (дақиқ) дар бораи натиҷаҳои таълимии хонанда ҳамчун нишондиҳандаи асосии сифати таҳсилот;**

**- таҳлили дастовард ва мушкилоти хонанда дар раванди омӯзиш ва дарёфти роҳҳои бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида;**

**- ворид сохтани тағйироту иловаҳои асоснок ва дахлдор ба стандартҳои фаннӣ, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ вобаста ба муваффақият ва мушкилоти таълимии хонандагон;**

**- назорати мақсаднок ва идораи босуботи сифати таҳсилот ва фаъолияти самарабахши хонандаю омӯзгор;**

**- ҳавасмандсозии хонанда ба донишомӯзии мақсадноку ташаккулдиҳанда;**

**- назорати иҷрои талаботи стандартҳои фаннӣ ва барномаҳои таълимӣ;**

**- ҳамкории васеи муассисаҳои таълимӣ, хонандагон ва падару модарони онҳо барои баланд бардоштани шавқу завқи донишомӯзии хонандагон.**

**Инчунин, бояд зикр намуд, ки гузариш ба меъёрҳои бисёрхолаи муосири арзёбӣ дар марҳилаи кунунӣ аз чанд ҷиҳат афзалиятнок шуморида мешавад, аз ҷумла:**

**- меъёрҳои арзёбии мазкур ташаккули доимии хонандаро таъмин карда метавонанд (таҳлили асосноки хонанда ва бартарафсозии мушкилоти муайяншуда ҳам тавассути худтаҳлилкунӣ ва ҳам таҳлил аз ҷониби омӯзгор);**

**- низоми 10-холаи баҳодиҳӣ ва меъёрҳои арзёбии он ба омӯзгор имкон медиҳад, ки ба натиҷаи ниҳоӣ ва комёбиҳои фардии хонанда баҳои воқеӣ гузорад, зеро чунин имкониятро ин низом барои омӯзгор фароҳам меорад;**

**- дар раванди арзёбии 10-хола ба ташаккули инфиродӣ, аз ҷумла, рушди қобилиятҳои илмӣ-лоиҳавӣ, ташаббускорӣ, эҷодкории хонанда таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад.**

Дар баробари он, арзёбии натиҷаҳои таълимии хонанда ҷузъи муҳими раванди педагогӣ дониста шуда, он сатҳи муваффақиятҳои таълимӣ-шаклгирии дониш, маҳорат, малакаи хонандагон, дараҷаи рушди салоҳиятҳои асосӣ ва фаннии онҳо ва ташаккули шахсиятро муқаррар менамояд ва ба интихоби доираи фаъолияти таълимии минбаъдаи ҳар як хонанда замина мегузорад. Бояд қайд намуд, ки **дар замони муосир дар низоми таҳсилоти кишварҳои зиёд ислоҳоти васеъ дар самти коркарди моделҳои нави арзёбӣ, бақайдгирии дастовардҳои таълимии хонандагон ва ташкили аттестатсияи хатмкунии зинаҳои таҳсилот гузаронида мешавад.**

Арзёбӣ аз рӯи меъёрҳои муосир барои татбиқи муқаррароти консепсия заминаҳои зерин барои такмили мундариҷаи таҳсилот хоҳад гузошт:

**- асоснок кунии ворид намудани тағйироти арзишманд ба стандартҳои фаннӣ, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ тавассути нишондодҳои бадастомада ва аз озмоишгузаштаи истифодаи меъёрҳои арзёбӣ;**

**- ворид намудани фанҳои таълимӣ (дар сурати зарурат) ба барнома ва нақшаҳои таълимӣ барои омода намудани мутахассисони сатҳи миллӣ дар шароити талаботи рӯзафзуни бозори меҳнат, нигаронидани таваҷҷуҳи асосӣ аз омӯзиши назария ба амалия ва ҳалли мушкилоти муайянгардидаи хонандагон;**

**- тарҳрезии системаи арзёбии дохили-мактабӣ-таъмингари фаъолияти самарабахши системаи таҳсилот, омодасозии воситаҳои арзёбии баландсифати ҷавобгӯ ба мундариҷаи талаботи стандартҳои муосир, истифодаи одилона ва шаффофияти тартибот (муқаррарот) барои гузаронидани аттестатсияи хатмкунӣ дар зинаҳои таҳсилот ва ташкили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои ба танзим даровардани масъалаҳои мазкур.**

**Адабиёт:**

1. Лутфуллоев М.П. Дарс. – Душанбе: «Маориф», саҳ. 1995. – 192.

2. Мухторов З. Проблемы оценивания. Маҷ. «Мактаб ва ҷомеа», 2003, №3. саҳ. 20-23.

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 26.12.2018.

4. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. (ҚҲҶТ аз 29.09.2020)

5. Шарифзода Ф. Доктринаи таҳсилоти насли бомаърифати ояндасоз. Душанбе. 2022. саҳ. 15.

6. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ ҳангоми гузаронидани Рӯзи дониш-Дарси сулҳ дар Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дар ноҳияи Данғара (01.09.2023)

БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ҒАЛАБА

**Файзулло ҚУРБОНОВ,**
**омӯзгори коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе**

# РАВЗАНАЕ БА ТАЪРИХ – “ҲЕҶ КАС ВА ҲЕҶ ЧИЗ ФАРОМӮШ НАМЕШАВАД”

9-уми май Рӯзи Ғалаба бар фашизм ва рӯзи ба итмом расидани Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба ҳисоб меравад. Рӯзи Ғалабаро тамоми халқҳои тараққипарвари ҷаҳон ҷашн мегиранд, зеро баробари ба сари қудрат омадани фашистон, аксарияти халқҳои ҷаҳонро хатари маҳрумият аз озодӣ ва гирифторӣ ба бардагӣ таҳдид мекард. Маҳз бо чунин мақсад фашистони хунхор соли 1941 Ҷанги сеюми ҷаҳонро оғоз намуда буданд, аммо онҳо интизор надоштанд, ки ба муқовимати сахти халқи собиқ Иттиҳоди Шуравӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Сарфармондеҳи Қувваҳои Мусаллаҳи Олмони фашистӣ ба ҷабҳаи марказӣ бо мақсади ишғоли шаҳри Москва–пойтахти Иттиҳоди ҷамоҳири Шуравӣ неруву техникаи зиёди ҷангиро дар ихтиёр гузошт.

Ин ҳуҷуми ғофилгирона марзу хатҳои дифоии давлати Шуравиро шикаста, шаҳрҳоро валангор намуд ва деҳу русторо ба хоку хун кашида, садҳо ҳазор инсони бегуноҳро аз зиндагии осоишта маҳрум кард. Миллионҳо сокини давлати азими Шуравиро фирорию овора гардонид. Ҳуҷуми душман беист пеш мерафт ва дар баъзе минтақаҳо то ба масофаи 17 километр ба шаҳри Москва наздик омада буд. Ҳатто, баъзе командирони онҳо ба хешу ақрабо ва дӯстони худ хабари ғалабаро ҳам навишта буданд...

Мо ҳамеша доир ба фашизм ҳарф мезанем, менависем ва дар дарсҳову машғулиятҳоямон фашизмро мазаммат мекунем, вале аксаран моҳият, таърих ва раванди ташаккули ин низоми миллатгароиро ба таври амиқ дарк намекунанд. Ҳаракати сиёсӣ - миллатгароии фашизм соли 1922 дар Италия таҳти роҳбарии Бенито Мусоллини рушд намуда, соли 1933 намояндагони ин ҳаракат дар Олмон ба ҳокимияти сиёсӣ расида буданд ва ҳадафҳои идоракунии мутлақи ҷаҳонро тарҳрезӣ мекарданд.

25-уми ноябри соли 1936 давлатҳои Олмон ва Япония қарори зиддикоммунистиро имзо карда, соли 1937 ба ин қарори ғасбкорона давлати Италия низ ҳамроҳ шуд.

Фашистони Олмон ва иттифоқчиёни онҳо ба Иттифоқи мустаҳками халқҳои Шӯравӣ боварӣ надоштанд. Онҳо чунин андешаи хом доштанд, ки баробари ҳуҷуми фашистон гӯё Иттиҳоди Шӯравиро ҷанги дохилӣ фаро мегирад ва ин набардҳои дохилӣ амалиёти забткоронаи онҳоро осон мекунад. Аллакай воқеаҳои рӯзҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ исбот намуд, ки дӯстии байни халқҳои Шуравӣ на танҳо хатчадор нашуд, балки қавитар гардид.

Субҳи 22-юми июни соли 1941 Олмони фашистӣ бе эълони ҷанг ба ҳудуди Иттиҳоди Шуравӣ ҳуҷум кард. Ҳуди ҳамон рӯз иттифоқчиёни он - давлатҳои Италия, Финландия, Венгрия, Руминия низ ба Иттифоқи Шуравӣ ҷанг эълон карданд...

Дар солҳои ҷанг аз Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон наздик ба 300 ҳазор фарзандони асил ба сафи мубориза бар зидди озодии Ватан ҳамроҳ шуданд. Аз ин миқдор, 209 ҳазор дар ҷабҳаҳои ҷангӣ, 45 ҳазор дар саноати ҳарбии мамлакат ва боқимонда дар сохтмони барқарорсозии иншооти вайроншуда, фаъолият мекарданд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба баъзе дармонгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 ҳазор захмдор оварда шуданд, ки аз ин миқдор қариб 25 ҳазор нафарашон табобат ёфта, боз ба ҷабҳаҳои ҷангӣ баргаштанд.

Аз фиристодагони Тоҷикистон 58 ҳазор нафарашон дар амалиётҳои ҷангӣ мардонагию шуҷоати зиёд нишон дода, сазовори ордену медалҳои давлатӣ гардиданд.

54 фарзанди шуҷои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба унвони аз ҳама баланди ҷанг - Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ сазовор шуданд, ки намояндагони 9 миллат мебошанд. Инчунин, 19 нафар аз фиристодагони кишвари мо бо ҳар се дараҷаи Ордени Шараф сазовор шуданд, ки онҳо ҳам дар қатори Қаҳрамонони Иттиҳоди Шуравӣ баробар меистанд.

# БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ҒАЛАБА

Ҷанговарони ҷумҳурии мо дар муҳорибаҳои назди Москва, Сталинград, мудофиаи Ленинград ва ғайраҳо қаҳрамониҳои бемисл нишон доданд. Чуноне ки Аҳмад Турдиеви тоҷик дар қатори намояндагони 8 миллати Шуравӣ қариб ду моҳ "хонаи Павлов"-ро аз душман мудофиа намудааст.

Дар муҳорибаи Курск тӯпчиён Ҳодӣ Кенҷаев ва Исмоил Ҳамзаалиев аввалин шуда ба гирифтани Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ сазовор шуданд.

Дар гузаштани дарёи Днепр 21 нафар фиристодаи тоҷик ба гирифтани унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ сарфароз гардиданд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, аз ҷумлаи фиристодагони далери Ҷумҳурии Тоҷикистон дар майдонҳои ҷанг на танҳо мардҳо, балки бонувони тоҷик низ корнамоӣ нишон доданд. Ба ин корнамоӣ лётчикдухтар Ойгул Муҳаммадҷонова, ки 93 парвоз анҷом додааст ва бо Ордени Ленин мукофонида шудааст, афсари хизмати тиббӣ Шаҳрӣ Ҳайдарова, С. Ниёзова ва дигарон мисол шуда метавонанд. Ин духтарони диловари тоҷик бо тамоми ҳастии худ дар самтҳои фаъолияташон хизмат намуда, барои ғалаба бар фашизм шоистагӣ нишон додаанд.

Адибони тоҷик ҳам дар солҳои ҷанг на танҳо асарҳои баландмазмуни ватанпарварӣ офариданд, балки як қисми онҳо, ба монанди Ҳабиб Юсуфӣ, Сотим Улуғзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Боқӣ Раҳимзода, Василий Кириллов, Ҳаким Карим, Ҳабиб Аҳрорӣ, Абдушукур Пирмуҳаммадзода, Лутфулло Бузургзода, Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ ва дигарон ба фронт сафарбар гардиданд. Аз онҳо, Ҳ. Юсуфӣ, А. Пирмуҳаммадзода, Ҳ. Карим ва Л. Бузургзода дар майдони ҷанг ҳалок шуданд.

Дар баробари ин, мардуми меҳнаткашу ватандӯсти Тоҷикистон барои таъмини ҷабҳаҳои ҷанг бо маводди ғизоӣ корҳои бузург анҷом дода, аз Тоҷикистон ба фронт гандум, ҷав, равған, шир, қаймок, меваҳои хушку тар, гӯшт, пӯст, пашм, моҳӣ, консерваҳо, матоъ ва аз конҳои Тоҷикистон ангишт, намак, тилло, нуқра, сурб ва уран, ки асоситарин маводи ҷангӣ мебошад, ирсол карда шуданд.

Бо ҷоннисориҳои фарзандони фарзонаи миллатҳои бародарӣ сарзамини Шуравӣ аз истилои фашизм озод шуда, роҳбари фашистони олмонӣ Адолф Гитлер барои ҳимояи Берлин 63 дивизияи ҷангӣ ва 23 дивизияи ихтиёриёнро сафарбар намуд. Ҳуҷум бар Берлин аз 16-уми апрел сар шуда, то 8-уми май давом кард.

30-юми апрел Адолф Гитлер шикасти амиқи худро дарк карда, даст ба худкушӣ зад ва ин хабарро генерали немис Ҳанс Кребс ба генерали Шуравӣ Василий Чуйков мерасонад. Василий Чуйков ин хабарро ба Маршали Иттифоқи Шуравӣ Г. К. Жуков мерасонад. Г. Жуков, ки роҳбари муқтадири артиши Шуравӣ буд, ин хабарро ба Котиби Генералии Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ Иосиф Виссарионович Сталин мерасонад.Аҳдномаи шикастхӯрии Олмон шаби 9-уми май, соати 00:50 ба имзо расид, ки онро аз тарафи Иттиҳоди Шуравӣ Маршал Г. К. Жуков ва аз тарафи Олмон генерал-фелдмаршал Вилгелм Кейтел имзо кардаанд. Ҳамин тавр, аз ҳамон вақт, яъне, аз 9-уми майи соли 1945 ба поси қаҳрамонию диловарӣ, ҷасурию мардонагӣ ва ҳифзи хотираи неки шаҳидони роҳи озодӣ ҳар сол ин рӯз ҳамчун Рӯзи Ғалаба бар Олмони фашистӣ ҷашн гирифта мешавад, ки 46 моҳу 13 рӯз ё 1418 рӯз давом кард ва бо ғалабаи комили халқи собиқ давлати Шуравӣ анҷом ёфт.



15-УМИ МАЙ - РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ОИЛА

**К. М. РАҲИМӢ,**
**унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

# ХОНАВОДА САРЧАШМАИ АСЛИИ ДАРЁФТ ВА РУШДИ ИСТЕЪДОДҲОСТ

Оила асоси ҷомеаро ташкил дода, дар муҳити он меҳру муҳаббат, дастгирӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ ҳувайдо гардида, арзишҳои асосии инсонӣ, аз қабили муоширату ҳамгирой бо муҳити атроф ташаккул меёбанд. Анъанаҳо, урфу одат ва оинҳои хонаводагӣ ба сифати сарчашмаҳои асосии ташаккули шахсияти инсон дар оила баромад намуда, рушду инкишофи минбаъдаи кӯдакон низ аз онҳо вобастагии куллӣ дорад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Оила дар фарҳанги мардуми куҳанбунёди тоҷик ҳамчун ниҳоди муқаддас эътироф гардидааст, зеро беҳтарин арзишҳои инсонӣ, аз қабили муҳаббату садоқат, самимияту вафодорӣ ва ҳамдигарфаҳмиву таҳаммулгарой маҳз дар оила ташаккул меёбанд» [6].

Гузаштагони бузурги мо, ба монанди Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав, Низомӣ, Саъдӣ, Имоми Аъзам, Унсурулмаолии Кайковус, Абдураҳмони Ҷомӣ, Аҳмади Дониш ва дигарон оид ба тарбияи фарзанд ва нақши оила рисолаву осори зиёде таълиф намудаанд, ки дар онҳо доир ба мақоми падару модар, интихоби ҳамсар, одобу маърифати зан ва монанди инҳо дастуру насиҳатҳои бисёр арзишманд мавҷуданд. Унсурулмаолии Кайковус дар асари арзишманди худ "Қобуснома" ба тарбияи насли наврас падару модарон, омӯзгоронро масъул донista, яке аз вазифаҳои асосии падарро таълиму омӯзонидани илму дониш, ҳунару пешаҳои зарурӣ ба фарзанд мешуморад ва ӯро ба иҷрои ин вазифа даъват менамояд: «Пас бояд, ки ҳар чӣ омӯхтанӣ бошад, аз фазлу ҳунар фарзандро биёмӯз, то ҳисси падариву шафқати падарон ба ҷой оварда бошӣ... Ҳар ҳунареву фазле рӯзе ба кор ояд. Пас, дар фазлу ҳунар омӯхтан тақсир набояд кардан...» [8, 9].

Дар ҷомеаҳои анъанавӣ оила маркази ҳаёт донista шуда, дар он кӯдакон вобаста ба фарҳанг, дин, анъана ва ахлоқ аз волидон ва дигар аъзои солманди хонавода сабақ гирифта, тавассути арзишҳои оилавӣ бо аз бар кардани ҳунару маҳорати хонаводагӣ ба ҷомеа ворид мегардиданд. Маълум мешавад, ки оила барои иҷтимоикунонии кӯдакон, яъне, ба онҳо таълим додани меъёрҳои иҷтимоӣ, қоидаҳои рафтор ва муносибат ба атрофиён низ масъул буда, тавассути тарбияи фарзанд ба интиқоли мероси фарҳангӣ низ замина мегузошт. Имрӯзҳо низ оила дар тарбияи фарзанд нақши муҳим дошта, бо гузашти вақт ва ташаккул ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ саҳми он дар таълим ва тарбияи фарзанд дар якҷоягӣ бо дигар институтҳои ҷомеаи навин, ба монанди мактаб, падидаҳои фарҳанги оммавӣ ва технологияи муосир калидӣ буда, фазои он бо дарназардошти арзишҳои иҷтимоӣ макони асосии рушди кӯдакон боқӣ мондааст. Дар замири кӯдакон тухми некию муҳаббат нисбат ба одамон кишт шуда, бачаҳо дарсҳои аввалини муҳаббат ба наздикон, арҷгузорӣ ба қонуну тартиботи давлативу ҷамъиятӣ ва асосҳои тарбияи шаҳрвандиро мегиранд. Бидуни он тарбияи насли аз ҷиҳати ҷисмониву равонӣ солим ғайриимкон аст. Аз ин ҷост, ки ҷомеаи муосир ба нигоҳдорӣ ва таҳкими оила ниёз дорад. [1, 7].

Ҳамин тариқ, бо дарназардошти гуфтаҳои боло раванди тарбия ва ташаккули шахсияти кӯдаконро дар оила метавон падидаи асосии иҷтимоӣ–педагогӣ маънидод намуд, ки он дар илми муосири педагогика ҳамчун тарбияи оилавӣ маъмул аст. Тарбияи оилавӣ солҳои тӯлонӣ аз ҷониби баъзе олимони соҳа ҳамчун бахши педагогика эътироф нагардида, баръакси ин ақида ба андешаи муҳаққиқони маъруфи соҳаи педагогика Дима ва Наталя Зитсер бинобар асосҳои зерин он бахши умдаи соҳаи педагогика мебошад:

## 15-УМИ МАЙ - РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ОИЛА

**Якум, мавҷудияти манфиати шахсии ҳамаи иштирокдорон-узви оила дар он.**

**Дуюм, ҳамкории амалан доимии субъектҳо ва таъсири онҳо ба якдигар.**

**Сеюм, раванди ташаккули шахсии ҳамаи аҳли оила дар он [2, 279].**

Бо дарназардошти ин нукта метавон хулоса кард, ки тарбияи оилавӣ ҳамчун соҳаи педагогика раванди ташаккул ва рушди шахсияти кӯдакро бо аз худ кардани меъёру арзишҳо, анъанаҳо, муошират ва ҳамкорӣ бо узви оила дар назар дошта, ба ташаккули хислат, ҷаҳонбинӣ ва рафтори кӯдак ҳамчун омилҳои асосии иҷтимоикунонии он таъсири назаррас мерасонад.

Ба таъкиди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Дар оилае, ки муносибати ҳамсарон мусолиҳатомез ва ботаҳаммул аст, фарзандон тарбияи хуб мегиранд. Бузургон оиларо оинаи кӯдак ном бурдаанд. Ӯ дар ин «оина» ояндаи худро мебинад, барои муносибатҳои шахсии худ дар оянда тарҳе месозад. Дар тарҳи сохтаи кӯдак тамоми хислатҳо, гуфтору рафтори манфию мусбати волидайн инъикоси худро меёбад» [7].

Волидайн метавонанд кӯдаконро ба фаъолияти эҷодӣ ҳавасманд кунанд, дастрасиро ба намудҳои гуногуни санъат, асбобҳои мусиқӣ, китобҳо ва ҳар гуна бозиҳо фароҳам оранд, ки ба рушди қобилиятҳои эҷодии онҳо мусоидат мекунанд. Инчунин, волидайн метавонанд барои фаъолияти фардии эҷодии кӯдак шароит фароҳам оранд, шавқу рағбатҳои ӯро ба соҳаҳои гуногуни санъат ва илм дастгирӣ намуда, ба таҷриба ва эҷодиёти мустақил мусоидат намоянд. Оила барои ташкили ҷараёни оқилонаи ҳаёти кӯдак дар асоси таҷрибаи мусбати рӯзгор ва собиқаи наслҳои калонсоли хонавода масъул буда, вазифадор аст, дар ин асно барои ӯ таҷрибаи пурарзиши инфиродии фаъолиятро дар асоси одат ва анъанаҳо таъмин намояд [3].

Арзишҳои дар оила ташаккулёбанда заминавӣ буда, онҳо дар ҳаёти шахс барои амалӣ кардани устувории минбаъда дастурҳои асосӣ медиҳад. Бисёре аз онҳо метавонанд, дар раванди мутобиқшавию ташаккулёбии шахс дар ҷомеаи тағйирёбанда таъсиргузор бошанд [5, 39]. Масалан, агар волидайн дар оила ба мусиқӣ дилбастагӣ дошта бошанд, онҳо метавонанд, асбобҳои мусиқиро навозанд ё суруд хонанд, фарзандони онҳо метавонанд инро як шуғли муқаррарӣ ва лаззатбахш донанд. Кӯдакон дар зери таъсири муҳити оилавӣ қобилиятҳои мусиқавӣ ва эҷодии худро инкишоф медиҳанд. Агар дар оила ҳунарҳои дастӣ қадр карда шаванд, волидайн метавонанд, вақти худро ба расмкашӣ, дӯзандагӣ, ҳайкалтарошӣ ё дигар намудҳои ҳунарҳои мардумӣ сарф кунанд ва ба ин кор фарзандонро низ ҷалб кунанд. Ҳамчунин, волидон метавонанд, кӯдаконро ба мутолиаи китоб ташвиқ намуда, хониши оилавӣ ташкил кунанд. Он метавонад, тавассути эҷодиёти адабӣ ё таҳлили асарҳо шавқу рағбати кӯдаконро ба адабиёт бедор созад, тасаввуроташонро инкишоф диҳад ва ба рушди қобилиятҳои эҷодии онҳо мусоидат кунад. Тавассути муҳокимаи китобҳои хондаашон кӯдакон метавонанд тасаввурот, малакаҳои таҳлилӣ ва тафаккури эҷодии худро инкишоф диҳанд. Волидон, инчунин, метавонанд кӯдаконро барои эҷоди ҳикояҳои худ ташвиқ кунанд, ки ин ба рушди малакаҳои адабӣ ва эҷодиёти онҳо мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, мутолиаи оилавӣ метавонад на танҳо як роҳи фароғат, балки як воситаи тавонои ташаккули салоҳиятҳои эҷодии кӯдакон бошад, зеро он ба ташаккули тахаюлот, маҳорати адабӣ ва қобилияти баён кардани фикрҳои онҳо мусоидат мекунад. Ҷанбаи дигари хониши оилавӣ имкони баҳсу мунозира дар бораи матлаби хондаашон мебошад. Волидон метавонанд дар бораи сюжети китоб, персонажҳо, дарсҳои ахлоқӣ ва мавзуъҳои китоб савол диҳанд, ки ин ба кӯдакон дар рушди малакаҳои таҳлилӣ, тафаккури интиқодӣ ва қобилияти тафаккури эҷодии онҳо мусоидат мекунад. Агар волидайн дар оила ба корҳои техникӣ, аз қабили робототехника, барномасозӣ ё таъмири таҷҳизоти гуногун шавқу ҳавас дошта бошанд, онҳо метавонанд фарзандони худро ба чунин фаъолиятҳо ҷалб кунанд. Масалан, онҳо метавонанд лоиҳаҳои муштарак оид ба сохтани роботҳо, моделҳо гузаронанд ё дарсҳои асосҳои барномасозӣ гузаронанд. Волидон, инчунин, метавонанд кӯдаконро ба он ташвиқ кунанд, ки мустақилона бо технология озмоиш кунанд ва ба онҳо дастрасӣ ба маҷмуаҳои сохтмонӣ, ҷузъҳои электронӣ ё дигар маводро барои эҷоди дастгоҳҳои технологии худ фароҳам оранд. Ин метавонад шавқу рағбати

кӯдаконро ба техникаву технология афзоиш диҳад, малакаҳои онҳоро дар муҳандисӣ, барномасозӣ ва электроника инкишоф диҳад. Вазифаҳои оила дар ташаккули салоҳиятҳои эҷодии кӯдак аз фароҳам овардани фазои мусоид барои эҷодкорӣ иборат аст. Волидон метавонанд дастрасӣ ба чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ, семинарҳо ва барномаҳои таълимиро фароҳам оранд, ки барои рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдак илҳом мебахшанд. Дар моддаи 8-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» таъкид гардидааст, ки падару модар бояд барои ҳифзи саломатӣ, ташаккули ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии фарзанд шароит муҳайё карда, ӯро ба зиндагии мустақилона омода сохта, дар руҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, инчунин, бартарии манфиатҳои миллӣ аз шахсӣ тарбия намоянд [4].

Дар ин асно вазифаҳои оила дар ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории кӯдакон аз инҳо иборат шуда метавонанд:

**-фароҳам овардани шароити мусоид барои эҷодкорӣ ва худмуаррифӣ;**

**-баланд бардоштани шавқу рағбати кӯдак ба соҳаҳои гуногуни санъат, илм ва ҳунар;**

**-кӯдакро дар кӯшишҳои эҷодии ӯ дастгирӣ намуда, ӯро ба озмоиш ҳавасманд кардан;**

**-иштирок дар лоиҳаҳои муштараки эҷодӣ бо кӯдак;**

**-ҳавасманд кардани кӯдак ба мустақилона омӯхтан ва дарки ҷаҳон тавассути фаъолияти эҷодӣ ва ғайра.**

Волидон бояд бо фароҳам овардани дастрасӣ ба мавод ва захираҳои гуногун ҷиҳати таъмини муҳити мусоиди эҷодкорӣ кӯшиш намуда, дар баланд бардоштани шавқу рағбати фарзанд ба соҳаҳои гуногуни санъат, илм ва ҳунар, ки ба рушди қобилиятҳои эҷодии ӯ мусоидат мекунад, талош варзанд. Илова бар ин, бояд кӯшиш кард, ки кӯдак дар ин раванд хатоӣ ва нокомиҳоро ҳамчун як ҷузъи раванди эҷодӣ қабул намояд. Аз муҳокима доир ба мавзуи нақши оила ҳамчун институти иҷтимоию педагогӣ дар ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории кӯдакон чунин хулосаҳо баровардан мумкин аст:

**-оила дар ташаккули салоҳиятҳои эҷодии кӯдакон бо фароҳам овардани дастгирӣ, илҳом ва имкониятҳои эҷодкорӣ нақши муҳим мебозад;**

**-муҳити оилавӣ метавонад, ки кӯдаконро ба талошҳои эҷодии худ илҳом бахшад ва ба онҳо имкон фароҳам оварад, ки фикри худро баён кунанд ва қобилиятҳои эҷодиашонро инкишоф диҳанд.**

Ҳамин тариқ, оила ҳамчун падидаи иҷтимой-педагогӣ дар ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории кӯдакон, таъмини шароит ҷиҳати инкишофи эҷодии онҳо ва фароҳам овардани дастгирӣ ва илҳом барои зуҳури қобилиятҳои ниҳоӣ нақши муҳим дошта, дар ин самт ҳамчун сарчашмаи асосии дарёфт ва рушди истеъдодҳо, ки барои рушди ҷомеаи муосир муҳим арзёбӣ мегардад, ҷойгоҳи махсус дорад.

**Адабиёт:**

1. Азаров Ю.П. // Семейная педагогика. Воспитание ребёнка в любви, свободе и творчестве. Москва: Эксмо, 2015, - 496 с.

2. Дима и Наталья Зицер. Современное педагогическое искусство. Азбука НО. – Изд. 4-е. СПб.: Издательско-Торговый Дом «Скифия», 2018, - 432 с.

3. Дополнительное образование детей. Психолого - педагогическое сопровождение // отв. ред. Л.В. Байбородова. – 2-е изд., испр. и доп. - М. “Юрайт”, 2016. – 413 с.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», № 762, аз 2 августи соли 2011.

5. Основы педагогики и психологии: учебник // А.М. Руденко и др. Ростов н/Д: Феникс, 2023, - 335 с.

6. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи модар. 06.03.2015, шаҳри Душанбе http: //prezident.tj/node/8349.

7. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бахшида ба муҳокимаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд». 08.04.2011, шаҳри Душанбе http: //president.tj/node/400.

8. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома. // Таҳия, пешгуфтор ва тавзеҳоти Мирзо Муллоаҳмад ва Меҳрӣ Шарофова. Душанбе, «Маориф», 2016, - 240 с.

**Ҳасан АЗИЗОВ,**
**“Маърифати омӯзгор”**



# ҶАВОНОН МОЯИ ИФТИХОРАНД

Солҳои охир дар кишвари соҳибистиқлолу хуршедии мо Рӯзи ҷавонон бо шукӯҳу шаҳомати хосса ва басо хотирмон таҷлил мегардад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи рӯзҳои ид” низ санаи 23 май ҳамчун Рӯзи ҷавонон сабт гардидааст. Ҷиҳати сазовор истиқбол гирифтан аз ин санаи муҳим аз тарафи Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, донишгоҳу донишкадаҳо ва дигар вазорату кумитаҳои дахлдор ҳар гуна конфронс, семинар, мизи мудаввару фестивалҳо ва дигар чорабиниҳои фарҳангӣ - фароғатии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ баргузор карда мешаванд, ки ҳамаи ин, аз таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати ҷумҳурӣ ба ин қишри пешбарандаи ҷомеа мебошад.

Масъалаҳои аслию ҳалталаби ҷавононро, ки як қишри муҳимми ҷомеа маҳсуб мешаванд, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз оғози соҳибистиқлолӣ ва расидан ба сулҳу салоҳи миллат дар меҳвари сиёсати давлатӣ қарор дода, масъалаи беҳтару хубтар намудани шароити кору таҳсили ҷавононро дар маркази таваҷҷуҳи хеш қарор додаанд. Чунин ғамхориву таваҷҷуҳи ҳамешагии Президенти маҳбуби кишвар аст, ки имрӯзҳо фаъолияти ҷавонон миёни аҳли ҷомеа торафт рушду тақвият ёфта, онҳо дар тамоми самтҳои иқтисодию фарҳангӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва илмию адабӣ иштироки фаъолона намуда, тарафдории самимонаву ватанпарастонаи худро аз сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумати Тоҷикистон бо кору рафтори пешқадамонаи худ собит сохта истодаанд.

Боиси ифтихор ва фараҳмандист, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати ҷавононро дар авлавияти кори худ қарор дода, барои дастгирии онҳо тамоми чораҳои заруриро ба роҳ мондааст. Аз ҷумла, барои ҳавасманд гардонидани ҷавонони фаъолу пажуҳанда, ки дар самти таҳқиқоти илмӣ кор мекунанд, таъсис додани Ҷоизаи давлатии ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавонон дар риштаи илм, Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимон ва омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, пешниҳоди имтиёзҳо, додани қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ба омӯзгорони ҷавон ва стипендияҳои Президентӣ барои аспирантон ва олимони ҷавон, квотаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дастгирӣ ва ҷалби духтарону писарони деҳот ба таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода шудааст.

Ҳамзамон, аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба роҳ мондани ташаббусҳои навин ва татбиқи муваффақонаи сиёсати давлатии ҷавонон тадбирҳои зарурӣ амалӣ мешавад. Масалан, ҳамасола аз тарафи Вазорати маориф ва илм озмунҳои “Грантҳои хурд ҷиҳати ҷалби донишҷӯён ба таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва кашфиёту ихтироъкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Навовари беҳтарин” ва “Донишҷӯ ва пешрафти илму техника” гузаронида мешавад, ки дар он донишҷӯёни зиёд иштирок мекунанд. Ҳадаф аз баргузор намудани озмунҳои мазкур, ҷалби ҷавонон ба илм, бедор намудани шавқу завқи онҳо ба донишу худшиносӣ ва ватанпарастӣ, пайдо намудани ҷавонони боистеъдод дар бахши илму маориф, ихтироъкориву навоварӣ мебошад.

Аксари ҷавонони худогоҳу меҳанпарасти кишвар ва ҷавонони диловару ғаюри кишвар дар навбати худ ин ҳама дастгирию имтиёзҳои Ҳукумати мамлакатро дарк намуда, ҳар кадоме дар самтҳои фаъолияти худ самимона кор карда, ҳам дар риштаи илму маърифат ва ҳам дар иқтисоду тиҷорат ва ё дар самти варзиш самимонаву содиқона масъулияти фарзандии

## 23-ЮМИ МАЙ - РӮЗИ ҶАВОНОН

худро адо менамоянд.

**Дар ҳақиқат, маҳз бо дастгириҳои ҳамаҷонибаи Пешвои муаззами миллат соли 2017 Соли ҷавонон эълон гардид, ки ин як ҷаҳон фараҳу шодӣ барои ҳар як ҷавони кишвар буд.**

**Ҷавонони кишвари мо бояд кӯшиш намоянд, ки муассисаҳои таълимиро бо баҳои хубу аъло хатм намуда, таҳсили худро дар муассисаҳои олии кишвар идома диҳанд. Ҳар як ҷавони кишвари мо бояд ба падару модар, инчунин, ба Ватани хеш содиқона хидмат намояд. Дар ҷомеаи имрӯза ҳастанд ҷавononе, ки аз рӯйи нодонӣ ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ шомил гардида, зиндагии ширини худро талх гардонда, худро ба кӯи бадбахтию нокомӣ мебаранд. Ҷавононе, ки ба ин гуна гурӯҳҳо шомил мегарданд, онҳо натанҳо ояндаи хешро тира месозанд, балки падару модари худро низ ба ғаму ғуссаи беинтиҳо гирифтор мекунанд. Хушбахтона, ҷавонони мо ҷиҳати касбу кори муносиб ва ояндаи дурахшони худ аз тамоми шароите, ки дар кишвари азизамон - Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсилу ҳунаромӯзӣ фароҳам оварда шудааст, хубу самарабахш истифода мебаранд ва соҳибкасб гардида, барои гул-гулшукуфии Ватанамон саҳми беандозаи худро мегузоранд.**

Маҳз чунин самимият ва иродатмандии насли ҷавони кишвар аст, ки Пешвои муаззами миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ифтихор баён доштанд: **“Ҷавонон мояи ифтихор ва сарбаландии Тоҷикистони азиз мебошанд. Мо ба ҷавонон эътимоди комил дорем, дастгирии самимонаи онҳоро аз сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат қадрдонӣ мекунем ва нақши арзишмандашонро дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти кишвар эҳсос менамоем... Ҳисси баланди миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва садоқати ҷавонони мо ба Ватан, миллат ва обу хоки сарзамини аҷдодӣ гарави амнияту осоиши ҷомеа, пешрафти давлат ва ободии имрӯзу фардои Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад”.**

Дар ҳақиқат, зери роҳбарии хирадмандонаи Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз ҷавонони кишвар бо истифода аз шароити муҳайёгардида вазифаҳои худро бо масъулияти баланд иҷро менамоянд ва ҳамчун насли ташаббускору ояндасоз дар саросари мамлакат ба корҳои бунёдгаронаву созанда машғул буда, натиҷаи мондагорро дар кулли соҳаҳо, аз ҷумла, соҳаи илму маориф аз худ боқӣ мегузоранд. Айни замон, тибқи ҳисоботи оморӣ дар ҷумҳурӣ 5869 нафар кадрҳои дорои дараҷа ва унвони илмӣ фаъолият менамоянд, ки аз онҳо 911 нафар доктори илм, 4800 нафар номзади илм мебошанд, ки беш аз 80 фисадашонро ҷавонон ташкил медиҳанд. Инчунин, 158 нафар доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос дар риштаҳои гуногуни илмӣ дифоъ карда, дар самти илму истеҳсолот кор мекунанд. Илова бар ин, дар мамлакати мо 18260 нафар хизматчии давлатӣ фаъолият мекунанд, ки аз ин миқдор 8765 нафарашро ҷавонони то 35-сола ташкил медиҳад.

Ин нишондодҳо далолат аз он аст, ки ҷавонон дар баробари ғамхориҳову дастгириҳои ҳамешагии Ҳукумати мамлакат бетаваҷҷуҳ набуда, балки ҳамеша дар талоши илму навовариҳо ва муаррифии Ватани азизи худ дар арсаи ҷаҳонанд. Чунин дастгириву ғамхориҳост, ки солҳои охир олимони ҷавон ва навҷавонони мо дар озмунҳои сатҳи байналмилалӣ иштирок карда, сазовори ҷойҳои фахрӣ гашта, бо ин амали некашон номи Тоҷикистони азизро шуҳраи ҷаҳонӣ бахшидаанд.

Бо чунин саъю кӯшиши ҷавонон ҷиҳати рушди Ватани азизамон, бовар дорем, ки ҷавонони мо бо ҳисси баланди худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ифтихор аз давлату давлатдории миллӣ минбаъд низ барои гулгулшукуфоӣ, ҳифзи дастовардҳои истиқлол, таҳкими давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу суботи кишвари азизамон ва муаррифии он дар арсаи ҷаҳонӣ тамоми неруи худро сарф мекунанд. Маҳз бо ҳамин ормон ва эътиқод Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мефармоянд, ки “Ҷавононро мебояд амнияти давлат ва шарафу номуси ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд”.

Донишмандону ҷомеашиносон бар он назаранд, ки таърихи тамаддун ва дастовардҳои арзандаи кишварҳои абарқудрату мутамаддин собит менамояд, ки омӯзондани насли ҷавон, фароҳам овардани имконоти ташаккулёбӣ ва муҳайё намудани омилҳое, ки ба рушди зеҳнию ҷисмонии онҳо замина мегузорад, асоси рушду пешрафти ҳар кишвар маҳсуб мeёбад.

**Фарангис МАҲКАМОВА,**
**мудири кӯдакистони №15-и**
**ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе**



# НАҚШИ КАБИНЕТИ МЕТОДӢ ДАР ТАКОМУЛИ МАҲОРАТИ КАСБИИ МУРАББИЁН

Кабинети методӣ маркази методие мебошад, ки тибқи талаботи барномаи таълимӣ муҷаҳҳаз буда, бахри баланд бардоштани савияи дониш, малака ва маҳорати педагогии мураббиён истифода бурда мешавад. Дар кабинети методӣ гӯшаҳои махсуси «Таҷрибаи пешқадам», «Кор бо мутахассисони ҷавон», «Гӯшаи тайёрӣ ба Шурои педагогӣ», «Ҳамкорӣ бо падарону модарон» ва ғайра, бо мақсади таъмини гурӯҳҳо бо маводи зарурӣ, аз ҷумла, адабиёти илмӣ-методӣ, дастурҳои методӣ, воситаҳои аёнӣ ташкил карда мешаванд. Дар кабинети методӣ бояд ҳамчунин мавод ҷой дода шаванд: маводҳои чопии компютерӣ бо забони тоҷикӣ барои худомӯзии мураббиён, намунаи коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигории мураббиён дар ҳамаи давраҳои синнусолӣ, нақша, конспекти машғулиятҳои таълимӣ (комплексӣ, ҷамъбастӣ), маслиҳатҳо оид ба гузаронидани бозиҳои нақшдор, серҳаракат, дидактикӣ, варзишӣ, тавсияҳо доир ба ташкили фаъолияти меҳнатии кӯдакон, омӯзонидани одоби муошират, ки дар интихоби онҳо фикру дархости мураббиён ба ҳисоб гирифта мешаванд. Инчунин, нақши кабинети методӣ дар такомули маҳорати касбии муррабиён дар он аст, ки барои онҳо ҷиҳати баргузории машғулиятҳои кушод, семинар, тарзи таҷҳизонидан ва оро додани гурӯҳҳо вобаста ба синну сол, гирифтани тавсияҳои методии инфиродӣ ва умумӣ мусоидат мекунад.

Дар замони ҳозира дар аксар муассисаҳои томактабӣ вобаста ба имконоташон вазифаи методисти кабинети методиро ба зиммаи сармураббӣ вогузор кардаанд, ки дар кори таълиму тарбия дасти рости мудири кӯдакистон ба шумор меравад. Сармураббӣ аз ҳисоби мураббиёни пуртаҷриба ва касбияти баланддошта таъйин карда мешавад. Ӯ бояд бар замми вазифаҳои дар боло зикршуда феҳристи ҳуҷҷатҳои зеринро мураттаб бисозад:

**1. Мавод оид ба коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигории гурӯҳҳои томактабӣ** (намунаҳои нақшаи корӣ ва обутобдиҳии кӯдакон дар давоми сол, протоколи маҷлисҳои гурӯҳии падару модарон, маълумот оид ба кӯдак ва падару модарон);

**2. Мавод оид ба коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ барои гурӯҳҳои барвақтӣ** (дафтари мушоҳидаи кӯдакон, нусхаи варақаи мутобиқшавии кӯдакон, нусхаи варақаи инкишофи физиологӣ ва равонии кӯдакон, нусхаи нақшаи корӣ, нақшаи обутобдиҳии кӯдакон дар давоми сол, намунаи протоколи маҷлиси гурӯҳии падару модарон);

**3. Семинарҳои дастурдиҳӣ** (дафтари бақайдгирии семинарҳо ва маводи замимавии он);

**4. Тавсияҳои методӣ** (дафтари бақайдгирии тавияҳои методӣ ва маводи замимавии он);

**5. Намунаи нақшаи машғулиятҳои таълимӣ барои гурӯҳҳои синнусолӣ** (машғулияти ҳаррӯза, ҷамъбастӣ ва маҷмуӣ);

**6. Сенарияи иду хушҳолиҳо барои гурӯҳҳои томактабӣ** (Ҷашни байналмилалии Наврӯз, Рӯзи модар, Рӯзи пойтахт ва дигарҳо);

**7. Сенарияи бозиҳои саҳнавӣ аз рӯи мазмуни афсонаҳо барои гурӯҳҳои синнусолӣ.**

**8. Намунаи бозиҳои дидактикӣ барои гурӯҳҳои синнусолӣ;**

**9. Намунаи бозиҳои серҳаракат барои гурӯҳҳои томактабӣ;**

**10. Мавод барои таҷҳизонидан ва ороиш дар гурӯҳҳои синнусолӣ;**

**11. Мавод оид ба жанрҳои фолклорӣ.**

Инчунин, дар кабинети методӣ аёнияти намоишӣ барои машғулияти омодагӣ ба саводомӯзӣ (нақшаи калимаҳои аз 3 то 10-овоза), инкишофи нутқ, шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ, тарбияи хештаншиносӣ, тарбияи экологӣ, фаъолияти мусаввирӣ, ташаккули тасаввуроти одитарини математикӣ, намудҳои бозиҳои эҷодӣ ва дидактикӣ, бозичаҳои худсоз ва аёнияти намоишӣ аз тарбияи меҳнатӣ (маҷмуи расмҳо дар бораи касбу кори гуногун) бояд мавҷуд бошанд. Фаъолияти кабинети методиро овезаҳои «Омодагӣ ба Шурои педагогӣ», «Кор бо мутахассисони ҷавон», «Аз таҷрибаи пешқадам» ва ғайра комилтар менамоянд.

**Амоншо ПАЛАВОНОВ,**
**муаллими калони кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**



# ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИКРО БОЯД БО УСУЛҲОИ МУОСИР ТАЪЛИМ БИДИҲЕМ

Дар ҷомеаи муосир, хусусан, дар соҳаи педагогика дигаргуниҳои зиёд ба вуҷуд омада истодаанд. Проблемаҳои баҳсбарангези вазъи имрӯзаи таълими таърих дар мактаб бо мушкилоти стандартизатсияи таълим ва озодии объективии омӯзгор дар интихоби маводи таълимию таърихӣ, таҳияи барномаҳо ва риояи баъзе консепсияҳо ва китобҳои дарсӣ алоқаманданд. Онҳо дар натиҷаи ба вуҷуд омадани насли нави китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ ва дар амалияи мактаб мавҷуд будани комплексҳои таълимию методии шинос сабаб шудаанд. Дар ин ҷо ҳам аз ҷиҳати мазмун ва ҳам аз ҷиҳати сифат ихтилофҳо мавҷуданд. Ниҳоят, онҳоро бо тағйир додани системаи аёният дар таълими таърих ва суст муҷаҳҳаз будани синфхонаҳои мактабҳо ва мавҷуд будани усулу методҳои кӯҳнашудаи таълимӣ вобаста намудан мумкин аст. Дар ин шароит муаллимро зарур аст, ки доираи васеи моделҳо, ғояҳо, самтҳои муосири инноватсионии таълимро ҷустуҷӯ намояд ва барои худ мувофиқтаринро интихоб намояд. Дар ҷараёни «ба даст овардани дониш» ва эҷоди усулҳои нави иҷрои амал хонанда дар шакли далелҳои нав натиҷаи мушаххас мегирад. Ҳамин тариқ, хонанда дар раванди таълим ба зинаҳои нави рушди зеҳнӣ ва шахсият мебарояд. Тарбияи инкишофдиҳанда дар шакли ҷалб намудани хонанда ба намудҳои гуногуни фаъолият, истифодаи бозиҳои дидактикӣ, муҳокима дар таълим, инчунин, усулҳои таълим ба ғанӣ гардонидани тахайюлоти эҷодӣ, тафаккур, хотира ва нутқ равона карда мешавад. Яке аз нуқтаҳои муҳимми методология эҷоди техникаи савол аст. Дар дарси таърих талабагон бояд саволҳоеро омӯзанд, ки метавонанд соҳаи тадқиқоти ояндаро муайян кунанд. Аз хонандагон даъват карда мешаванд, ки худро дар нақши археологҳо, этнографҳо, тангашиносҳо бисанҷанд. Дар дарсҳои рефлекссозӣ, аз рӯи усулҳои «Бо чашмони дигар» ва «Тағйир додани нуқта» кор карда, онҳо ба таври эътимодбахш ҳимоя кардани нуқтаи назари худ ва эҳтиром ба андешаи ҳамсуҳбаташонро меомӯзанд. Маҳорати техникаи «Нуқтаи назар» дар он ифода меёбад, ки дар сарчашмаҳо оид ба як воқеаи муаллифони гуногун фикру ақидаҳои мухталиф пайдо карда, дар асоси он назари шахсии худро оид ба воқеаҳои ҷаҳон ташаккул диҳад.

Таърихи халқи тоҷик яке аз фанҳои асосии мактабӣ мебошад, ки барои иҷрои вазифаҳои зикрнамудаи профессор Ю. В. Вяземский пешбинӣ шудааст. Вобаста ба ин саволҳо ба миён меоянд: Усулҳои ҳалли самараноки масъалаҳои таълим бояд чӣ гуна бошанд? Кадом усулҳоро метавон истифода бурд, то хонандагоне, ки дар шароити пуркоршавии иттилоот ва сарбории баланди таълимӣ зиндагӣ мекунанд, донишҳои таърихиро бо таваҷҷуҳ дарк кунанд, фарҳанги миллиро аз худ кунанд ва шаҳрвандони арзандаи Тоҷикистони соҳибистиқлол гарданд? Навиштаи мазкур ба ҳалли ин масъалаҳо бахшида шудааст. Мақсади он ҷамъбасти таҷрибаи методии андӯхтаи педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ бо мақсади истифода бурдани он дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик мебошад. Бисёр таърифҳо мавҷуданд, ки мафҳуми **«метод»**-ро инъикос мекунанд.

**Метод аз калимаи юнонии "metodos" - "роҳи таҳқиқот" ё "дониш"** гирифта шуда, маҷмуи усулҳои нисбатан якхела, амалиёти азхудкунии амалӣ ё назариявии воқеиятест, ки ба ҳалли масъалаи мушаххас равона шудааст. Мафҳуми **"метод"** бо мафҳуми **"роҳ"** ва **"усул"** зич алоқаманд аст. Усулҳо амалҳое мебошанд, ки ба ҳалли мушкилоти мушаххас нигаронида шудаанд. Метод аз усулҳо иборат аст ва усулҳо методро паҳн мекунанд. Масалан, усули хаттӣ-графикӣ аз таҳияи нақшаҳо, схемаҳо, ҷадвалҳо, расмҳо иборат аст (намунаҳо дар коркардҳои даврӣ мавҷуданд). Усули кор бо китоби дарсӣ, усули шифоҳӣ вуҷуд дорад.

Маҳорат азхудкунии бошууронаи техникаи фаъолият мебошад.

Усулҳо дар раванди таълим вазифаҳои зерин: омӯзиш, рушд, тарбия, ҳавасмандкунӣ, назорат ва ислоҳро иҷро мекунанд.

# МЕТОДИКА

## ТАСНИФИ УСУЛҲОИ ТАЪЛИМ

Таснифоти гуногуни усулҳои таълим мавҷуданд. Ҳамин тавр, усулҳо аксар вақт тақсим мешаванд:

**1. Аз рӯйи дараҷаи ҳамкории муаллим ва шогирд (муаррифӣ, суҳбат, кори мустақилона);**

**2. Вобаста ба вазифаҳои дар дарс ҳалшаванда (омодагӣ ба омӯхтан, шарҳ додан, мустаҳкам кардан);**

**3. Пайвастшавӣ ё тақсимшавии дониш (таҳлилӣ, синтетикӣ, муқоисавӣ, умумӣ, таснифотӣ);**

**4. Аз рӯи хусусияти ҳаракати фикр аз надонистан ва рӯ овардан ба дониш ( индуктивӣ аз далелҳо ба назария; дедуктивӣ ва баръакс);**

**5. Аз рӯи манбаи дониш (шифоҳӣ ва чопӣ-забонӣ, визуалӣ, амалӣ-кашидани схемаҳо);**

**6. Аз рӯи хусусияти фаъолияти маърифатии хонандагон (фаҳмондадиҳӣ: иллюстративӣ, репродуктивӣ, истеҳсолӣ: қисман ҷустуҷӯӣ, мушкилот, таҳқиқотӣ).**

Дар доираи таснифоти анъанавӣ Перовский Н. П, Лордкипанидзе Г. А. усулҳои зеринро ҷудо мекунанд:

**1. Амалӣ: таҷрибаҳо, машқҳо, таҷрибаи таълимӣ ва ғайра;**

**2. Намоишӣ: иллюстратсия, намоиш, мушоҳида ва ғайра;**

**3. Калимаҳо: шарҳ, ҳикоя, суҳбат, дастур, лексия, муҳокима ва ғайра;**

**4. Кор бо китоб: хондан, навиштан, иқтибос овардан, тартиб додани нақша, мушаххаскунӣ;**

**5. Методҳои видеоӣ: намоиш, омӯзиш тавассути интернет, назорат.**

Яке аз таснифоти маъруфтарин таснифоти И. Я. Лернер ва М. Н. Скатнин мебошад. Мувофиқи ин таснифот аз рӯи хусусияти фаъолияти маърифатӣ усулҳои таълим ба таври зерин тақсим карда мешаванд: эвристикӣ, тадқиқотӣ, фаҳмондадиҳӣ-иллюстративӣ, мушкилот, репродуктивӣ.

Дар усули эвристикии таълим муаллим ҷустуҷӯи донишҳои навро бо ёрии: ба хонандагон расонидани вазифа, тақсим кардани вазифа ба қадамҳо, ҷалби хонандагон ба иштирок дар суҳбати эвристикӣ, роҳнамоии хонандагон барои азхудкунии усулҳои амалиёти ҷустуҷӯӣ ташкил мекунад.

Дар усули тадқиқотӣ муаллим бо хонандагон вазифаеро ташкил мекунад, ки дар он хонандагон усулҳои дониши илмиро аз худ мекунанд.

Дар усули фаҳмондадиҳӣ муаллим ба хонандагон маълумотро дар шакли "тайёр" бо истифода аз воситаҳои гуногуни таълим медиҳад: шарҳ, паём, ҳикоя.

Бо усули мушкилот муаллим вазъиятҳои мураккабро дар якҷоягӣ бо хонандагон эҷод ва ҳал мекунад.

Дар усули репродуктивӣ муаллим аз хонандагон ёдоварӣ ва такрори минбаъдаи маводи таълимиро бо истифода аз усулҳои зерин ба даст меорад: пурсиш оид ба маводи қаблан омӯхташуда, намудҳои гуногуни машқҳо ва нишон додани алгоритмҳои ҳалли онҳо, такрори маводи аз худкардаи хонандагон, иҷрои машқҳои гуногун бо хонандагон.

Аз рӯи мақсадҳои дидактикӣ усулҳои таълим ба якчанд намуд: усулҳои ба даст овардани донишҳои нав, усулҳои ташаккули малака, маҳорат ва истифодаи дониш дар амал, усулҳои санҷиш ва арзёбии дониш ва малакаву маҳорат тақсим мешаванд.

Ба гурӯҳи усулҳои ба даст овардани донишҳои нав: усули фаҳмондадиҳӣ, усулҳои баёни шифоҳӣ, кор бо китоб, суҳбат, усули таҳқиқотӣ, усули мушкилот, усули эвристикӣ дохил мешаванд.

Гурӯҳи усулҳои ташаккули маҳорат ва малакаҳоро инҳо ташкил медиҳанд: машқҳо, корҳои амалӣ, корҳои лабораторӣ.

Ба гурӯҳи усулҳои санҷиш ва баҳодиҳии дониш ва малакаҳо инҳо дохил мешаванд: назорати шифоҳӣ, назорати хаттӣ, супоришҳои тестӣ, худтанзимкунӣ, санҷиши мутақобила, баҳогузорӣ, имтиҳон ва ғайра.

Таснифоте, ки Ю. К. Кабанский пешниҳод кардааст, ба муносибати кибернетикӣ ба раванди таълим асос ёфтааст ва се гурӯҳи усулҳоро дар бар мегирад: усулҳои ташкил ва татбиқи фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ; усулҳои ҳавасмандсозӣ ва тақлидкунӣ; усулҳои назорат ва худидоракунӣ.

Таснифоти воситаҳои визуалии таълим: расмҳои таълимӣ, расмҳои рӯйдодҳо, расмҳои типологӣ, расмҳои фарҳангӣ-таърихӣ, расмҳои портретӣ мавҷуданд

Ба андешаи О. С. Анисимов усулҳои анъанавӣ ба нав ва навтарин тақсим карда мешаванд. Усулҳои анъанавӣ вазифаи намоишро таъмин мекунанд: лексияҳо, семинарҳо, дарсҳои амалӣ; нав: тақлид-таъмини таҳкими нақши тафаккур ва рушди ҳавасмандии хонандагон; навтарин (бозиҳои инноватсионӣ, бозиҳои ташкилию фаъолият, бозиҳои ташкилию равонӣ) - ташаккули фарҳанги зеҳнӣ ва фарҳанги рушди худшиносиро таъмин мекунанд.

Усулҳои ғайрифаъол ва фаъол низ фарқ мекунанд. Дар ҳолати аввал, ба хонандагон нақши ғайрифаъол дода мешавад: кори ӯ гӯш кардан ва

дар хотир доштани суханони муаллим аст. Дар ҳолати дуюм, хонанда нақши фаъол дорад. Имрӯз ба усулҳои фаъол афзалият дода мешавад.

Намунаи усулҳои тақлидӣ бозии дидактикӣ мебошад.

Ба усулҳои пассивӣ усулҳои репродуктивӣ (тавзеҳӣ-иллюстративӣ)-и таълим дохил мешаванд: кори мустақил бо маводи дидактикӣ танҳо аз рӯи намуна (тавассути нусхабардории оддии ҷавобҳои тайёр); суҳбати репродуктивӣ, ҳикояи тавзеҳӣ-иллюстративӣ (бидуни эҷоди вазъияти мушкилот); воситаҳои намоишдиҳӣ ва дигар воситаҳои визуалӣ; кори лабораторияи репродуктивӣ (бе эҷоди вазъияти мушкилот) ва ғайра.

**Ба усулҳои фаъол метавон дохил кард:**

**Усулҳои шифоҳӣ:** Усули мубоҳиса; усули мустақилона кор кардан бо китоби дарсӣ; усули мустақилона кор кардан бо маводи дидактикӣ; усули суҳбати эвристикӣ (ҷустуҷӯӣ), усули баёни мушкилот – масъалаҳои мушкилотро худи муаллим ҳал мекунад, бо овози баланд эълон мекунад ва бо ин дар давоми ҳикоя синфро ба тафаккури мантиқӣ, иштирок дар ҳалли мушкилот, ба даст овардани донишҳои нав ташвиқ мекунад.

**Усулҳои аёнӣ:** қисман бо усули намоишӣ-ҷустуҷӯӣ хонандагон масъалаҳои мушкилотро ҳал мекунанд ва тавассути омӯзиши харитаҳо, ҷадвалҳо, схемаҳо ва дигар воситаҳои тасвирӣ як қисми донишҳои навро ба даст меоранд. Дар ин усул тавассути тамошо ва муҳокимаи филмҳо, диафилмҳо, слайдҳое, ки муаллим бо истифода аз тахтаи электронӣ намоиш медиҳад, як қисми донишҳои навро ба даст меоранд...

А. К. Адилбекова дар бораи усулҳои интерактивии таълим менависад, ки ба он бозиҳои нақшбозӣ, "ҳамлаи зеҳнӣ", баҳсҳо, фаъолияти лоиҳавӣ ва ғайра дохил мешаванд.

## НАМУД ВА ШАКЛҲОИ ДАРСҲОИ ТАЪРИХ

Якчанд таснифоти намудҳои дарс мавҷуданд: дар баъзеҳо усули пешбар, дар дигарон фаъолияти хонандагон, дар сеюм хусусияти мавод. Аммо аксарияти методистҳо пайвандҳои раванди таълим ва вазифаи асосии таълимии дарсро ҳамчун асоси таснифи дарсҳо мегиранд.

**Таснифи дарсҳо аз рӯи таносуби пайвандҳои сохтории таълим ва вазифаи асосии таълим:**

**Намудҳои дарсҳо:** дарси муқаддимавӣ, дарси азхудкунии курси нав, такрорӣ-ҷамъбастӣ, дарс-ислоҳ, дарс-ҳисоб, дарси омехта, дарси назоратӣ, дарси такрорӣ-ҷамъбастӣ, дарси санҷиш ва баҳисобгирии дониш, дарс-суҳбат, дарси такрорӣ.

**Шаклҳои дарсҳо:** шаклҳои анъанавӣ (лексия, семинар, кори лабораторӣ суҳбати таҳлилӣ-ҷамъбастӣ, бозӣ, тест, мусоҳиба); шаклҳои ғайрианъанавӣ (видео-дарс, дарс-экскурсия, дарс-консерт, дарс-мусоҳиба). Дарсҳои як намудро бо шаклҳои гуногун гузаронидан мумкин аст: дарси муқаддимавӣ метавонад дар шакли лексия, экскурсия, суҳбат, дарси видео ва ғайра гузаронида шавад.

**Шаклҳои фаъолияти таълимӣ:** инфиродӣ (агар маводи мураккаб, ҳар як хонанда вазифаи мушаххас мегирад); гурӯҳӣ (ҳар як гурӯҳ метавонад як вазифаро иҷро кунад, аммо бо усулҳои гуногун; гурӯҳҳо вазифаҳои ҳамдигарро пурра мекунанд; ҳар як гурӯҳ вазифаи худро дорад); коллективӣ.

**Методологияи таълими таърих ҳамчун илм.** Методикаи таълими таърих соҳаи илми педагогӣ дар бораи вазифаҳо, мундариҷа ва усулҳои омӯзиши таърих, ки қонуниятҳои раванди таълимро бо мақсади баланд бардоштани самаранокии он меомӯзад, ба саволи: “Чӣ гуна бояд таърихро таълим дод?”, “Таълим ва фаъолияти таълимии мактаббача, мақсадҳо ва мундариҷаи таълим, методикаи таълими таърих”-ро дар бар мегирад.

**Ҳадафҳои таълим:** "Чаро таълим додан лозим аст?" (ҳадафҳои таълимӣ, рушд, тарбиявӣ); "Чиро бояд таълим диҳем?" (муаллим бояд муҳтавои маводи таърихиро мувофиқи мақсад ва имкониятҳои маърифатии хонандагон интихоб намояд); "Чӣ тавр таълим додан?" (муаллим бояд усулҳо, шаклҳо ва воситаҳои таълимро мувофиқи ҳадафҳо, имкониятҳои маърифатии хонандагон ва натиҷаҳои таълим модел созад).

**Вазифаҳои таълим:** амалӣ - тарбияи шаҳрванди кишвари худ; назариявӣ - ба саволи «Киро тарбия кардан лозим аст?» ҷавоб медиҳад.

Ҳақ ба ҷониби Л. Н. Толстой аст, ки гуфта буд, ки **«омӯзгор ҳамеша беихтиёр кӯшиш мекунад, ки роҳи қулайтарини таълимро интихоб кунад. Ҳар қадар усул барои омӯзгор қулай бошад, барои хонандагон ҳамон қадар ноқулайтар мегардад. Танҳо он тарзи таълим дуруст аст, ки аз он хонандагон қаноатманд бошанд. Пас, биёед он усулҳои таълимро ҷустуҷӯ ва татбиқ намоем, ки шогирдон аз онҳо қаноатманд бошанд».** Ҳайати омӯзгорони ҳар як муассисаи таълимӣ новобаста аз шакли моликияташон ҳуқуқи ба амал баровардани навгониро доранд. Ба андешаи ман, дар кор бо хонандагон шумо метавонед ҳамаи усулҳои дар ин навишта тавсифшударо истифода баред, зеро баъзеи онҳоро ман дар амал татбиқ карда истодаам ва онҳоро хеле умедбахш меҳисобам.

МАОРИФ ВА ЗАМОН

**Карам ПАРПИШОЕВ,**
**муовини директор оид ба таълим, илм ва инноватсияи ФДЧТИБКСМ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон**

# ШАКЛҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ КАЛИДӢ

**«Ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани маҳорат ва малакаи касбии омӯзгорон ба таври доимӣ ташкил кардани курсҳои такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва ҳарчи бештар шинос намудани онҳо бо технологияҳои муосири таълим амри зарурӣ мебошад».**

**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**



Омӯзгор дар раванди таълиму тарбия ҳуқуқи хато кардан надорад, зеро тақдири наслиояндасоз ва пешбарандаи давлату ҷомеа дар дасти ӯст. Омӯзгор дар раванди таълиму тарбия баробари падару модар ва афроде, ки онҳоро иваз мекунанд, нақши асосӣ дорад ва ҳамчун роҳнамои маънавӣ барои ба камол расонидани насли наврас масъул аст. Аз ин рӯ, тавассути такмили маҳорату малакаи касбӣ бояд омӯзгор аз навовариҳои таҳсилоти байналмилалӣ ва пешрафти илму техника бахра гирифта, барои насли наврас муҳитеро муҳайё намояд, ки ҷиҳати пешрафти соҳаи маорифи мамлакат мусоидат намояд. Маҳз ба ин хотир, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд: «Ба таълими технологияи муосир ва инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, касбӣ, миёнаи махсус ва олӣ, инчунин, ба раванди воридшавӣ ба таҳсилоти ҷаҳонӣ суръат бахшидан зарур аст». Зарурияти ҷорӣ намудани технологияи инноватсиониро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба назар гирифта, Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи январи соли 2012 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ»-ро қабул намуд, ки мувофиқи он инноватсия ва фаъолияти инноватсионӣ чунин шарҳ дода шудааст: Инноватсия - ин навоварӣ дар соҳаи техника, технология, кор, хизматрасонӣ ё идоракунӣ буда, ба истифодаи комёбиҳои илм ва технологияи пешқадаме асос ёфтааст, ки самаранокии баланди истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ дорад.

Фаъолияти инноватсионӣ ба таҳия ва ҷорӣ намудани инноватсия алоқаманд буда, барои расонидани он то бозор дар шакли нав ё такмилдодашудаи маҳсулот, хизматрасонӣ, усули истеҳсолот ё дигар натиҷаи самаранoки ҷамъиятӣ равона карда шудааст.

Дар шароити афзояндаи ҷаҳонишавии ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангию сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ консепсияи маориф низ тағйир меёбад. Самти ба салоҳият асосёфтаи раванди таълим, ки имрӯз ба ташаккули малака, маҳорат ва донишҳои амалан татбиқшаванда нигаронида шудааст, аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Салоҳияти касбии омӯзгор, ки чун неруи марказии амаликунандаи сиёсати давлат ба ҳисоб меравад, дар талаботи иҷтимоии тайёр кардани мутахассиси сатҳи баланд, ки вай тавонад дар татбиқи лоиҳаҳои таълимӣ дар миқёси миллӣ фаъолона саҳмгузор бошад, ифода ёфтааст.

Проблемаҳои такмили ихтисоси омӯзгорон, марҳилаҳои инкишофи маҳорати касбӣ, фаъолияти инноватсионии омӯзгоронро муҳаққиқон Зеер Е. Ф. ва А.Г. Клюева аз нуқтаи

назари гуногун таҳқиқу таҳлил кардаанд. Ба ақидаи онҳо навсозии шаклҳои ташкили раванди такмили ихтисоси кормандони соҳа дар системаи такмили ихтисос бояд бо таъминоти баланди кадрӣ сурат гирад. Ин ақида чунин фаҳмида мешавад, ки системаи тайёр кардан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон аз нав дида баромада шавад. Ба ақидаи олими рус Никитин Е.М. яке бояд аз вазифаҳои муҳим ва натиҷаиислоҳоти системаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф аз омода намудани омӯзгори сифатан нав иборат бошад ва чунин омӯзгор шаклу усулҳои инноватсионии таълимиро истифода бурда тавонад.

Такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифро аз рӯйи шумораи иштирокдорон ба чунин шаклҳо тақсим кардан мумкин аст:

- коллективӣ: лексияҳо, семинарҳои назариявӣ, тренингҳо, ҳафтаҳои фаннӣ, намоишҳо, озмунҳо, конфронсҳои илмию амалӣ ва ғайра;
- гурӯҳӣ: иттиҳодияҳои омӯзгорон аз рӯйи сикл, гурӯҳҳои эҷодӣ, иштирок дар дарсҳои ҳамдигар ва таҳлили онҳо, тамошо ва муҳокимаи дарсҳои видеоӣ;
- инфиродӣ: менторӣ, машварату мусоҳибаҳо, кор дар мавзуи эҷодии инфиродӣ, тайёр кардани презентатсияҳои мултимедиявӣ, таҳлили инъикосии дарсҳои худ ва худомӯзӣ.

Вобаста ба нақши иштирокдорони раванди такмили ихтисос ду намуди такмили ихтисос вуҷуд дорад: анъанавӣ ва инноватсионӣ.

Ба шаклҳои анъанавӣ: курсҳо, консултатсияҳои фардиву гурӯҳӣ, таҷрибаомӯзӣ, семинарҳо, конфронсҳо, лексия, кори гурӯҳҳои эҷодӣ, худомӯзӣ дохил мешаванд. Дар шаклҳои инноватсионӣ бошад: вебинарҳо, модераторҳо, таҷрибаҳои виртуалӣ ва мастер-классҳо, омӯзиши омехта васеъ истифода мешаванд.

Агар дар низоми анъанавӣ шунавандагон иттилооти тайёрро қабул кунанд ва омӯзгор (тренер) онро интиқол диҳад, пас, дар системаи инноватсионӣ шунавандагон иттилоотро мустақилона ҷустуҷӯ, интихоб, таҳлил ва ба низом даровварда, омӯзгор (тренер) танҳо фаъолияти онҳоро ташкил ва роҳбарӣ мекунад. Ҷустуҷӯ ва азхудкунии дониш, маҳорат ва малакаҳои нав, ки ба тағйироти сифатии фаъолияти шунавандагон мусоидат мекунанд, таъмин мегардад.

Чун шаклҳои анъанавӣ имрӯз хеле маъмуланд, чанд намуди шаклҳои инноватсионии такмили ихтисосро дида мебароем.

**Технологияи вебинар** чорабиние мебошад, ки маҷозӣ сурат мегирад. Он ба семинарҳои муқаррарӣ монанд аст: презентатсияҳои пай дар пай, намоишҳо, саволу ҷавобҳо. Аммо ҳамаи ин дар вақти воқеӣ тавассути интернет сурат мегирад. Ҳамин тавр, сарфи назар аз ҷисман дур будани ҳамаи иштирокдорон «аудитория»-и виртуалӣ ташкил карда мешавад, ки ҳамаро муттаҳид менамояд. **“Вебинар”** аз забони англисии **«webinar»**, ихтисоршуда аз **«Web-basedseminar»** гирифта шуда, семинари маҷозӣ, лексия, курс, рӯйнамо (презентатсия) мебошад, ки бо истифода аз Web-технологияҳо дар реҷаи пахши мустақим ташкил карда мешавад. Ҳар як иштирокдор, новобаста аз мавқеи ҷуғрофӣ ва ҷойгиршавӣ, ба воситаи компютер, смартфон ва таҷҳизоти дигари рақамӣ омӯзиш мекунад.

**Хусусиятҳои асосии вебинарҳо:**

- конференсияи бисёрҷонибаи видео ва аудио;
- зеркашӣ ва тамошои презентатсияҳо ва видеоҳо;
- суҳбати матнӣ;
- ба иштирокдорон намоиш додани экрани компютери баранда;
– аз роҳбар ба иштирокдорон гузаштани ҳуқуқи назорат.

Вебинар як технологияи нави интернет аст ва онҳое, ки арзиши вақтро дарк мекунанд, аз он хеле фаъолона истифода мекунанд.

**Технологияи модератсия.** Модератсия, пеш аз ҳама, назорат аз болои иҷрои талабот дар ҳама гуна ҷомеа, гурӯҳ дар шабакаи иҷтимоӣ, форум ё конфронси маҷозӣ ё ҳузурӣ мебошад. Ин истилоҳ аз калимаи куҳнашудаи фаронсавии “модератсия” гирифта шуда, маънояш «эътидол», «таҳаммул» мебошад. Дар фаҳмиши муосир, модератор шахсест, ки нисбат ба дигарон (дар конфронс, семинар, баҳс) ҳуқуқҳои васеътар ва идоракунандагиро дорад. Дар ҷараёни модератсия модератор вазифаҳои гуногунро иҷро мекунад. Вақте ки сухан дар бораи интиқоли мундариҷаи ҳама гуна мавод меравад, модератор ҳамчун референт (шахси мансабдори дар баъзе масъалаҳо баромадкунанда ва мушовир) баромад мекунад, муносибатҳои байни иштирокдоронро назорат

мебарад ва машварат медиҳад. Барои ба тартиб даровардан ва идоракунии равандҳои рушди касбӣ модератор масъулияти идоракунии раванди корро дар гурӯҳ ба дӯш мегирад. Самаранокии раванди таълим дар гурӯҳ, дар навбати аввал, ба таъсири модератор ба раванди таълим, дуюм, ба хусусияти муносибатҳои дохили гурӯҳ вобаста аст. Дар робита ба ин, модератор бояд на танҳо малакаҳои муошират, балки малакаи идоракунии раванди таълим ва таҳаввулотро низ дошта бошад. Модераторон нафароне мебошанд, ки моҳияти равандҳои дар ҷомеа баамаломадаро хуб медонанд, омодагии хуби назариявӣ доранд ва донишҳои иловагии назариявиро дар фаъолияти амалӣ татбиқ карда метавонанд. Ҳадафи семинарҳои модераторҳо на танҳо баланд бардоштани салоҳияти идоракунии роҳбарони муассисаҳои таълимӣ аст, балки тарбияи онҳо ҳамчун модераторҳо мебошад, ки метавонанд ба ҳамкасбони худ ҳалли масъалаҳои мубрами раванди таълиму тарбияро омӯзонанд.

**Таҷрибаомӯзии виртуалӣ** як намуди таҷрибаомӯзӣ дар низоми такмили ихтисос мебошад, ки шакли татбиқи барномаҳои такмили ихтисос ё бозомӯзии касбии ҳайати омӯзгорон ба ҳисоб меравад. Мафҳуми виртуалӣ аз калимаи лотинии **«virtualis»** гирифта шуда, маънояш **«имконпазир»** аст. **Виртуалӣ** ҳолати хаёлие мебошад, ки воқеан вуҷуд надорад, вале дар шароити муайян ба вуҷуд омада метавонад. Таҷрибаомӯзии виртуалӣ ҷоест, ки дар он омӯзгор метавонад ба мисли таҷрибаомӯзии анъанавӣ таҷрибаи касбӣ ба даст орад, вале метавонад онро дар ҳама ҷо амалӣ намояд. Омӯзгор ба воситаи интернет ё ягон дастгоҳи дигари рақамӣ дар вақт ва ҷойи дилхоҳ таҷриба омӯзад. Яъне, ин намуди таҷрибаомӯзӣ маҷозӣ ба амал бароварда мешавад. Ин намуди таҷрибаомӯзӣ чанд вақт боз вуҷуд дорад, вале маъруфияти вай аз ҳисоби такмил додани технология ва истифодаи густурдаи интернет пайваста меафзояд. Таҷрибаомӯзии виртуалӣ имкон медиҳад, ки шахс бидуни сафар кардан ба ҷойи дигар, ҳатто берун аз кишвари худ таҷриба омӯзад ва дар ин раванд бо бисёр бартариҳои таҷрибаҳои байналмилалӣ бе бартараф кардани баъзе монеаҳо, аз қабили раводид ва арзиши баланди сафархарҷӣ барои омӯзиш ба хориҷа такмили ихтисос касб намояд. Ин намуди таҷрибаомӯзӣ ба воситаи барномаҳои **Zoom, Meet, Google Hangouts** ва ғайра амалӣ мешавад. Мақсади асосии таҷрибаомӯзии виртуалӣ васеъ намудани имкониятҳои ҳайати омӯзгорон барои истифодаи фаъолиятҳои амалӣ, вале бо истифода аз усулҳои ғайрианъанавии ташриф ба муассисаҳои таълимӣ ё дарсҳои гузаронидаи омӯзгорони дигар мебошад. Таҷрибаомӯзии виртуалӣ як манбаи нави такмили ихтисоси ҳайати омӯзгорон дар ҷомеаи иттилоотӣ мебошад.

**Мастер-класс** яке аз шаклҳои муҳимтарини такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф мебошад. Ин фаъолиятест, ки дар он устодон аз рӯйи принсипи **«дар ин ҷо ва ҳоло»** таҷрибаи касбии худро мубодила мекунанд. Мастер-класс як шакли интерактивии омӯзиш ва табодули таҷриба мебошад, ки номи он аз калимаи англисии **«master»**, ки маънояш **«беҳтарин дар ҳамаи соҳа»** ва **«класс»** - ҳамчун **«дарс»** тарҷума шудааст. Мастер-класс яке аз роҳҳои самараноки интиқол додани малакаҳои худ ба шахсоне, ки мехоҳанд онро зуд аз худ кунанд, мебошад. Баръакси баъзе шаклҳои дигари таълим, дар дарсҳои мастер-класс воситаҳои аёнӣ муҳим буда, иттилоот бояд бо малакаҳои амалӣ дастгирӣ карда шавад. Чунин дарсҳоро мутахассисоне мегузаронанд, ки ба як соҳаи муайян ворид шудаанд ва мутахассиси варзида (эксперт)-и он соҳа мебошанд. Мутахассис таҷрибаи худро тавассути кумак ба иштирокдорони мастер-класс барои зуд аз худ кардани малакаҳои марбут ба мавзуи дарс нишон медиҳад. Азбаски ҳамаи маълумоти назариявӣ бо фаъолиятҳои амалӣ тасдиқ карда мешаванд, онҳо хуб дар хотир нигоҳ дошта шуда, ба осонӣ аз худ карда мешаванд. Хусусияти технологияи мастер-класс аз робитаи зич байни коршинос ба сифати баранда ва иштирокдорони омӯзиш иборат аст. Аз ин рӯ, дарсҳои ҳузурӣ одатан дар гурӯҳҳои хурд (то 15 нафар) гузаронида мешаванд.

Шакли дигари иттилоотикунонии такмили ихтисос ин курси омехта мебошад. Курси омехта раванди таълимие мебошад, ки омӯзиши рӯ ба рӯ (аудиторӣ)-ро бо омӯзиш тавассути шабакаи интернет, ё беинтернет (фитта, флешка) ҳамгиро мекунад. Курси омехта унсурҳои

назорати мустақилонаи шунавандагонро дар масир, муҳлат, макон ва ҷараёни омӯзиш дар назар дорад. Раванди азхудкунии маводи таълимӣ ҳангоми курси омехта пайдарҳамии марҳилаҳои омӯзиши анъанавӣ ва электрониро (тибқи шабакаи интернет) таъмин намуда, онҳо бо навбат ҳамдигарро иваз мекунанд. Татбиқ шудани курси омехта ба ҳифзи принсипҳои раванди таълими анъанавӣ бо истифодаи унсурҳои электронии омӯзиш (иттилооти электронӣ, захираҳои таълимӣ, иттилоот ва телекоммуникатсия) мусоидат мекунад. Олимон омӯзиши омехтаро ҳамчун технологияе, ки усулҳои омӯзиши рӯ ба рӯ ва ҳама намудҳои усулу захираҳои таҳсилоти фосилавиро бо ҳам мепайвандад, шарҳ медиҳанд.

Омӯзиши омехта ин ҷараёни мақсаднок, ҳамфаъолӣ байни шунаванда ва омӯзгор бо истифодаи воситаҳои таълим мебошад, ки ҷараёни таълим аз фосила ва вақти ҷойгиршавии онҳо вобастагӣ надорад. Мазмуни асосии омӯзиши омехтаро худомӯзӣ, ҳамкориҳои шахсии байни омӯзгору шунавандагон ва ҳамкории ҳамфаъоли тарафайн ташкил медиҳад.

Бо мақсади ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии такмили ихтисос ва татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим, соли 2020 филиали «Муассисаи давлатии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар ВМКБ бо дастгирии шарикони рушд барои амалӣ намудани курсҳои омехта дастурҳои таълимиро барои омӯзгорони фанҳои физика дар мавзуи «Омӯзиш аз амалия ба назария», химия - «Методи ташкил ва гузаронидани корҳои амалӣ-тадқиқотӣ дар мисоли моддаҳои сатҳан фаъол», фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (таърих, забони русӣ, англисӣ, забон ва адабиёти тоҷик) «Рушди салоҳияти тафаккури интиқодӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ», «Банақшагирии дарсҳои ба ташаккули салоҳиятҳо нигаронидашуда аз биология», «Рушди салоҳиятҳои хонандагон тавассути стратегияҳои тафаккури интиқодӣ дар дарсҳои математика», «Ташкили луғатомӯзӣ дар синфҳои ибтидоӣ», «Ҳалли масъалаҳои математикӣ дар синфҳои ибтидоӣ», «Истифодаи усули фаъоли таълим дар омӯзиши фанҳои санъат ва меҳнат дар синфҳои ибтидоӣ», «Саломатӣ ва беҳдошти бехатарӣ дар таълими табиатшиносии синфҳои ибтидоӣ» ва роҳбарони Созмони хонандагон таҳия намуд.

Бо мақсади самаранок истифода бурдани дастурҳои таълимӣ дарсҳои видеоӣ низ ба навор гирифта шуданд ва онҳо дар фиттаҳо ва флешкаҳо сабт шуданд. Дастури таълимии «Рушди салоҳияти тафаккури интиқодӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ» бо қарори Шурои миллии таҳсилоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2022, №10 тасдиқ гардида, имрӯз дастури кории омӯзгорони фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, ҳангоми муқоисаи усулҳои анъанавӣ ва инноватсионии такмили ихтисос маълум мешавад, ки равиши навоварона аз омӯзгорон талаб мекунад, ки шаклу усулҳо ва воситаҳои инноватсионии таълимро дар системаи такмили ихтисос истифода намоянд. Омӯзгор технологияҳои муосирро дар таълими инноватсионӣ татбиқ намуда, раванди таълимро боз ҳам мукаммал, ҷолиб ва рангоранг мекунад. Мақсадҳо, мундариҷа, тарзу воситаҳо ва шаклҳои таълим ва тарбия як чизи наверо ба миён меоварад, ки ба ривоҷу равнақи сатҳу сифати онҳо мусоидат менамояд.

**Адабиёт:**

1. Зеер Э.Ф. Психология профессионального развития. - М.: Академия, 2009. - 240 с.
2. Каспржак А.Г. Формирование инновационного ресурса педагогических кадров системы образования через развитие системы повышения квалификации: сборник рекомендаций. - М.: Университетская книга, 2007. - 288 с.
3. Никитин Э.М. Федеральная система повышения квалификации работников образования: учебное пособие. - М.: РИПКРО, 1995. - 194 с.
4. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе. 2020

**БИОЛОГИЯ**

**Ҳусейн АЛИЕВ,**
**омӯзгори биологияи**
**литсейи Умари Хайём**
**дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе**



# ДАРСИ НАМУНАВӢ ДАР МАВЗУИ “ПОЛИМЕРҲОИ БИОЛОГӢ-КИСЛОТАҲОИ НУКЛЕИНӢ” ДАР СИНФИ 10

Фанҳои табиатшиносӣ аз муҳимтарин фанҳо дар ташаккули афкори илмии насли наврас буда, рушди иқтисодиёти кишвар ва тараққиёти соҳаҳои кишоварзии ҳар як мамлакат аз истифодаи самараноки илмии соҳаи табиатшиносӣ маншаъ мегирад. Фанҳои табиатшиносӣ фарогири муҳимтарин масъалаҳое мебошанд, ки инсонҳо дар кору рӯзгори хеш мустақиман бо онҳо иртибот мегиранд. Дар ин дарси намунавӣ доир ба кислотаҳо, ки як бахши муҳимми табиатшиносӣ мебошанд, сухан меравад.

**МАҚСАДИ ДАРС**

**Хонандагон бояд:**

- Оид ба аҳаммияти кислотаҳои нуклеинӣ дар ҳуҷайра маълумот дошта бошанд.
- Доир ба кислотаи дезоксирибонуклеинат-КДН донанд ва онро бо мисолҳо шарҳ дода тавонанд.
- Структураи КДН, Нуклеотид - сохтори комплементариро донанд ва шарҳ дода тавонанд.
- Кислотаҳои нуклеиниро аз ҳамдигар фарқ карда тавонанд.

**Таҷҳизонидани дарс:** китоби дарсӣ, плакатҳо, расм, тасвирҳо, рӯйнамо (презентатсия).

**МЕТОДҲО**

**1. Даҳонӣ (шифоҳӣ):** лексия, суҳбат, нақл;

**2. Аёнӣ:** нақша, ҷадвал, расм, тасвирҳо, тахтаи электронӣ;

**3. Амалӣ:** мушоҳида, супоришҳо, кор бо китоби дарсӣ, усули фаъолгардонӣ, масъалагузорӣ, корҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ.

**РАВИШИ ДАРС**

**1. Қисми ташкилии дарс:**

а) ба ҷо овардани одоби муоширaт;
б) тайёр намудани хонандагон ба дарс;
в) аз назар гузарондани шумораи хонандагон;
г) мавҷуд будани бӯру латта;
д) тоза будани синф аз ҷиҳати покизагӣ – беҳдоштӣ.

**2. Пурсиши вазифаи хонагӣ**

Аз аҳли синф ба таври фардӣ ва умумӣ бо воситаи варақаҳо, рӯйнамо ва дигар маводи ёрирасон дар муддати 10-15 дақиқа вазифаи хонагиро пурсед. Ҳамин тавр, на кам аз 50-60% -и хонандаҳо бояд пурсида шаванд.

**3. Муаррифӣ ва муҳокимаи мавзуи нав**

Ба нақшаи мавзуъ хонандагонро муаррифӣ кунед ва онҳоро ба муҳокима даъват намоед. Пурсед, ки аз нақшаи гузошташуда кадомаш ба онҳо бештар наздик аст.

**4. Матни мухтасари-лексияи омӯзгор**

**Мавзуи дарс: “Полимерҳои биологӣ-кислотаҳои нуклеинӣ”**

Аҳаммияти кислотаҳои нуклеинат дар ҳуҷайраҳои организм ниҳоят калон аст. Хусусияти сохти химиявии онҳо имкони нигаҳдорӣ, гузаронидан ва интиқоли ирсиятро таъмин менамояд. Азбаски сабаби аксари хосиятҳо ва аломатҳо дар организми зинда сафедаҳо мебошанд, бинобар ин, фаҳмост, ки устувории кислотаҳои нуклеинат шарти муҳимтарини муътадили фаъолияти ҳаётии ҳуҷайра ва тамоми организм ба шумор меравад. Яъне, метавон гуфт, ки зуҳури хосият ва функсияи кислотаҳои нуклеинат ба хосият ва функсияҳои сафедаҳо дар организм сахт вобаста аст. Ҳар гуна тағйирот дар сохти кислотаҳои нуклеинат сабаби тағйироти структураи ҳуҷайра ё фаъолияти равандҳои физиологии онҳо мешавад.

Структураи кислотаҳои нуклеинат бори аввал аз тарафи биологи амрикоӣ Ҷ. Уотсон ва физики англис Ф. Крик омӯхта шуда буд. Онҳо изҳор намудаанд, ки тадқиқ ва фаҳмиши аломатҳо дар ҷисми зинда, ҳамчунин, тадқиқи қонуниятҳои иҷрои вазифаи чи ҳуҷайраҳои алоҳида ва чи системаи ҳуҷайраҳо-бофтаҳо ва узвҳо аҳаммияти хеле калон дорад. Дар организм ду навъи кислотаи нуклеинат - кислотаи дезоксирибонуклеинат( КДН) ва кислотаи рибонуклеинат ( КРН) мавҷуданд.

**Кислотаи дезоксирибонуклеинат - КДН.** Кислотаи дезоксирибонуклеинат полимери биологӣ буда, аз ду занҷири (силсилаи) полинуклеотидӣ, ки бо ҳамдигар пайваст шудаанд, иборат аст. Полимери массаи молекулавии КДН хеле калон мебошад. Мономерҳое, ки занҷирҳои КДН-ро




Расми 3.8.
Спирали дучандаи Уотсон ва Крик

таркиб медиҳанд, пайвастагиҳои мураккаби органикӣ буда, асосҳои нитрогенӣ доранд: аденин (А), тимин (Т), ситозин (С), гуанин (Г), қанди панҷатома-пентоза-дезоксирибоза, ки аз рӯйи он худи КДН ном гирифтааст, инчунин, боқимондаи кислотаи фосфат.

Дар як молекулаи КДН108 ва бештар нуклеотидҳо дохил мешаванд. Дар ҳар занҷир нуклеотидҳо бо ҳамдигар тавассути банди фосфодиэфирии байни як дезоксирибоза ва боқимондаи кислотаи фосфати нуклеотиди баъдина пайваст шудаанд. Ду занҷир дар молекулаи ягона бо ёрии бандҳои гидрогенӣ, ки байни асосҳои нитрогенӣ ба вуҷуд меоянд, муттаҳид мешаванд. Асосҳои нитрогенӣ ба таркиби нуклеотидҳо, ки силсилаҳои гуногун ба вуҷуд меоранд, дохил шудаанд. Миқдори бандҳои гидрогенӣ байни асосҳои нитрогении гуногун нобаробар аст, аз ҳамин сабаб, онҳо фақат метавонанд ҷуфт-ҷуфт (дутоӣ) пайваст шаванд: асоси нитрогении А-и як занҷири полинуклеотидҳо ҳамеша бо Т-и дигар занҷир, вале Г-и бо се банди гидрогенӣ бо асоси нитрогении С муқобили силсилаи полинуклеотидӣ пайваст мебошанд.

Ҳамин гуна, қобилияти интихобии пайвастшавии нукпеотидҳо, ки дар натиҷаи он ҷуфтҳои А-Т ва Г-С ба вуҷуд меоянд, қобилияти комплементарӣ номида мешавад.

**Истилоҳот:**

**Рибоза**-қанди панҷатома, ки дар таркиби КРН мавҷуд аст.

**Дезоксирибоза**-қанди панҷатома, ки дар таркиби КДН мавҷуд аст.

**Нуклеотид**-мономери кислотаҳои нуклеинӣ.

**Денатуратсия**-вайроншавии структураи сафедаҳо.

**Ренатуратсия** - барқароршавии молекулаи сафедаҳо.

**Ген**-як порчаи молекулаи КДН.

**КРН**-як намуди кислотаи нуклеинӣ буда, вазифаи кашонидани аминокислотаҳоро иҷро мекунад.

**Қоидаи Чаргаф**-суммаи асосҳои пуринӣ ба суммаи асосҳои пиримидинӣ баробар аст.

**Принсипи комплементарнокӣ**-мувофиқи ин принсип ҳамавақт Аденин бо Тимин ва Ситизин бо Гуанин пайваст мешавад.

**6. Арзёбӣ саволу ҷавоб**

Бо истифодаи саволҳои умумӣ оид ба матн сатҳи фаҳмиши хонандагонро санҷед. Ҷавоби хонандагонро мушоҳида кунед ва барои худ оид ба инкишофи онҳо қайдҳо кунед.

**Намунаи саволҳо:**

**1. Кадом хелҳои кислотаҳои нуклеинӣ мавҷуданд?**

А) КДН ва АТФ В) КРН ва АТФ

С) КДН ва КРН D) АТФ ва АДФ

**2. Ба таркиби нуклеотидҳои КДН дар баробари моддаҳои химиявии дезоксирибоза ва боқимондаи кислотаи фосфат боз чӣ дохил мешавад?**

**5. Класстер**



| Фарқият | КДН | КРН |
|---|---|---|
| Асосҳои нитрогенӣ | АГС <u>Т</u> | АГС <u>У</u> |
| Қанди таркиби нуклеотид | Дезоксирибоза | Рибоза |
| Намуд | 1 намуд: матритсавӣ | 3 намуд:<br>1) КРН-нақлиётӣ<br>2) КРН-рибасомавӣ<br>3) КРН-ахборӣ |
| Вазифа | Нигоҳдории ахбори ирсӣ | 1) КРН-ахборӣ-гузаронидани ахбор<br>2) КРН-рибасомавӣ-танзими синтези сафеда 3) КРН-нақлиётӣ-кашондани аминокислота |
| Худҳосилшавӣ | Дудҳосилшаванда аст | Дида намешавад, ба истисноии баъзе вирусҳо |
| Ҷойгиршавӣ | Ядро, митахондрия, пластида | Ядро, рибасома, ситоплазма, ядроча |
| Миқдори нуклеотид | Аз 200 то $2*10^8$ | 1) КРН-нақлиётӣ 76-85<br>2) КРН-рибасомавӣ 3000-5000<br>3) КРН-ахборӣ 300-30000 |
| Занҷир | 2 занҷира | 1 занҷира ба ғайр аз вирусҳо |

A) кислотаҳои равғанӣ
B) асосҳои нитрогенӣ
C) эфирҳои мураккаб
D) кислотаҳои нитрогендор

**3. Ба таркиби нуклеотид ба ғайр аз қанди панҷатома ва боқимондаи кислотаи фосфат боз кадом модда мансуб мебошад?**

A) кислотаҳои равғанӣ
B) асосҳои нитрогенӣ
C) эфирҳои мураккаб
D) кислотаҳои нитрогендор

**4. Ба таркиби молекулаи КДН кадом моддаҳои химиявӣ дохил мешаванд?**

A) асоси нитрогенӣ, дезоксирибоза, боқимондаи кислотаи фосфат

B) асоси нитрогенӣ, дезоксирибоза, боқимондаи кислотаи сулфат

C) асоси нитрогенӣ, рибоза, боқимондаи кислотаи фосфат

D) асоси нитрогенӣ, глюкоза, боқимондаи кислотаи фосфат

**5. Ба таркиби молекулаи КРН кадом моддаҳои химиявӣ дохил мешаванд?**

A) асоси нитрогенӣ, дезоксирибоза, боқимондаи кислотаи фосфат

B) асоси нитрогенӣ, дезоксирибоза, боқимондаи кислотаи сулфат

C) асоси нитрогенӣ, рибоза, боқимондаи кислотаи фосфат

D) асоси нитрогенӣ, глюкоза, боқимондаи кислотаи фосфат

**6. Ҷуфти комплиментарии нуклеотидҳои занҷири дучандаи КДН бо кадом бандҳо нигоҳ дошта мешаванд?**

A) дисулфидӣ B) пептидӣ
C) гидрогенӣ D) ковалентӣ

**7. Дар молекулаи КДН нуклеотидҳои як занҷир байни ҳам тавассути кадом намуди бандҳо пайваст гардидаанд?**

A) дисулфидӣ B) фосфодиефирӣ
C) гидрогенӣ D) ковалентӣ

**7. Ҷамъбаст ва хулоса**

Кӯшиши хонандагон қадр карда мешавад. Омӯзгор бо ин мақсад аз суханони руҳбаландкунанда истифода мебарад: «Ба ҳама ташаккур!», «Дар ин дарс шумо фаъолона иштирок намудед!», «Ман аз фаъолияти шумо хеле хурсанд шудам!» ва ғайра. Диққати хонандагонро ба мақсади таълимии дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Оё аз нақшаҳои пешниҳодшуда, ба кадомаш ноил гаштанд? Барои ин дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро карданд? Вазифаи хонагӣ: Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки вазифаи хонагиро барои дарси оянда дар хона иҷро намоянд.

**8. Супориши вазифаи хонагӣ**

Мавзуи **“Полимерҳои биологӣ-кислотаҳои нуклеинӣ”**-ро аз саҳифаи 82 то 84 хонед.

## ҶАМЪБАСТИ ДАРС

Бо ҳамин дарс ба анҷом мерасад ва омӯзгор метавонад дарси худро дар танҳоӣ таҳлил ва хулоса кунад, ки барои дарсҳои оянда кадоме аз хонандагонро барои ҳавасманд шуданаш таҳрик диҳад ва барои кадом хонанда усулҳои муассиртари дарсро истифода барад. Ин раванд ба ташаккули афкори илмии хонандагон мусоидат намуда, барои пешрафти зеҳнии хонандагон дар самти илмҳои табиатшиносӣ заминаҳои илмӣ - педагогиро фароҳам менамояд.

**Зайдулло ҚОДИРОВ,**
**унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**



# МАКТАБҲОИ ВАРЗИШӢ ВА РУШДИ СИФАТҲОИ АХЛОҚӢ-ИРОДАВӢ ДАР НАВРАСОН



Фаъолияти варзишӣ ҳамеша дар тарбияи наврасон ҷойгоҳи махсусро ишғол кардааст. Албатта, агар ин фаъолият дар асоси низоми ташаккулёфтаи педагогикаи варзишӣ сурат бигирад. Дар раванди таҳсил дар мактаби варзишӣ наврас чанд марҳилаи ташаккул ва рушди худро тай мекунад: аз иштирок дар сабқатҳои мактабию мусобиқаҳои гурӯҳӣ то ғолибият дар мусобиқаҳои ҷаҳонию баланд бардоштани шарафи кишвар. Хеле муҳим аст, ки наврасон на танҳо ба худтарбияткунии маҳоратҳои ҷисмонӣ тамоюл дода шаванд, балки барои онҳо рушддиҳии шахсият бо арзишҳои олии инсонӣ, ки роҳнамои ҳаётан муҳимми инсон дар ҷомеа мебошанд, лозим аст. Олимону пажуҳишгарон роҳҳои гуногуни баланд бардоштани сифатҳои ҷисмонӣ ва ахлоқӣ-иродавии варзишгарони наврасро мавриди омӯзиш қарор дода, аксар бар ин назаранд, ки машғулиятҳоро дар мактабҳои варзишии кӯдакон танҳо бо дарназардошти риояи талаботи қоидаҳо гузаронидан муфид мебошад. Омӯзиши масъалаҳои худтарбиякунии ҷисмонӣ дар робита ба сифатҳои ахлоқӣ-иродавии шахсияти наврасон дар заминаи низоми таҳсилоти иловагӣ дар мактабҳои варзишӣ маълум намудааст, ки аксар вақт натиҷаҳои асосии амалӣ ба нишондодҳои назарӣ ҳамоҳангӣ пайдо намекунанд. Раванди худтарбияткунии сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ дар наврасон дар аксари вазъият ба беихтиёрона, бе мақсади равшану роҳбарии омӯзгорон, бе ташкили муназзам ба амал намеояд. Маҳз бо ин мақсад, ҷиҳати рушди сифатҳои ахлоқӣ-иродавии наврасон дар раванди воқеии таҳсил дар мактаби варзишии кӯдакон озмоиши педагогӣ ташкил карда шудааст. Барои таҳлили вазъи вазъи ташаккули сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ дар наврасон хусусиятҳое муайян карда шудаанд, ки мазмун ва сатҳи худтарбияткунии варзишгарони наврасро тавсиф мекунанд. Барои ин ақидаҳои олимоне чун А.А. Бодалев [1], А.В. Веденов [2], В.С. Виготский [3], С.А. Даштаянтс [4] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор дода шуд. Ба сифати меъёрҳои тарбияи ахлоқӣ-иродавӣ муаллифон истифодаи рӯйхатҳои гуногуни сифатҳои мусбати ахлоқӣ-иродавӣ: меҳнатдӯстӣ, интизомнокӣ, ростгӯӣ, қотеият, тобоварӣ ва ғайраро, ки бо сохтори якпорчаи шахсият маҳдуд карда нашудаанд, тавсия медиҳанд. Таҳлили асарҳои олимон нишон медиҳад, ки бо ёрии қиёсҳое, ки аз ҷониби муаллифон истифода мешаванд, танҳо маълумоти зиёди ҷузъиро дар бораи шахсияти омӯхташаванда ва сатҳи худтарбиякунӣ ба даст овардан мумкин аст. Барои муайян кардани сатҳҳои ташаккули сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ дар наврасон дар таҳқиқоти мазкур, мо сифатҳоеро интихоб намудем, ки дар ташаккули низоми сифатҳои ахлоқии шахсият муҳим мебошанд: мустақилият, муташаккилӣ ва масъулиятнокӣ. Ҳамин тавр, мустақилият ҳамчун воситаи баланд бардоштани шуурнокӣ ва муассири масъалаи мавриди омӯзиш, натиҷаи ташкили самараноки раванди таълимӣ-тамринӣ, як навъ нишондиҳандаи маҳорати кор кардан бидуни назорати возеҳи

мураббӣ-омӯзгор дониста мешуд. Дар низоми таълими варзишӣ мавқеи иродаи варзишӣ аз талошу заҳмат бештар дошта, шахсро аз лиҳозӣ руҳӣ ва зеҳнию ҷисмонӣ муқтадир месозад.

Таҷрибаи шахсии кори мураббигии муаллиф бо наврасон дар мактаби варзишӣ нишон медиҳад, ки бачаҳо дар машғулиятҳои таълимӣ-тамринӣ танҳо дар ҳолатҳои доштани хоҳиши шахсӣ вазифаи аз ҷониби омӯзгор додашударо иҷро мекунанд. Дар акси ҳол, бо доштани дараҷаи баланди инкишофи равонӣ низ варзишгари ҷавон аз сабаби набудани тамоюли ботинӣ ба ин фаъолият таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир намекунад. Муҳаққиқони дигар мафҳуми мустақилиятро сода карда, онро «як хосияти аҷиби инсонӣ, натиҷаи тарбия ва худтарбияткунӣ мешуморанд... Худи ҳамон шарти муҳимтарин худтатбиқкунии шахсият имкониятҳои эҷодии он мебошад». Мо мустақилиятро дар робитаи зич бо сифатҳои дигари ахлоқӣ баррасӣ мекунем. Барои наврас лозим меояд, ки интихоберо анҷом диҳад, ки аз ӯ қурбонии муайянро талаб мекунад: ӯ бояд бетанаффус тамрин кунад ва аз баҳри ҳама дилхушиву саргармиҳои ҷолибаш барояд; реҷаи қатъиро риоя карда, ба сарбориҳои вазнин тоб оварад; эътидолро дар ғизохӯрӣ риоя кунад; реҷаи зиндагии худро ба ҳадафҳои гузошташуда тобеъ кунад. Агар наврас бидуни назорати доимӣ ҳамаи душвориҳои дар боло номбаршударо паси сар кунад, пас, вай мустақилиятеро соҳиб мешавад, ки аз ахлоқ маншаъ мегирад. Дар раванди суҳбатҳо бо омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, аз ҷумла, мактабҳои варзишӣ ва дар асоси таҷрибаи шахсии педагогӣ мо ба чунин хулоса омадем, ки мустақилият сифатест, ки бояд дар наврасон тарбия карда шавад.

Муташаккилӣ низ аз ҷониби мо ҳамчун нишондиҳандаи асосии тарбиятнокии ахлоқӣ-иродавии наврасон баррасӣ мешавад. Муташаккилиро мавриди омӯзиш қарор дода, муҳаққиқон як қатор вазифаҳои мураккабро ба миён гузошта, барои ҳалли онҳо кӯшиш мекунанд. Доштани донишҳо заминаро барои таҳқиқот фароҳам оварда, барои онҳо самт ва меъёрҳои ҷустуҷӯҳои методиро муқаррар менамояд. Ҳамаи корҳои илмии ба таҳқиқоти муташаккилӣ бахшидашударо ба корҳои назариявӣ-методологӣ (Н.Д. Левитов [6], Н.И. Рейнвалд [7]; В.И. Селиванов [8] ва дигарон) ва амалӣ-методӣ (В.А. Голнева [5]; К.В. Мишанова [9] ва дигарон) тақсим кардан мумкин аст. Олимону психологҳо дар бораи табиати муташаккилӣ ва тафсири ин мафҳум андешаҳои мухталиф доранд. Н.Д. Левитов [6] ба таркиби он худназораткунӣ, боварӣ ба худ, интизомнокӣ, Н.И. Рейнвалд мақсаднокӣ, мунтазамии фаъолият, қобилияти кӯшиши иродавӣ, тобоварӣ, худназораткунӣ, худдориро шомил мекунанд. А.И. Крупнов ба маҷмуи нишонаҳои муташаккилӣ мақсаднокӣ, мустақилият, интизом, ташаббускорӣ, маҳорати банақшагирӣ, поквиҷдонӣ, боғайратӣ, дақиқӣ, пуртоқатӣ, тобоварӣ, қобилияти кӯшиши иродавӣ, матонат ва истодагариро нисбат медиҳад. Н.Д. Левитов ба ин маҷмуа тобоварӣ, худназораткунӣ, эътимод ба худ, интизомнокиро дохил мекунанд.

Хулоса, омӯзиши адабиёти илмӣ имкон дод, ки усули гузаронидани озмоиши илмӣ бо мақсади таҳия ва санҷидани амсилаи педагогии худтарбияткунии сифатҳои ахлоқӣ-иродавии наврасон муайян карда шавад.

**Адабиёт:**


1. Бодалев, А.А. Личность и общение [Текст]/ А.А. Бодалев. – М.: Педагогика, 1983. – 271 с.
2. Веденов, А.В. Роль внутренних противоречий и способов их преодоления в развитии личности [Текст]. // Вопросы психологии. – 1959. – № 1 . С. 51 – 63.
3. Выготский, Л.С. Психология подростка [Текст]. – Л.: ЛГУ, 1939. – 210 с.
4. Даштаянц, С.А. Развитие волевых качеств у старших школьников в процессе выполнения общественных поручений [Текст]: Автореф. дис. ... канд. пед. наук. – М., 1975. – 2 1 с.
5. Гольнева, В.А. О некоторых особенностях организаторских умений школьников. Вопр. психологии [Текст]. – М., 1959.
6. Левитов, Н.Д. Вопросы психологии характера [Текст]. – М.: Политиздат, 1975. –307 с.
7. Рейнвальд, Н.И. Психология личности [Текст]. – М.: Изд-во РУДН, 1987. – 197с.
8. Селиванов, В.И. Воспитание воли в условиях соединения обучения с производственным трудом [Текст]. – М.: Высшая школа, 1980. – 95 с.

**Ҷонибек БАРОТОВ,**
**омӯзгори математикаи литсейи Президентӣ барои хонандагони болаёқати Тоҷикистон**

# УСУЛИ ДИСКРИМИНАНТҲО ДАР ҲАЛЛИ МУОДИЛА ВА НОБАРОБАРИҲО

Дар барномаи таълимии алгебра барои синфҳо 8 ва 9 хосиятҳои муодилаи квадратӣ оварда шудаанд. Дар он ҷо ҳолатҳои дискриминант нишон дода шудааст. Барои ҳамин тасмим гирифтем, ки дар ин мақола тарзи истифодаи васеи хосияти дискриминантро дар ҳалли муодила ва нобаробариҳо нишон диҳем. Таҷриба нишон дод, ки ҳангоми гузарондани маҳфилҳои гуногун дар сатҳи ноҳия ва шаҳр хонандагон аз чунин усул ё аз тарзи дуруст истифодабарии ин усул огоҳ нестанд. Асосан хонандагон саъй ва кушиш менамоянд бисёртар формула аз худ намоянд. Агар онҳо дар ҳалли мисолу масъалаҳо хосиятҳо ва теоремаҳоро истифода карда метавонистанд, хуб мешуд.

Муодилаи квадратӣ намуди $ax^2 + bx + c = 0$ дорад, ки дар он $a \neq 0$ аст. Дар ин ҷо дискриминант бо ҳарфи лотинии $\boldsymbol{D}$ ишора карда шуда, бо формулаи $D = b^2 - 4ac$ ҳисоб карда мешавад. **“Дискриминант”** калимаи лотинӣ буда, маънои ҷудокунандаро дорад.

1) Тавре ки медонем, муодилаи квадратӣ дар соҳаи ададҳои ҳақиқӣ ҳал дорад, агар $D \geq 0$ бошад,

Мисол: $x^2 + 2x - 3 = 0$, $\quad$ $x^2 + 6x + 9 = 0$.

$D = 4 + 12 = 16 > 0$ $\quad$ $D = 36 - 36 = 0$

Дар ҳалли мисолҳои рақамҳои 1, 2 ва 3 ин хосият истифода шудааст.

2) Дар нобаробарии сеузваи квадратии $ax^2 + bx + c \geq 0$, агар шарти $a > 0$ ва $D \leq 0$ иҷро шавад, пас нобаробари барои дилхоҳ қиматҳои ҳақиқии $x$ дуруст аст.

Мисол: $\quad$ 1) $9x^2 + 6x + 1 \geq 0$

$a = 9 > 0, D = 36 - 36 = 0, D \leq 0$, нобаробарӣ иҷро шуд.

2) $x^2 + 20x + 200 \geq 0$

$a = 1 > 0, D = 400 - 800 = -400, D \leq 0$, нобаробари иҷро шуд.

Дар ҳалли мисолҳои 4 ва 5 ин хосият истифода шудааст.

Умедворем, ки барои омӯзгорон ва шавқмандони фанни математика ин усул писанд меояд.

**Мисоли 1.** Ҳамаи ҷуфти ҳалҳои $(x, y)$ – ро ёбед, ки баробарии зеринро қонеъ созанд:

$$5x^2 + 5y^2 + 8xy - 12x - 6y + 9 = 0.$$

**Ҳал.** Дар аввал муодилаи додашударо бо усули дискриминантҳо нисбат ба тағйирёбандаи $x$ дида мебароем:

$$5x^2 + 4 \cdot (2y - 3) \cdot x + 5y^2 - 6y + 9 = 0;$$

Тавре дар боло қайд кардем, дар ин ҷо

$$a = 5, \ \ b = 4 \cdot (2y - 3), \ \ c = 5y^2 - 6y + 9$$

мешавад, пас $D = b^2 - 4ac$ ва аз ин ҷо ҳосил менамоем, ки

$$D = 16 \cdot (2y - 3)^2 - 4 \cdot 5 \cdot (5y^2 - 6y + 9) = 16 \cdot 4y^2 - 16 \cdot 12y + 16 \cdot 9 - 100y^2 + 120y - 180.$$

$$D = 64y^2 - 192y + 144 - 100y^2 + 120y - 180 = -36y^2 - 72y - 36;$$

$$D = -36 \cdot (y + 1)^2.$$

Тавре медонем, муодилаи квадратӣ дар соҳаи ададҳои ҳақиқӣ ҳал дорад, агар $D \geq 0$ бошад.

Пас $-36 \cdot (y + 1)^2 \geq 0$ ё $(y + 1)^2 \leq 0$ мебошад.

Азбаски квадрати адади дилхоҳ ҳамеша мусбат аст, нобаробарии охирин танҳо дар ҳолати $y + 1 = 0$ ва ё $y = -1$ будан ҷой дорад. Аз ин ҷо:

$$x_{1,2}=\frac{-4\cdot(2y-3)}{2\cdot 5}=\frac{-4\cdot(2\cdot(-1)-3)}{2\cdot 5}=\frac{4\cdot 5}{2\cdot 5}=\frac{20}{10}=2.$$

Ҳамин тариқ,

$$(x;\ y)=(2;\ \ -1).$$

**Ҷавоб:** $(2;\ -1)$.

**Мисоли 2.** Системаи муодиларо ҳал менамоем:

$$\begin{cases} x+y^2+z^3=\dfrac{13}{6}, \\ 9x^2+16y^4+144z^6=26. \end{cases}$$

**Ҳал.** Бо истифода аз ишораҳои $y^2=n$ ва $z^3=m$ ҳосил мекунем, ки

$$\begin{cases} x+n+m=\frac{13}{6}, \\ 9x^2+16n^2+144m^2=26; \end{cases} \qquad x=\frac{13}{6}-n-m,$$

$$9\cdot\left(\frac{13}{6}-n-m\right)^2+16n^2+144m^2=26;$$

$$9\cdot\left(\frac{169}{36}-\frac{13}{3}\cdot(n+m)+(n+m)^2\right)+16n^2+144m^2=26;$$

$$\frac{169}{4}-39\cdot(m+n)+9\cdot(m+n)^2+16n^2+144m^2=26;$$

$$25n^2+18nm+153m^2-39n-39m+\frac{65}{4}=0;$$

$$25n^2+3(6m-13)\cdot n+\left(153m^2-39m+\frac{65}{4}\right)=0.$$

Акнун муодилаи квадратии додашударо бо усули дискриминантҳо нисбат ба тағйирёбандаи $n$ ҳал мекунем:

$$a=25,\ \ b=3(6m-13),\qquad c=\left(153m^2-39m+\frac{65}{4}\right).$$

$$D=(3\cdot(6m-13))^2-4\cdot 25\cdot\left(153m^2-39m+\frac{65}{4}\right)$$

$$D=9\cdot(6m-13)^2-100\cdot\left(153m^2-39m+\frac{65}{4}\right);$$

$$D=-14976m^2+2496m-104.$$

Дар асоси шарти $D\geq 0$ навишта метавонем, ки

$$-14976m^2+2496m-104\geq 0 \text{ аст.}$$

Ҳар ду қисми нобаробарии охиринро ба $-104$ тақсим карда, нобаробарии $144m^2-24m+1\leq 0$ –ро ҳосил мекунем. Аз ин ҷо $(12m-1)^2\leq 0$ аст ва ин танҳо дар ҳолати $m=\frac{1}{12}$ будан, ҷой дорад. Дар ҳолати $m=\frac{1}{12}$ будан $D=0$ мешавад. Аз ин ҷо:

$$n_{1,2}=\frac{-3\cdot(6m-13)}{2\cdot 25}=\frac{-3\cdot\left(\frac{1}{2}-13\right)}{50}=\frac{3\cdot\frac{25}{2}}{50}=\frac{75}{100}=\frac{3}{4};\quad n=\frac{3}{4} \qquad \begin{cases} x=\frac{13}{6}-n-m, \\ n=\frac{3}{4}, \\ m=\frac{1}{12}; \end{cases}$$

$$x=\frac{13}{6}-\frac{3}{4}-\frac{1}{12}=\frac{4}{3}.$$

Ба ишора баргашта, қиматҳои $y$ ва $z$ – ро меёбем:

$$\begin{cases} y^2=n, \\ z^3=m, \\ x=\dfrac{4}{3} \end{cases} \Rightarrow \begin{cases} y^2=\dfrac{3}{4}, \\ z^3=\dfrac{1}{12}, \\ x=\dfrac{4}{3} \end{cases} \Rightarrow \begin{cases} y=\pm\sqrt{\dfrac{3}{4}}, \\ z=\sqrt[3]{\dfrac{1}{12}}, \\ x=\dfrac{4}{3}. \end{cases}$$

**Ҷавоб:** $(x;y;z)=\left(\frac{4}{3};\frac{\sqrt{3}}{2};\frac{\sqrt[3]{144}}{12}\right),\left(\frac{4}{3};-\frac{\sqrt{3}}{2};\frac{\sqrt[3]{144}}{12}\right)$.

## РИЁЗӢ

**Мисоли 3.** Ададҳои ҳақиқии $x, y, z$ баробарии $x^2 + 3y^2 + z^2 = 2$ –ро қонеъ месозанд. Суммаи $2x + y - z$ кадом қимати хурдтаринро қабул карда метавонад?

**Ҳал.** Фарз мекунем, ки $2x + y - z = p$ аст, пас қимати $z = 2x + y - p$ –ро дар баробарии $x^2 + 3y^2 + z^2 = 2$ гузошта муодилаи

$x^2 + 3y^2 + +(2x + y - p)^2 = 2$ –ро ҳосил мекунем. Ин муодиларо бо усули дискриминантҳо нисбат ба тағирёбандаи $x$ ҳал мекунем:

$$x^2 + 3y^2 + (2x + y - p)^2 = 2;$$
$$x^2 + 3y^2 + (4x^2 + y^2 + p^2 + 4xy - 4xp - 2yp) = 2;$$
$$5x^2 + 4y^2 + p^2 + 4xy - 4xp - 2yp - 2 = 0;$$
$$5x^2 + 4\cdot(y - p)\cdot x + (4y^2 + p^2 - 2yp - 2) = 0;$$
$$a = 5, \quad b = 4(y - p), \quad c = 4y^2 + p^2 - 2yp - 2.$$
$$D = 16\cdot(y - p)^2 - 4\cdot 5\cdot(4y^2 + p^2 - 2yp - 2);$$
$$D = 16\cdot(y^2 - 2yp + p^2) - 20\cdot(4y^2 + p^2 - 2yp - 2);$$
$$D = 16\cdot y^2 - 32yp + 16p^2 - 80y^2 - 20p^2 + 40yp + 40;$$
$$D = -64y^2 + 8yp - 4p^2 + 40$$

Азбаски дар шарти мисол ёфтани қиматҳои ҳақиқии $x, y, z,$ *талаб карда мешавад,* пас дискриминати ин муодила $D \geq 0$ бошад.

$$-64y^2 + 8yp - 4p^2 + 40 \geq 0;$$
$$y^2 - \frac{1}{8}yp + \frac{1}{16}p^2 - \frac{5}{8} \leq 0.$$

Ин нобаробариро чунин табдил медиҳем:

$$\left(y - \frac{p}{16}\right)^2 - \frac{p^2}{256} + \frac{p^2}{16} \leq \frac{5}{8};$$
$$\left(y - \frac{p}{16}\right)^2 + \frac{15p^2}{256} \leq \frac{5}{8}.$$

Аз ин нобаробарӣ маълум мешавад, ки $\frac{15p^2}{256} \leq \frac{5}{8}$ аст. Дар ҳолати акс $\left(y - \frac{p}{16}\right)^2 < 0$ мешавад, ки ин нобаробарӣ ҷой надорад. Пас, $\frac{15p^2}{256} \leq \frac{5}{8}$; $3p^2 \leq 32$; $p^2 \leq \frac{96}{9}$; $-\frac{4\sqrt{6}}{3} \leq p \leq \frac{4\sqrt{6}}{3}$;

$$min(p) = -\frac{4\sqrt{6}}{3}.$$

Акнун муайян менамоем, ки барои кадом қиматҳои $x, y$ ва $z$ ин мумкин аст.

Агар $p = -\frac{4\sqrt{6}}{3}$ бошад,

$$D = -64y^2 + 8y\cdot\left(-\frac{4\sqrt{6}}{3}\right) - 4\left(-\frac{4\sqrt{6}}{3}\right)^2 + 40 = -64y^2 - \frac{32\sqrt{6}}{3}y - \frac{128}{3} + 40 \text{ ё}$$
$$D = -64y^2 - \frac{32\sqrt{6}}{3}y - \frac{8}{3} = -\frac{8}{3}\cdot\left(24y^2 + 4\sqrt{6}y + 1\right) = -\frac{8}{3}\cdot\left(2\sqrt{6}y + 1\right)^2 \text{аст.}$$

Аз ин ҷо:

$$y = -\frac{1}{2\sqrt{6}} = -\frac{\sqrt{6}}{12}; \quad x_{1,2} = -\frac{4(y - p)}{2\cdot 5} = -\frac{4\cdot\left(-\frac{\sqrt{6}}{12} + \frac{4\sqrt{6}}{3}\right)}{10} = -\frac{\sqrt{6}}{2};$$
$$z = 2x + y - p; \quad z = 2\cdot\left(-\frac{\sqrt{6}}{2}\right) - \frac{\sqrt{6}}{12} + \frac{4\sqrt{6}}{3} = \frac{\sqrt{6}}{4}.$$

**Ҷавоб:** $\min(p) = -\frac{4\sqrt{6}}{3}$ ҳангоми $(x; y; z) = \left(-\frac{\sqrt{6}}{2}; -\frac{\sqrt{6}}{12}; \frac{\sqrt{6}}{4}\right)$.

**Мисоли 4.** Исбот намоед, ки барои дилхоҳ $x, y, z$ нобаробарии зерин дуруст аст:

$$5(x^2 + y^2 + z^2) \geq 6xy - 8xz + 8yz.$$

**Исбот.** Дар аввал нобаробарии додашударо табдил дода, онро ба нобаробарии сеузваи квадратӣ нисбат ба тағйирёбандаи $x$ меорем:

$$5x^2 - 2x\cdot(3y - 4z) + (5y^2 - 8yz + 5z^2) \geq 0;$$
$$a = 5 > 0 \quad b = -2\cdot(3y - 4z), \quad c = 5y^2 - 8yz + 5z^2.$$
$$D = 4\cdot(3y - 4z)^2 - 4\cdot 5\cdot(5y^2 - 8yz + 5z^2);$$

$$D = 36y^2 - 96yz + 64z^2 - 100y^2 + 160yz - 100z^2;$$
$$D = -64y^2 + 64yz - 36z^2.$$

Тавре дар боло қайд кардем, барои он ки нобаробарии сеузваи квадратӣ ҳама вақт иҷро шавад, бояд шарти $D \leq 0$ ҷой дошта бошад, пас

$$-64y^2 + 64yz - 36z^2 \leq 0;$$
$$16y^2 - 16yz + 9z^2 \geq 0; \text{ ё}$$
$$D = (16z)^2 - 4 \cdot 16 \cdot 9z^2 = 256z^2 - 576z^2 = -320 \cdot z^2 \leq 0.$$

Тавре мебинем, ифодаи $-320 \cdot z^2$ барои дилхоҳ қиматҳои $\boldsymbol{z}$ қиматҳои ғайри мусбат қабул мекунад, аз ин рӯ, шарти $D \leq 0$ иҷро мешавад.

Нобаробарии додашуда исбот шуд.

**Мисоли 5.** Исбот намоед, ки барои дилхоҳ қиматҳои $x, y, z, t$ нобаробарии зерин дуруст аст:

$$x^2 + y^2 + z^2 + t^2 - xy - zt - yz - t + \frac{2}{5} \geq 0$$

**Исбот.** Ин нобаробариро ҳамчун нобаробарии сеузваи квадратӣ нисбат ба тағйирёбандаи $\boldsymbol{x}$ меомӯзем:

$$x^2 - y \cdot x + \left(y^2 + z^2 + t^2 - zt - yz - t + \frac{2}{5}\right) \geq 0;$$
$$a = 1 > 0, \qquad b = -y, \qquad c = y^2 + z^2 + t^2 - zt - yz - t + \frac{2}{5}$$
$$D = y^2 - 4 \cdot 1 \cdot \left(y^2 + z^2 + t^2 - zt - yz - t + \frac{2}{5}\right) =$$
$$= -3y^2 - 4z^2 - 4t^2 + 4zt + 4yz + 4t - \frac{8}{5}.$$

Мувофиқи шарт мо бояд исбот намоем, ки $D \leq 0$ мешавад. Ин моро ба исботи нобаробарии

$$-3y^2 - 4z^2 - 4t^2 + 4zt + 4yz + 4t - \frac{8}{5} \leq 0 \quad (*)$$

меорад. Барои ин қисми рости нобаробари $(*)$ –ро ба $(-1)$ зарб карда нобаробарии зеринро ҳосил менамоем:

$$3y^2 + 4z^2 + 4t^2 - 4zt - 4yz - 4t + \frac{8}{5} \geq 0$$

Ин нобаробариро нисбат ба тағйирёбандаи $\boldsymbol{y}$ исбот мекунем:

$$3y^2 - 4yz + \left(4z^2 + 4t^2 - 4zt - 4t + \frac{8}{5}\right) \geq 0;$$
$$a = 3 > 0, \ b = -4z, \ c = 4z^2 + 4t^2 - 4zt - 4t + \frac{8}{5}$$
$$D = 16z^2 - 4 \cdot 3 \cdot \left(4z^2 + 4t^2 - 4zt - 4t + \frac{8}{5}\right);$$
$$D = -32z^2 - 48t^2 + 48zt + 48t - \frac{96}{5}.$$

Мувофиқи шарт мо бояд исбот намоем, ки $D \leq 0$ Ин моро ба исботи нобаробарии

$$-32z^2 - 48t^2 + 48zt + 48t - \frac{96}{5} \leq 0 \qquad (**)$$

меорад. Ин нобаробариро исбот мекунем. Барои ин ҳар ду қисми нобаробарии $(**)$ – ро ба $-16$ тақсим карда, боз хосияти нобаробарии сеузваи квадратиро нисбат ба $z$ истифода мекунем:

$$2z^2 + 3t^2 - 3zt - 3t + \frac{6}{5} \geq 0;$$
$$2z^2 - 3zt + \left(3t^2 - 3t + \frac{6}{5}\right) \geq 0.$$
$$a = 2 > 0, \qquad b = -3t, \qquad c = 3t^2 - 3t + \frac{6}{5}.$$
$$D = 9t^2 - 4 \cdot 2 \cdot \left(3t^2 - 3t + \frac{6}{5}\right) = -15t^2 + 24t - \frac{48}{5} = -\frac{3}{5} \cdot (5t - 4)^2.$$

Фаҳмост, ки ифодаи $-\frac{3}{5} \cdot (5t - 4)^2$ барои қиматҳои дилхоҳи ҳақиқии $\boldsymbol{t}$ қиматҳои ғайри мусбат қабул мекунад, яъне шарти $D \leq 0$ иҷро мешавад. Аз ин ҷо дурустии нобаробарии аввала ҳосил мешавад.

## МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ

**Аслинисо КАСИРОВА,**
**омӯзгори кафедраи химияи органикӣ**
**ва биологии Донишгоҳи давлатии**
**омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**



# АМИНОКИСЛОТАҲО АЗ РӮЙИ ТАРКИБ БА КАДОМ ПАЙВАСТАГӢ ДОХИЛ МЕШАВАНД?

### Истифодаи методҳои нав аз химия дар синфи 11

Салоҳият маҷмуи ҳамгироиҳои дониш, малака ва маҳоратро дар бар мегирад, ки дар натиҷаи таҷрибаи амалӣ ва фаъолият бо истифодаи ин донишҳо ба даст омадааст. Худи фаъолият бо шавқу завқ сахт алоқаманд буда, барои шахс муҳимтарин василаи кор ва омӯзиш маҳсуб меравад. Муносибати босалоҳият кӯшиши ҳал кардани ин ихтилоф: омӯзонидани далелҳои алоҳида ва маълумоти назариявӣ не, балки маҳорати бомуваффақият истифода кардани ин донишҳо ҳангоми ҳалли мушкилиҳост. Ақидаи боз ҳам оянда бинона ва пурқувват ҳаст: донишҳои мушаххасро не, балки усулҳои зуд ва самаранок аз худ кардани онҳо (маҳорати омӯхтан)-ро таълим додан лозим аст. Дар фаҳмиши имрӯзаи муносибати босалоҳият ба таълим тамоми таҷрибаи беҳтарини дар амалияи педагогика коркардшуда истифода мешавад: муносибати ба шахсият нигаронидашуда, омӯзиши якҷоя (омӯзиш дар ҳамкорӣ), методҳои таҳқиқотӣ ва проблемавӣ. Арзёбии ташаккулдиҳанда, инчунин, усулҳои дигари зиёди интерактивӣ. Бо мақсади ин ки шарҳи мо маҳсулнок бошад, кӯшиш менамоем, ки муносибати босалоҳият ба таълимро тавассути унсурҳо, ҷанбаҳои сохтории зерин нишон диҳем.

Муносибати босалоҳият барои пурра расидан ба мақсад ва баланд бардоштани сифати таълим бештар мусоидат намуда, омӯзгорро водор менамояд, то роҳу усулҳоеро ҷустуҷӯ намояд, ки онҳо дар хонандагон чунин арзишҳои иҷтимоӣ, ба монанди серталабӣ ба дониш, мустақилона азхудкунии донишҳо, интихоби роҳҳои нисбатан муносиби донишомӯзон дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ, банақшагирӣ дар омӯзиш, худбаҳодиҳӣ, дар амал татбиқ намудани донишҳои бадастовардаро ташаккул диҳад.

Тибқи талаботи муносибати босалоҳият раванди таълим дар дарс ба нақша гирифта мешавад.

**Барои ҳар як лаҳзаи дарс фаъолиятҳои зерин муайян карда мешаванд:**

**Эҷодкорӣ:** пайдо намудани хаёлот, эҷоди андешаҳои гуногун, малакаи шарҳи муаммо, қобилияти ҷустани сабабҳои ин ё он рӯйдодҳо, эҷоди маҳсули фаъолияти эҷодии хонанда мебошад.

**Тафаккури интиқодӣ:** дар ин қисми дарс мо ақидаҳои хонандагонро муайян мекунем. Бо фаҳмишҳои худ кор кардан ва омӯзиши маводи нав. Муайян намудани алоқамандиҳои мазмуни нав ва донишҳои захиравӣ.

**Маҳорати омӯзиш:** имконият ва омода намудани мақсадҳо барои худомӯзӣ, банақшагирии қадамҳои омӯзишӣ, мустақилона ё ҳамроҳ бо дигарон гирифтани маълумот барои омӯзиш, қобилияти истифода бурдани донишу малакаҳои бадастовардашуда барои ҳалли проблемаҳо, инчунин, худтанзимкунӣ аз натиҷаи омӯзиши худ. Талабот ба омӯзиш танҳо дар мавриди мавҷуд будани манфиатҳо ва кӯшишҳо барои ягон мақсад пайдо шуда метавонад.

**Ҳамкорӣ:** маҳорат ва малакаи якҷоя кор кардан ба сифати узви гурӯҳ ё даста барои ҳалли якҷояи мушкилот, татбиқи ақидаҳои умумӣ ва лоиҳаҳо, маҳорати самаранок ва бо эҳтиром фаъолият намудан, барпо карда тавонистани ҳамкорӣ дар гурӯҳҳои ҳайаташон гуногун ва ғайра, набояд монеа бошад.

Бо дарназардошти зинаҳои дарс омӯзгорро зарур аст, ки методҳои мувофикро интихоб намуда, барои ташаккули салоҳиятҳои хонандагон ва такмили малакаҳо супоришҳои амалиро роҳандозӣ намояд.

# МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ

Истифодаи метод, усул ва роҳҳои фаъолияти таълимӣ бо мақсадгузориҳо ва муайян намудани натиҷаҳои интизоршаванда муайян карда мешавад. Дар дарсҳои химия низ ҳамкории хонандагон дар равандҳои амалия, таҷрибаҳо, озмоиш ва ба даст овардани назария сайқал дода мешавад. Омӯзгор бояд муайян созад, ки дар лаҳзаҳои дарс кадом роҳу усулро истифода менамояд. Масалан, дар баъзе мавридҳо Синквейнро, ҳам дар марҳилаи водорнамоӣ ва ҳам дар марҳилаи мулоҳизаронӣ, истифода кардан мумкин аст. Ин вобаста ба мақсадҳои таълимии дарс мебошад.

Барои ташаккули зеҳнӣ ва инкишофи нутқ метавон усулҳои шифоҳӣ, навиштани эссе, синквейн, реферат, баромадҳо дар семинар, маҳфилҳои илмӣ - назариявӣ манфиатоваранд.

Ташаккули салоҳияти асосии тафаккури интиқодӣ бо такмил додани малака ва маҳорати корӣ дар шаклҳои шифоҳӣ, навиштторӣ, мустақилона фаъолият кардан, баёни фикр, ба иттилои нав бо тарзҳои гуногун кор карда тавонистан, таҳлил ва муқоиса, тартиб додани ақидаҳои худ ва пазироии ақидаҳои дигарон, арзёбӣ ва хулосабарӣ намудан рушд меёбад.

Фанни химия, ки илми даққиқ аст, дар қатори дигар фанҳо барои хонанда хеле муфид ва зарур мебошад. Омӯзгорро мебояд то барои баланд бардоштани савияи дониши хонандагон ва фаъолияти онҳо дар омӯзиши ин фан, боло бурдан ва ташаккул додани салоҳиятҳои хонандагон дар омӯзиши он таҷрибаҳои методологӣ, технологӣ ва дидактикии худро дар фаъолияти педагогӣ равона созанд.

## МАВЗУЪ: «АМИНОКИСЛОТАҲО»

**Мақсади дарс:**

• Пайдо намудани хаёлот, эҷоди андешаҳои гуногун, малакаи шарҳи муаммо, қобилияти ҷустани сабабҳои ин ё он рӯйдодҳо, эҷоди маҳсули фаъолияти эҷодии хеш.

• Оид ба аминокислотаҳо маълумот гирифта, фикру ақидаи худро дар бораи аҳаммияти кислотаҳо, зарари онҳо баён карда метавонанд.

• Дар бораи изомерия ва номенклатураи «α - Аминокислотаҳо» маълумот дода метавонанд.

• Пайдо намудани маълумот дар бораи аҳаммияти биологӣ «α - Аминокислотаҳо».

• Усули реаксия ҳосил кардани «α - Аминокислотаҳо» ва доир ба хосиятҳои физикӣ ва химиявӣ гурӯҳбандӣ карда метавонанд.

**Эҷодкорӣ:** Маҳорати таҳияи ягон чизи нав, мустақилона пайдо кардани роҳҳои ғайримаъмулии ҳал дар масъалаҳои нав, тахайюлпазирӣ ва образнокии фикрронӣ, ҳамгиро кардани усулҳои маълуми фаъолият бо фаъолиятҳои нав, ҳалли комилан нави вазъияти проблемавӣ, ки ба ақидаҳои нав ва кашфиёт боис мешаванд.

**НАҚШАИ ДАРС**

**1. Водорнамоӣ**

**А) Ангезиши зеҳн-**ҷамъи ақидаҳо (3 дақиқа)

Дар ин қисмати дарс мо ақидаҳои хонандагонро муайян мекунем ва аз диаграммаи Т - нақша истифода мебарем.

Омӯзгор ба хонандагон дар масъалаи «Маълумоти умумӣ дар бораи аминокислотаҳо" суҳбат мекунад. Савол ба хонандагон пешниҳод мешавад. Аз чунин диаграмма истифода мебарем. Ин ҳолат ба хонандагон чунин саволҳо пешниҳод мешавад ва ҳар як хонанда ба саволҳои додашуда ҷавоб медиҳанд. Масалан:

**Саволи 1. Ба фикри шумо кислотаҳо бо кадом хосиятҳои химиявӣ ва физикиашон аз якдигар фарқ ва монандӣ доранд?**

Кислотаҳои ғайриорганикӣ: $HCl$, $HNO_2$, $H_2SO_4$, $H_3PO_4$

Кислотаҳои органикӣ: $H\text{-}COOH$, $CH_3\text{-}COOH$, $CH_3 - CH_2 - COOH$

Аминокислотаҳо: $H_2N - CH_2 - COOH$, $H_2N - CH(CH_3) - COOH$, $H_2N - CH(CH_2)_4 - COOH$, $H_2N - CH(CH_2\text{ - }COOH) - COOH$,

$H_2N - CH(CH_2\text{ - }SH) - COOH$

**Саволи 2. Фарқият ва монандии кислотаҳоро муайн кунед.**

Дар ин диаграммаи истифодабурдаамон хонандагон дар бораи хосиятҳои физикию химиявӣ ва ҳолатҳои агрегатиашон фарқият ва монандиро меомӯзанд, инчунин, формуларо муқоиса менамоянд.

**В) Супориш ба шогирдон дар шакли кори гурӯҳӣ:** фаъолгардонии донишҳои мавҷуда, бунёди вазъияти ҷустуҷӯӣ, барқарорсозии алоқамандиҳо бо мавзуъҳои гузашта: (6 дақиқа)

**Супориш:**

**а) Аминокислота чист?**

**б) Формулаи аминокислотаҳоро нависед?**

**в) Дар организм чӣ аҳаммият дорад?**

**г) Аминокислотаҳои алифатиро нависед?**

**ғ) Аминокислотаҳои дуасосаро нависед?**

**д) Таркиби аминокислотавии сафедаҳоро кадом олим муайян кардааст?**

**е) Пай дар пай пайвастшавии аминокислотаҳоро чӣ меноманд?**

**ё) Сафеда чӣ гуна модда аст?**

Гурӯҳҳо дар бораи саволҳои пешниҳодшуда ҷавобҳои донистаи худро мегӯянд.

Пас аз 3 дақиқа омӯзгор мулоҳизаронӣ гузаронида бо хулосаҳои асосӣ натиҷаҳои кори гурӯҳҳоро ҷамъбаст менамоянд.

**2. Даркнамоӣ:** Саволҳо барои таҳлил имкон медиҳанд, ки сохтори том фаҳмо ва алоқамандии байни қисматҳо ошкор гардад, маълумотҳо арзёбӣ шаванд (3 дақиқа).

**Саволҳои фронталӣ:**

**а) Аминокислотаҳо аз чӣ таркиб ёфтаанд? (формула).**

**б) Аминокислотаҳо кадом хосияти химиявиро доранд? (реаксияҳо).**

**в) Аминокислота аз рӯйи таркиб ба кадом пайвастагӣ дохил мешавад?**

**г) Аминокислотаҳо дар организм чӣ аҳаммият доранд?**

**ғ) Реаксияи ҳосилшавии дитрипептидиро нависед?**

**д) Навиштани реаксияҳои химиявӣ (усули истеҳсол ё хосиятҳои химиявӣ) (6 дақиқа).**

**Хондани матни мавзуи «Аминокислотаҳо саҳифаҳои 11-23».**

**е) Татбиқи донишҳои нав: аз худ кардани тарзҳои нави фаъолият.**

**Кори гурӯҳӣ:** Аҳли синф ба гурӯҳҳои хурд ҷудо карда мешаванд.

Супориш: аз рӯйи таснифот формулаҳои аминокислотаҳоро нависед!

**1) Формулаҳои аминокислотаҳои алифатӣ;**

**2) Формулаҳои аминокислотаҳои дикарбонӣ;**

**3) Формулаҳои аминокислотаҳои дуасоса;**

**4) Формулаҳои аминокислотаҳои сулфурдор;**

**5) Формулаҳои аминокислотаҳои ароматӣ.**

Пурра кардани тасавурот ва амалҳо: Муаррифии корҳои гурӯҳӣ (12 дақиқа).

**2. Мулоҳизаронӣ.**

**а) Татбиқи дониш ва малакаҳо дар гурӯҳҳо (8 дақиқа).**

Супориш барои кор: Дар бораи ҳар як аминокислотаҳо усули ҳосилкунӣ ва хосияти химиявии реаксияҳоро навишта, маълумоти заруриро тахминан 4-5 реаксияҳоро навишта, маълумот мегирад.

**б) Робитаи мутақобил ҷамъбасти натиҷаҳо**

Рефлексия: якдигарбаҳодиҳӣ, таҳлили таҷриба ва малакаҳои андухтаи якдигар. (арзёбии фаъолияти гурӯҳҳо ба якдигар) (5 дақиқа).

Арзёбии фаъолияти гурӯҳи якум аз тарафи гурӯҳи чаҳорум

**Меъёри баҳо;**

**• Муаррифии маълумот дар бораи аминокислотаҳо ва аҳаммияти онҳо дар организм.**

**• Реаксияҳои усули ҳосилкунии аминокислотаҳо.**

**• Реаксияҳои хосиятҳои химиявии аминокислотаҳо.**

**• Ороиши муарифиҳои гурӯҳи №.1.**

**Дараҷаи баҳо;**

**аъло**_________

**хуб**_________

**к/б**________

**ғк/б**_______

Эзоҳ: Ба ҳар як гурӯҳ 5 варақа дода мешавад ва як гурӯҳ ба 5 гурӯҳи дигар баҳо дода, арзёбии кардаашонро ба нишонии гурӯҳҳо пешниҳод менамоянд. Ҳар як гурӯҳ аз тарафи 5 гурӯҳи дигар арзёбӣ карда мешавад.

**в) Супориши вазифаи хонагӣ: (2 дақиқа).**

***1) Дар асоси матн аз саҳифаҳои 11-23, реаксияҳо ва масъалаҳои додашуда мисол ҳал намоед.***

***2) Татбиқи донишҳоро пешбинӣ мекунанд. Дар бораи аҳаммият ва зарари аминокислотаҳои интихобкардаатон эссе нависед.***

**а) Усулҳои ҳосилшавии аминокислотаҳоро бо реаксияҳои химиявӣ навишта нишон диҳад.**

**б) Хосиятҳои химиявии аминокислотаҳо бо реаксияҳо дар озмоишгоҳ нишон диҳед.**

**в) Аҳаммияти аминокислотаҳо дар тиб чӣ гуна аст?**

**г) Усулҳои аз маводҳои биологӣ ҷудо намудани сафедаҳо ва гузаронидани реаксияҳои сифатии ба аминокислотаҳо хос буда, бояд таҷрибаҳоро гузаронида, маълумоти аниқ пайдо кунанд.**

**Эзоҳ:**

**Натиҷаи омӯзиш:**

- ***Хонандагон дар гурӯҳҳо кор карда метавонанд.***
- ***Хонандагон озодона фикру андешаи худро баён карда метавонанд.***
- ***Хонандагон натиҷаҳои коркарди маълумотро матнӣ (нақл) ва дар ҷадвалҳо омода карда метавонанд.***
- ***Барои беҳтар ва пурмазмун ҷамъбаст ва муаррифии омӯзишҳояшон кӯшиш намуда, малакаҳои худашонро сайқал медиҳанд.***
- ***Таҷриба ва малакаҳои якдигарбаҳодиҳӣ, таҳлили таҷриба ва малакаҳои андӯхтаи якдигарро ташаккул медиҳанд.***
- ***Оид ба мавзуи таҷриба ва малакаҳои хонандагон ташаккул меёбад.***

**Салоҳиятҳои хонандагон:**

***-ҳамкорӣ***
***-демократӣ***
***-эҷодкорӣ***
***-эҳсоси масъулият дар ҳалли мушкилот***
***-ҳамкорӣ***
***-иҷтимоӣ***
***-ҳамкорӣ***

Омӯзгор варақаҳоро ҷамъ оварда, пас аз дарс натиҷаҳои татбиқи дониш ва малакаҳоро дар гурӯҳҳо таҳлил намуда, арзёбӣ менамояд. Барои дарсҳо ва фаъолияти оянда самтҳоро муайян менамояд.

**Салоҳиятҳои зарурии омӯзгор:**

- ***Маҳорати ташкил, гузаронидан ва назорати фаъолияти ҳамкории хонандагон.***
- ***Қобилияти ташкили фазои эҷодии хонандагон.***
- ***Салоҳияти ҳамкории омӯзгорӣ дар дарс.***
- ***Салоҳияти эҷодкорӣ.***
- ***Салоҳияти машваратдиҳӣ ва роҳбаладӣ ба хонандагон.***
- ***Қобилияти муошират бо гурӯҳҳо.***
- ***Қобилияти идоракунии вақт.***
- ***Салоҳияти арзёбӣ ва таҳлил намудан тавонистани натиҷаҳои фаъолият ва салоҳияти хонандагон аз натиҷаҳои дарсҳо ва раванди таълим.***
- ***Салоҳияти муайян кардани вазифаҳои наздик ва дурнамои таълим.***

Омӯзгор бо чунин тарзи истифода аз усулҳои санҷидашуда дар раванди дарсҳо аз як ҷиҳат дарсҳоро шавқовар намуда, аз ҷониби дигар завқи хонандагонро ба дарсҳо, махсусан, ба фанҳои дақиқ бештар тамоюл мебахшад.

**Адабиёт:**

1. Хихлова Д.А. Формативное оценивание. http://www.rusnauka.com/-43.../Pedagogica/5_203152.doc.htm.
2. http://открытыйурок. РФ/статьи/581708/
3. Григорьева Э.С. Использование технологии критического мышления на уроках химии. http://открытый урок. РФ /статьи/528850/.
4. Ирина Н.К. Приемы развития критического мышления в чтении и письме на уроках физики. http://открытый урок. РФ/статьи/654233/.
5. Пукевичюте В.Ю. Тенденции умения учиться как важной компетенции в современном образовании // личность, семья и общество: вопросы педагогики и психологии: сб. ст. по матер. xi междунар. науч.-практ. конф. часть i. – Новосибирск: Сибак, 2011. https://sibac.info/conf/pedagog/xi/25892.
6. Теория сильного мышления. Теоретические основы сильного мышления. https://sites.google.com/site/teoriasilnogomyslenia/.
7. Нас ждут серьезные изменения в системе обучения. Размышления о новой функции образования и о триз - педагогике https://trizway.com/art/form/26.html.
8. Простой алгоритм составления задач самостоятельно. https://triz way.com/art/open task/381.html.
9. Гин А.А. Приемы педагогической техники: Свобода выбора. Открытость. Деятельность. Обратная связь. Идеальность: Пособие для учителя / А.А. Гин. – 7-е изд. – М.: Вита-Пресс, 2006. – 112 с.
10. Джени Стил, Керт Мередис, Чарльз Темпл. Проект: Чтение и письмо для развития критического мышления. Пособия 1-8. – Бишкек: 1999.

ФИЗИКА

**Муҳаммад САФАРОВ,**
**мудири лабораторияи илмӣ-таҳқиқотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**



# ТАЪЛИМИ ТЕХНИКӢ ДАР РУШДИ МАЛАКАЮ МАҲОРАТ ВА ФАРҲАНГИ ТЕХНИКИИ ХОНАНДАГОН

**Физика яке аз соҳаҳои муҳим дар раванди ташаккули тафаккури техникӣ буда, асоси пешрафту тараққиёти ҷаҳони муосир аз маърифати техникӣ маншаъ мегирад. Дар ин нигошта роҳҳои рушди малакаву маҳорати техникии хонандагон таҳлилу баррасӣ шудааст.**

Дар ҷаҳоне, ки техника ва технологияи муосир бо суръати кайҳонӣ пеш рафта, ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ доимо рушд ёфта истодааст, бояд илми физика дар мадди аввал гузошта шуда, моҳияти қонуну равандҳо ва ҳодисаю зуҳурот ба наврасону ҷавонон хуб омӯзонида шаванд. Айни замон дар системаи маориф дар дарсҳои омӯзишии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дониши назария аз амалия то андозае бештар омӯзонида мешавад, вале дар таълими техникӣ ин тавр нест ва бояд на танҳо аз омӯхтани асосҳои илм ба таври назария, балки дар ин муассисаҳо синфхонаҳои лабораторӣ муҷаҳҳаз пурра вуҷуд дошта бошанд, то ин ки таҷрибаҳо, корҳои лабораторӣ ва ё машқҳои амалиро бо асбобҳои физикӣ, элементҳои таҳқиқот ва алоқаманд бо эҷодиёти техникӣ гузаронида шаванд. Дар ин ҳолат донишҳои техникии хонандагон зиёд шуда, фарҳанги техникии онҳо рушд меёбад.

Дар раванди омӯзиши фанни физика хонандагон, асосан, дониши техникиро азбар намуда, малакаю маҳорати истифодаи кор бо асбобҳои гуногунро ҳосил менамоянд ва дар навбати худ ислоҳи проблемаҳоро меомӯзанд. Мақсади асосии раванди таълим дар физика тартиб додани системаи нави дидактикии омӯзиш ва фарҳанги техникии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Дар физика тибқи мақсади асосии раванди таълими техникӣ чунин вазифаҳо мавҷуд мебошанд: ошкор намудани тамоюлҳои асосии рушди фарҳанги техникӣ зимни таълими физика дар асоси комёбиҳои педагогикаи ватанӣ ва хориҷӣ, муайян кардани талаботи асосии саноати муосир ва рушди илму техника дар мазмуни фарҳанги техникии хонандагон зимни таълими физика, коркарду тартиб додани лоиҳаи системаи таълими техникии хонандагон дар раванди омӯзиши физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Пас, замони рушди илму техника дар муассисаҳои таълимӣ хонандагонро набояд бо миқдори муайяни донишҳои назариявӣ аз рӯйи стандарт ва барномаи шахшуда ба маҳбаси зеҳнӣ фаро гирифт, балки эҷодкорона фикр кардан, ихтироъкорӣ, мустақилона аз мушкилӣ баромадан, навгонӣ кардан, такмилу рушд додани дониш ва малакаю маҳоратро дар тафаккуру зеҳни онҳо ҷой додан лозим аст. Таҳлилу пажуҳишҳо нишон доданд, ки доир ба ташаккули донишу малака ва маҳорати фарҳанги техникии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳанӯз ҳам хеле масъалаҳои ҳалнашуда ва нофаҳмо мавҷуд аст. Бо вуҷуди ин, таҳсилот бояд асосҳои нави илмӣ ва ҳалли амалии вазифаҳои ислоҳоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбию техникиро пайдо кунад.

Наврасону ҷавононро зарур аст, ки ба комёбиҳои навтарини илму техника ошно шуда, аз ин тариқ, бо фарҳанги техникӣ мусаллаҳ гарданд. Зеро шароит тақозо мекунад, ки муносибати таълими техникии хонандагон боз ҳам бештар такмил дода шавад ва ҷиҳати назариявӣ ва амалии асосҳои умумии илмии саноат ва техникаи муосир ҳамчун муҳимтарин қисми он омӯхта шаванд. Дар доираи таълими физика усули кӯҳнашудаи татбиқи принсипи техникӣ ва паст будани дараҷаи маҳорату қобилияти техникии хонандагон яке аз проблемаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Дар вақти омӯхтани физика им-

конияти ба амал баровардани асли техникӣ пурра ба кор бурда нашуда, дараҷаи маълумот ва маҳорат ба кадри кофӣ нест. Ин имкон медиҳад, ки бидуни тарки як касби интихобшуда, қобилияти истифодаи дониш ва технологияҳоро дар дигар намудҳои фаъолияти касбӣ доро бошанд, салоҳиятҳои нави калидиро ташаккул диҳанд, то дар ниҳояти кор барои ҳалли вазифаҳои мураккаб ва беназир имкон ёбанд. Ҳудудҳои ҳалнашудаи он: мазмуну асосҳои интихоби ашёҳои амалӣ, ки асосҳои физикии саноати муосирро инъикос мекунанд; кор карда баромадани маҷмуи воситаҳои дидактикие, ки ба ташаккули дониш ва малакаҳои фарҳангӣ-техникӣ дар раванди таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат мекунанд, мансуб меёбад.

Қайд кардан зарур аст, ки яке аз ҷанбаҳои асосии такмили омӯзиши физика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таълими техникӣ ва рушди фарҳанги техникӣ дар шароити муосир ба ҳисоб меравад. Маҳз замони илму техникаи муосир бештар тайёр намудани кадрҳои баландихтисосро талаб мекунад. Базаи ибтидоии тайёр намудани кадрҳои баландихтисос маҳз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад, ки вазифаҳои он дар марҳалаи ҳозира чунин муайян карда шудааст: ба ҳар як хонанда дониши амиқӣ илмӣ дода шавад, меҳнатдӯстиро дар онҳо тарбия намуда, омодагии ҷавононро ба интихоби дурусти касб баланд бардорад.




Расми 1

Ҳамин тавр, дар раванди таълими физика дар шароити тараққиёти илму техника рушд додани фарҳанги техникӣ хусусияти актуалиро пайдо кардааст. Донистани технология ва асосҳои техникии саноати муосири босуръат рушдёбанда ба наврасону ҷавонон барои ихтисоси муайянро зуд азхуд намудан кумак менамояд. Дар ин ҷо рушди таълим ва фарҳанги техникӣ ҳамчун раванд ва натиҷаи азхудкунии донишҳои ба низом даровардашуда, ки вобаста ба асосҳои илмии технология ва саноати муосир баррасӣ мешавад, ташаккули малака ва малакаҳои зарурӣ барои коркарди воситаҳои мавҷуди меҳнат дар соҳаҳои гуногуни саноат истифода бурда мешавад. Мақсади ниҳоии таълим ташаккули хислатҳои шахсият буда, ба ҳар як шахс имкон медиҳад, ки дар дилхоҳ соҳаҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ озодона ва софдилона кору фаъолият намояд. Мушкилоти таълими рушди фарҳанги техникӣ дар замони муосир яке аз проблемаҳои асосии самти амалия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва илми педагогика маҳсуб мешавад. Арзиши донишҳои физикие, ки дар асоси тараққиёти илмию техникӣ қарор доранд, бо мурури замон сол то сол рушд меёбад. Ин донишҳои физикӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон хеле талаботи бештар доранд. Дар тамоми дастгоҳҳои гуногун, усулҳои кори асбобҳои рӯзгор ва механизмҳои дилхоҳи саноатӣ қонунҳои физика васеъ истифода бурда мешаванд. Таълим ва тарбияи техникӣ дар таҳсилот омӯзиши ҷанбаҳои технологии тасвири илмии муосири ҷаҳонро дар бар мегирад. Лозим аст, ки хонандагон усулҳои истеҳсолоти ҳозиразамонро азхуд карда, малакаю қобилияти амалии истифода бурдани асбобу таҷҳизот, дастгоҳҳо, муҳаррикҳои гуногун ва механизмҳоро азхуд намоянд.

Пас, моро зарур аст, ки салоҳияи хонандагонро тавассути ҷалби мунтазам ба шаклҳои гуногуни таҳқиқот, қобилияти ҷустуҷӯ ва эҷодкорӣ дар раванди омӯзиш ташаккул диҳем. Ин ба рушди худшиносии қувваҳои эҷодии хонандагон ёрӣ мерасонад.

Ҳангоми дарси физика омӯзгор хонандагонро, асосан, ба дарк намудани проблемаҳои муҳимми техникию иқтисодие, ки барои рушди минбаъдаи илмию техникӣ дар асоси натиҷаю комёбиҳои физикаи муосир ҳал карда мешаванд, водор мекунад. Дар асоси он, ки омӯзиши

## ФИЗИКА

техникӣ асоси дурусти касбомӯзии бачаҳо мебошад, омӯзгор малакаю маҳорат ва қобилиятҳои амалии хонандагонро мустаҳкам намуда, дониши онҳоро васеътар менамояд. Фарз кардем, омӯзгор дар раванди дарс дар фасли физикаи молекулярӣ ва электродинамика хонандагонро бо проблемаҳои физикӣ оид ба сохти молекула, муҳаррикҳои гармидиҳӣ, оид ба энергияҳо, вобаста ба электрометаллургия (хусусан, гудозиши металл) ва ғайраҳо шинос карда, дар асоси равандҳои гуногуни технологӣ вобаста ба хосиятҳои ҷисмҳои сахт, моеъ ва газ **(нигаред ба расми 1)** чандин таҷрибаҳо мегузаронад. Қайд намудан лозим аст, ки дар вақти омӯхтани фасли термодинамика ва электродинамика хонандагон тарзи кори муҳаррикҳои гармидиҳӣ, неругоҳҳои барқӣ, муҳаррикҳои дарунсӯзи электрикӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии онҳоро ба назар гирифта, аз худ менамоянд.






Расми 2

Омӯзгор диққати хонандагонро ба муҳаррикҳои муосири дарунсӯз ва фарқи онҳоро аз муҳаррикҳои қаблӣ **(нигаред ба расми 2)**, дар бораи сохтани неругоҳҳои барқӣ ҷалб намуда, хонандагонро дар бораи касбҳои ба муҳаррикҳои муосири дарунсӯз ва неругоҳҳои барқӣ алоқаманд, яъне, муҳандис, ронанда, челонгар, барқчӣ, муҳосиби соҳавӣ, мутахассиси истеҳсолкунандаи муҳаррик ва неругоҳҳои электрикӣ ва ғайраҳо шинос мекунад.

Ҳангоми омӯхтани хосиятҳои моеъҳо, истифода бурдани ҳодисаҳои капиллярӣ дар техника, хоҷагии қишлоқ ва ҳаёти ҳаррӯза, тарзи раванди гудозиши маъданҳои полиметаллӣ ва металлро, ки дар саноати металлургия васеъ истифода мебаранд, дарбар мегирад. Дар навбати худ омӯзгор хонандагонро бо касбҳои зарурии он шинос менамояд. Омӯзгор ҳангоми омӯхтани хосиятҳои ҷисмҳои сахт ва хосиятҳои пластикии металлҳо аз корхонаҳои саноатии металлургӣ мисолҳо оварда, ба онҳо тарзи мустаҳкамкунӣ ва гудозиши ҷисмҳои сахтро мефаҳмонад. Омӯзгор, инчунин, хонандагонро бо як қатор касбҳое, ки дар саноати металлургӣ вуҷуд доранд, шинос менамояд. Ҳангоми баррасии манбаи ҷараёни электрӣ аз воситаҳои гуногун ба хонандагон асосҳои физикии як қатор равандҳои технологиро (бо истифода аз электролиз ҳосил намудани алюминий ва дигар металлҳои ранга, бо истифода аз технологияи рӯйпӯши галваноидӣ ва разряди шарорагӣ барои коркарди металлҳо ва тозакунии газ дар препитаторҳои электростатикӣ, бо истифода аз разряди камоншакл барои кафшер кардани қисмҳои металлӣ) шарҳ медиҳад. Маҳз дар фасли «Ҷараёни электрикӣ дар муҳитҳои гуногун» пайвасти дурусти асбобҳо ва омӯхтани дастгоҳҳое, ки таҷҳизот ва қисмҳои электронии асбобҳои радио, телевизор, дастгоҳҳои худкори барқӣ, амперметр, волтметр, калид, чароғаки электрӣ, диод ва триодҳои вакуумӣ, найчаҳои катодӣ, фоторезистор, диоди нимноқил, триод ва ғайраҳо муҳим буда, бояд диққати махсус дода шавад **(нигаред ба расми 3)**.

Таълими фарҳанги техникиро дар раванди таълими физика ба се зерсистема: мақсад ва вазифаҳои таълими фарҳанги техникӣ дар муассисаҳои таълимӣ; механизми татбиқи усулии таълими фарҳанги техникӣ дар фанни физика (ва табиӣ-риёзӣ) ва натиҷаҳои таълими фарҳанги техникии хонандагон дар раванди таълими физика ҷудо намуда метавонем.




Расми 3

Фаъолияти омӯзгор ҳангоми таълим, ки ба ошкор намудани асосҳои физикии истеҳсолоти муосир нигаронида шудааст, идоракунии дарки маводи техникиро аз ҷониби хонандагон бо назардошти сатҳи малакаю маҳорат ва татбиқи амалии қонунҳо ва назарияи омӯхташударо дар техникаю технология нишон медиҳад. Хонандагон набояд шунавандаи камфаъолу танбал бошанд, онҳо бояд аз ҷиҳати маърифатӣ, таҳқиқотӣ, мустақилияти эҷодӣ, ихтирокорӣ ва меҳнатӣ фаъол бошанд. Дар раванди омӯзиши физика механизми татбиқи усули таълими фарҳанги техникии хонандагонро бо чунин бандҳо ҷудо карда метавонем:

**1) Омӯзиши асосҳои физикии таҷҳизоти мушаххаси техникӣ;**

**2) Дониши хонандагон дар бораи усулҳои техникие, ки хосиятҳои конструктивии асбобу таҷҳизотро дарбар мегирад;**

**3) Омӯзиши малакаю маҳорати истифодаи асбобу таҷҳизоти мушаххаси техникӣ;**

**4) Татбиқ ва амалӣ намудани принсипи физикӣ ва техникии малакаю маҳорати дорошуда.**

Ҳамин тавр, усулҳо, воситаҳои таълим, шаклҳои ташкили таълим, чун қоида ба ҳалли як мақсади таълим, яъне, рушди фарҳанги техникии хонандагон нигаронида шуда аст.

Барои ҳалли масъалаи таҳқиқшаванда, ҳатман бояд маҷмуи усулу воситаҳои таълим ва шаклҳои ташкили таълимро истифода бурдан лозим аст. Вобаста ба ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки замони муосир таълими техникӣ ҳамчун таълимест, ки наврасону ҷавононро бо асосҳои истеҳсолоти ҳозиразамон шинос карда, тарзи кор кардан бо техникаю технологияи муосир ва азхуд намудани онҳо бо асосҳои механиконида ва автоматикунонии меҳнат муаррифӣ мекунад. Омӯзиши таълим ва фарҳанги техникӣ ба хонандагон барои дуруст интихоб кардани касб ёрӣ расонида, шавқу завқи касбии насли наврас, яъне асоси рушди касбиятро кафолат медиҳад. Аз ин рӯ, ин гуна омӯзиш ба ҳаёти иҷтимоии инсон таъсири назаррас дорад ва он асоси омодагии касбии насли наврасону ҷавонон мегардад. Талаботи истеҳсолоти замони муосир, ҳамчун таъмини афзоиши максималии қобилият ва малакаю маҳорати эҷодии инсон, эътирофи вазифаи пешбарандаи таълими техникиро барои рушд додани қобилияти хонандагон барои кори бомуваффақияти минбаъдаи онҳо дар соҳаҳои гуногуни техникӣ дар назар дорад.

Дар раванди омӯзиши фанҳои табиӣ-риёзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хонандагон метавонанд, бо асосҳои илмии аксар соҳаҳои гуногуни саноат дар дарсҳои амалӣ ва назариявӣ шинос шуда, сохти дастгоҳҳои гуногуни техникӣ ва чӣ тавр кор кардани онҳоро омӯзанд. Фарҳанги техникӣ усулҳои пешниҳодшударо ҳамгиро намуда, худро ҳамчун раҳнамои асоси салоҳияти омӯзгори ояндаи таълими касбӣ нишон медиҳад. Нақши рушди он дар раванди тайёр кардани донишҷӯёни донишгоҳҳои касбии омӯзгорӣ назаррас буда, ба ҷанбаи технологии он таъсир мерасонад. Талабот ба омӯзгорони дорои фарҳанги техникӣ дар коллеҷҳои касбӣ роҳи ҷорӣ ва татбиқи технологияҳои педагогиро, ки қодиранд сатҳи баланди рушди фарҳанги техникиро амалӣ месозанд, муқаррар менамояд.

Таҳқиқоту озмоишҳо нишон доданд, ки яке аз вазифаи муҳими таълими техникӣ ташаккули малакаю маҳорат ва фарҳанги техникӣ дар раванди таҷрибаҳои гуногуни физикӣ, корҳои лабораторӣ ва мисолу масъалаҳои физикӣ мебошад. Бояд омӯзгор мушкилотро дар раванди омӯзиши фанни таълимӣ ба вуҷуд оварда,

хонандагонро ба самаранок ва дуруст истифода бурдан аз ҷамъи дониш, малака ва маҳорат водор созад. Масалан, истифодаи формулаҳои физикӣ дар ҳалли масъалаҳо воситаи муҳимтарин дар рушди фаъолияти зеҳнӣ ва маърифатии хонандагон ба ҳисоб рафта метавонад. Раванди таълими физика дар ин самт имкониятҳои васеъро дар ташаккул додани салоҳияти физикии хонандагон доро мебошад. Дар ҳар як мавзуи физика дар дилхоҳ синф дарси проблемавиро вобаста ба истифодаи формулаҳои физикӣ эҷод кардан мумкин аст. Ин имкон медиҳад, ки тафаккури зеҳнӣ ва эҷодии хонанда рушд ёфта, шавқи хонандаро ба азхудкунии дониш баланд бардорад. Дар ҳалли масъалаи зерин дидан мумкин аст, ки чӣ тавр хонанда дониши амалии худро нишон дода, барои ба натиҷаҳо ноил гардидан бештар тафаккури зеҳнии худро сарф менамояд:

**Масъалаи 1:** Аз энергияи кинетикӣ зичии ҷисмро муайян кунед: $\boxed{E_k = \frac{m\cdot\vec{\vartheta}^2}{2};}$ $\rho = ?$

Ҳал: $\rho = \frac{m}{V}$; $m = \rho \cdot V$, аз ин ҷо пас, $E_k = \frac{\rho\cdot V\cdot\vec{\vartheta}^2}{2}$ ҷавоб ин $\boxed{\rho = \frac{2E_k}{V\cdot\vec{\vartheta}^2}}$ формула зичии ҷисмро муайян мекунад.

**Масъалаи 2:** Формулаи қонуни дуюми Нютон дода шудааст. Шумо аз ин формула фишорро ёбед: $\boxed{\vec{a} = \frac{\vec{F}}{m}}$; P=?

**Ҳал:** $P = \frac{\vec{F}}{s}$; $\vec{F} = P \cdot s$; аз ин ҷо $\vec{a} = \frac{P\cdot s}{m}$; пас, ҷавоб $\boxed{P = \frac{\vec{a}\cdot m}{s}}$ формулаи мазкур фишори ҷисми додашуда мебошад.

Маҳз дар дарсҳои физика хонандагон маҳорати кор кардан бо асбобу таҷҳизоти гуногунро омӯхта, тарзи ба кор даровардани онҳо ва ошкор намудани камбудиҳои онҳоро меомӯзанд. Аз ин рӯ, омодагии техникии хонандагон, муносибати бошуурона ва эҷодкоронаи онҳоро ба фаъолияти онҳо дар соҳаҳои гуногуни техника ва технология рушд дода, доираи муносибатҳои ҷамъиятии онҳоро ғанӣ гардонида, меъёрҳои рафтори бошуурона, инчунин, заминаи васеи интихоби касбии ба касби муҳандисӣ вобастаро фароҳам овардан лозим аст.

Хулоса, ҳамаи ин барои хонанда мувофиқи малакаю маҳорат ва қобилияташ дар ҷамъият муайян кардани мавқеи худ ёрӣ мерасонад ва ин шарти ташаккули минбаъдаи шахсияти ҳаматарафаи рушдёфта мебошад. Қайд намудан лозим аст, ки талаботи имрӯзаро нисбат ба мактаб ба назар гирифта, мазмун ва ташкили таълими фарҳанги техникӣ, рушди минбаъдаи мазмуну усулҳои таълими техникӣ бояд роҳи муайян кардан ва омӯхтани асосҳои умумии истеҳсолоти ҳозираро пеш гирад.

**Адабиёт:**

1. А.И. Бугаев. Методика преподавания физики в средней школе. Москва: Просвещение; 1981.

2. Г.И. Имашев. Техническое образование учащихся в процесс обучения физике в средней школе. Атырау; 2006.

3. Г.Имашев. «Современные проблемы технического образования». Курс физики. Российский журнал наук о Земле. 2012 г.; 12(12):53-7.

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси миллӣ ва вакилони маҷлиси намояндагон, аз 28.12.2023.

5. Риффель Э. Полак В., Квантовые вычисления. Нью-Йорк: Пресса Массачусетского технологического института; 2011.

6. Федулова М.А., Гузанов Б.Н. Особенности транспрофессиональной инженерной подготовки в профессионально-педагогическом вузе // Профессиональное образование и рынок труда. 2019. № 1. – С. 66–70.

7. Федулова М.А. Условия формирования технического мышления при подготовке бакалавров профессионального обучения //Инженерное мышление: особенности и технологии воспроизводства // Материалы научно-практической конференции: сборник научных статей и тезисов. Екатеринбург: Издательство: Общество с ограниченной ответственностью «Издательство «Деловая книга», – С. 163–167.

8. Чащин Е.В. «Техническое и технологическое мышление в современном обществе». // Вестник Челябинского государственного университета. 2012. № 35 (289). Философия. Социология. Культурология. Вып. 28. – С. 51–55.

ФАНҲОИ ДАҚИҚ

**Дилбар ИСОЗОДА,**
**омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими фанҳои табиӣ-риёзии ДҶТИБКСМ**



# УСУЛҲОИ ИННОВАТСИОНИИ КОРҲОИ АМАЛӢ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МАТЕМАТИКА

Раванди таълим аз асоситарин марҳилаҳои омӯзиш мебошад, ки барои муассир шудани дарс омӯзгори асил аз усулҳои гуногуни педагогӣ истифода менамояд. Дар ин мақола доир ба истифодаи усулҳои навтарини омӯзиш дар раванди дарсу машғулиятҳо таҳлилу баррасӣ карда мешавад.

**Усулҳои интерактивӣ** усулҳое мебошанд, ки ҳамкориро (ё муносибати мутақобиларо) байни омӯзгор ва хонанда, инчунин, хонанда ва омӯзгор талаб мекунанд. Калимаи «интерактив» аз калимаи англисии «interact» гирифта шуда, маънояш «inter» - «якҷоя» ва «act» - «амал кардан» мебошад. Усули таълим ва омӯзиши интерактивӣ аз омӯзанда фаъолияти баланд ва дарки эҷодкоронаи маълумоти пешниҳодшударо талаб мекунад. Меъёрҳои асосии модели интерактивии таълим: ин имконияти муҳокимарониҳо ва пешниҳоди озоди мавзуъ, ваъзхонии кам, вале шумораи зиёди фаъолиятҳои амалӣ, ташаббуси бештар аз тарафи хонанда, шумораи зиёди фаъолиятҳои гурӯҳие, ки кӯшишҳои якҷояро талаб мекунанд ва иҷроиши корҳои хаттӣ мебошад.

Тадқиқоти гуногун нишон доданд, ки бо мурури замон мо танҳо 10 фоизи маълумоту иттилооти шунидаамонро дар хотир нигоҳ медорем. Агар ин иттилоот ё маълумот ба воситаҳои аёнӣ нишон дода шавад, 20 фоизи он дар хотир мемонад. Агар омӯзиш ба тавре ташкил шавад, ки дар раванди он хонандагон мавзуъро ҳаматарафа муҳокима намоянд, 80 фоизи маълумоти муҳокимашуда дар хотири онҳо мемондааст. Пас, барои баланд бардоштани самаранокии раванди таълим мо бояд бештар он усулҳоеро истифода намоем, ки хонандагон на танҳо иттилоот гиранд, балки бештар байни худ мубоҳиса карда, ақидаҳои якдигарро таҳлил кунанд.

Усулҳоеро интерактивӣ меноманд, ки мавриди истифодаи амалии онҳо байни муаллим ва талабагон аз як тараф ва байни худи хонандагон дараҷаи баланди ҳамкорӣ бошад. Барои амалӣ гардонидани ин ҳамкорӣ усулҳои гуногуни интерактивии таълимро истифода мебаранд:

- ***Муҳокимаи умумӣ (ин усулро дар гурӯҳи калони хонандагон ҳам муҳокима меноманд).***
- ***Кори дунафарӣ.***
- ***Кор дар гурӯҳҳои хурд.***
- ***Ҳуҷуми зеҳнӣ.***
- ***Бозиҳои нақшӣ ва таълимӣ.***
- ***Лексияи хурди интерактивӣ.***

Таҷрибаҳо нишон медиҳад, ки маҳз дар раванди ҳамкории ҳаматарафаи муаллиму талабагон самаранокии машғулиятҳо хеле меафзояд. Талабагон он чизеро, ки ҳангоми мубоҳисаҳо омӯхтанд, хубтару беҳтар дар хотир нигоҳ медоранд.

Баъзан мепурсанд, ки агар усулҳои интерактивӣ чунин самараноку шавқовар бошанд, пас аз усулҳои анъанавии педагогӣ даст кашем? Бояд қайд кард, ки дар аксарияти усулҳои таълим, ки онҳоро анъанавӣ меноманд, унсурҳои ҳамкории талабагон бо якдигар ва ҳамкории муаллим бо талабагон, яъне, элементҳои интерактивӣ ҳастанд. Омӯзиш ё таълим, ки дар он сатҳи таъсири байниҳамдигарӣ ва ҳамкории хонандагон дар дарс бо якдигар ва бо муаллим хеле баланд аст, интерактивӣ номида мешавад.

Усулҳои интерактивӣ шакл ё намудҳои гуногуни ҳамкориро дар бар мегирад. Ин ҳамкорӣ дар шакли муҳокимаи масъала ё мавзуъҳои гуногун дар гурӯҳи калон ё гурӯҳҳои хурди хонандагон амалӣ мегардад.

**Принсипҳои корҳои амалӣ бо истифода аз усулҳои интерактивӣ**

***Усулҳои интерактивӣ самаранокии раванди таълимро баланд мебардоранд, зеро:***

- ***ба ҳавасмандии шахсии хонандагон асос ёфтаанд;***
- ***ба таҷриба ва дониши хонандагон такя мекунанд ва раванди омӯзиши ин таҷриба ва донишро инъикос менамояд;***
- ***ба эҳтиёҷоти хонандагон ҷавобгӯй ҳастанд;***
- ***равобити фаъоли дутарафаи муаллиму хонандагон ва худи хонандагонро бо якдигар таъмин менамояд;***
- ***фазои хайрхоҳона ва дӯстонаро таъмин мекунад.***

Дар дарсҳои анъанавӣ (муқаррарӣ) хонанда қабулкунандаи маълумот, ахборот ё дониш буда, одатан ғайрифаъол аст. Барои омӯзгор муҳиммаш бояд талабагон фактҳои гуногун, нақли муаллим ё далелҳои дар китоби дарсӣ бударо хуб дар хотир нигоҳ доранд. Истифодаи усулҳои гуногуни интерактивии таълим имкон медиҳад, ки аҳли гурӯҳ иштирокдорони фаъоли раван-

## ФАНҲОИ ДАҚИҚ

ди омӯзиш гарданд ва барои худифодакунӣ имконият фароҳам оянд.

Муносибатҳои омӯзгор бо хонандагон дар дарсҳои анъанавӣ (муқаррарӣ) бештар ба яккаҳукмронии муаллим асос ёфтаанд. Дар дарсҳои интерактивӣ ин муносибатҳо бештар демократӣ буда, асоси онҳоро принсипҳои ҳамкорӣ ташкил мекунанд. Муаллим дар ин маврид воситаҳои нутқӣ ва ғайринутқии муоширати самарабахшро васеъ истифода намуда, барои гӯшкунии фаъол шароити мусоидро фароҳам меоварад. Тарзи рафтори шогирдонро дар дарсҳои анъанавӣ муаллим муайян карда, худаш иҷрои онҳоро назорат мекунад. Мавриди истифодаи усулҳои интерактивии таълим аксари қоидаҳои рафтори хонандагон ба воситаи муҳокимаи муштараки онҳо муайян карда мешавад ва ин масъулияти хонандагонро баланд бардошта, ба ташкили фазои хайрхоҳона дар гурӯҳ (синф) мусоидат мекунад.

Умуман, агар мавқеи муаллиму талабаро дар дарсҳои анъанавӣ ва интерактивӣ муқоиса намоем, натиҷаҳоро ба намуди ҷадвал ҷамъбаст кардан мумкин аст. Нигаред ба ҷадвали 1.

**Усулҳои омӯзиши анъанавӣ ва интерактивӣ**

*Дар усулхои анъанавӣ:*

***- омӯзгор нақши «полоишдиҳанда»-(филтркунанда)-и мазмуни донишҳоро ифода мекунад;***

***- алоқаи байни хонандаю муаллим ва байни худи кӯдакон дар аздудкунии дониш оид ба ягон соҳаи муайян, ба таври пассивона сурат мегирад. Дар усулҳои интерактивӣ:***

***- алоқаи бевоситаи хонандагон бо мавзую мазмуни маводи омӯхташаванда мегузарад ва дар ин ҳолат омӯзгор дониши тайёрро пешниҳод накарда, хонандагонро барои мустақилона азхуд кардани он водор месозад;***

***- усулҳои интерактивии омӯзиш тағйиротро дар фаъолиятҳои якҷояи хонанда ва омӯзгор дар назар дорад;***

***- фаъолнокии муаллим ба фаъолнокии хонандагон ҷой дода, вазифаи ӯ тайёр кардани шароит барои азхудкунии мустақилона мебошад.***

**УСУЛҲОИ ОМӮЗИШИ АНЪАНАВӢ ВА ИНТЕРАКТИВӢ**

| Дар усулхои анъанавӣ: | Дар усулҳои интерактивӣ: |
|---|---|
| - омӯзгор нақши «полоищдиҳанда»-(филтркунанда)-и мазмуни донишҳоро ифода мекунад;<br>- алоқаи байни хонандаю муаллим ва байни худи кӯдакон дар азхудкунии дониш оид ба ягон соҳаи муайян, ба таври пассивона сурат мегирад. | - алоқаи бевоситаи хонандагон бо мавзую мазмуни маводи омӯхташаванда мегузарад ва дар ин ҳолат омӯзгор дониши тайёрро пешниҳод накарда, хонандагонро барои мустақилона азхуд кардани он водор месозад;<br>- усулҳои интерактивии омӯзиш тағйиротро дар фаъолиятҳои якҷояи хонанда ва омӯзгор дар назар дорад;<br>- фаъолнокии муаллим ба фаъолнокии хонандагон ҷой дода, вазифаи ӯ тайёр кардани шароит барои азхудкуни мустақилона мебошад. |

**Ҷадвали 1.**

### ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ ОИД БА ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ИНТЕРАКТИВӢ

**Фароҳам овардани фазои хайрхоҳона**

Фароҳам овардани фазои хайрхоҳона яке аз принсипҳои асосии таълими интерактивӣ мебошад. Барои фароҳам овардани фазои хайрхоҳона ва нигоҳ доштани он дар ҷараёни дарс чӣ бояд кард?

**Муоширати (робитаи) нутқӣ**

Барои дар дарсҳои интерактивӣ бедор намудани майлу хоҳиш, ҳавасмандӣ ва шавқу рағбати хонандагон шумо аз воситаҳои зерини муоширати нутқӣ истифода бурда метавонед:

*• Барои беҳтар қайд намудани ҷойҳои асосии мавзуи муҳокимшаванда, баландии овоз ва суръати суханрониро тағйир додан лозим аст.*

*• Дар дарс садодиҳии овози муаллим бояд як хел набошад. Мавзуи муҳокимашаванда ҳарчанд муҳим бошад ҳам, якрангии садодиҳии овози муаллим хонандагонро хаста менамояд.*

*• Ҳар як мавзуъро бо табъи болида оғоз намоед. Қисмати саршавии мавзуъро кӯшиш кунед, тавре оғоз намоед, ки барои хонандагон шавқовар ва диққатҷалбкунанда бошад.*

*• Ба ҳар як хонанда шахсан, яъне, номашро гирифта муроҷиат намоед.*

*• Кӯшиш намоед, ки мавриди аз як қисми мавзуъ ба дигар қисми мавзуи дарсӣ гузаштан мантиқ ва пайдарпаии онро вайрон накунед.*

*• Ҳангоми ҷамъбасткунии мавзуи муҳокимашуда кӯшиш намоед, қисми хулосавии онро бо мавзуи ояндa ё масъалаҳои дарси оянда алоқаманд намоед.*

*• Ҳангоми суханронӣ кӯшиш кунед, суръати нутқи худ ва тарзи гузориши ахборро иваз намоед. Вақте ки қисматҳои нисбатан муҳимми мавзуъро нақл мекунед, суръати суханронии худро иваз намоед. Муаллимони ботаҷриба дар лексияҳои хурд дар ин маврид каме оҳистатар сухан меронанд (суръати нутқашонро суст мекунанд). Кӯшиш кунед, истилоҳҳои (терминҳои) барои хонандагон маъмул ё шиносро истифода баред.*

*• Кӯшиш намоед, ки сухани гӯяндаро набуред, то ки ақида ё фикрашро то охир фаҳмед.*

*• Агар ҷавоб ё фикри хонанда чандон дуруст набошад, бо вай баҳс ва ӯро сарзаниш накунед.*

*• Ҳазлу шӯхӣ дар усулҳои интерактивии таълим барои фароҳам овардан ва нигоҳ доштани фазои озод ва хайрхоҳонаи тренинг ё дарс ёрӣ мерасонад, лекин бояд дар хотир дошт, ки ҳазлу шӯхӣ дар мавридаш истифода шавад ва он таҳқиромез набошад. Дар дарсҳо ҳазли бамаврид ва бомулоҳиза, ки хонандагонро каме фориғ месозад, самаранок ҳисобида мешавад.*

**Ҳавасмандкунии хонандагон**

Ҳавасмандкунии хонандагон яке аз омилҳои асосии идоракунии дарс мебошад. Муносибатҳои эътимодноки шумо бо хонандагон вақте барқарор мегардад, ки агар рафтори хуби онҳоро дастгирӣ намоед. Мисол: хонандагон яке аз супоришҳои шуморо бо баъзе камбудиҳо иҷро намуданд. Мавриди муҳокима диққати иҷрокунандагонро ба супориш ва хонандагони дигарро ба камбудиҳо не, балки ба он қисмҳои супориш, ки дуруст иҷро шудааст, ҷалб намоед. Нисбат ба «Ин дафъа ҳам супоришро то охир иҷро накардед» гуфтанатон «Гурӯҳи шумо ин супоришро нисбат ба супориши аввала хубтар иҷро кард...» гуфтани шумо хубтар аст, зеро дар варианти дуюм шумо онҳоро шавқманд менамоед.

**Ба раванди дарс ҷалб намудани хонандагон**

Яке аз омилҳои муҳимми дигар ба раванди дарс ҷалб намудани хонандагон мебошад. Роҳи ё тарзи хуби ба дарс ҷалб намудани хонандагон ин қайд намудани саҳми гурӯҳ ва ҳар як хонанда ба дарс мебошад. Саҳми гурӯҳро шумо метавонед ба воситаи ибораҳо ба монанди:

**• Дуруст...!**

**• Бисёр хуб...!**

**• Боз кадом таклифҳо ҳастанд...?**

**• Таклифи хуб, биёед, якҷоя меандешем, қайд намоед.**

**Муносибати (робитаи) ғайринутқӣ**

Бояд қайд кард, ки шавқу ҳавасмандии хонандагон чанде зиёд бошад, самаранокии омӯзиш ҳамон қадар афзунтар мегардад. Аз тарафи дигар онҳо бояд дилпур бошанд, ки аз муаллим дониш ва малакаҳои навро меомӯзанд. Мушкилоти муаллим дар он аст, ки ҳамкории ӯ бо гурӯҳи иштирокдорон на танҳо ба воситаи нутқ (сухан), инчунин, бо истифодаи воситаҳои ғайринутқӣ амалӣ мегардад.

Воситаҳои ғайринутқӣ аз ҷузъҳои зерин иборат мебошанд:

**• қиёфа ва намуди зоҳирӣ;**

**• тарзи рафтор;**

**• тарзи нигоҳ;**

**• имову ишора;**

**• қомат, тарзи истодан;**

**• ҳаракати дастҳо ва пойҳо;**

**• масофаи байни мусоҳибон.**

Аз ин бармеояд, ки мо бояд ҳангоми гузаронидани дарс ба дуруст истифода намудани воситаҳои ғайринутқӣ аҳаммияти махсус диҳем. Сигналҳои ғайринутқие, ки омӯзгор ба хонандагон мефиристад таъсири бузург, вале ноаёнро дорад. Агар мо ҳамчун омӯзгор маънои ҳар як имову ишора, таъсири тарҳи рӯй, тарзи нигоҳ, қиёфа ва ҳаракати дасту пойро хуб донему онҳоро моҳирона истифода барем, метавонем ба хонандагон таъсири мусбат расонида, самаранокии ҳамкориамонро бо онҳо афзун гардонем. Аз тарафи дигар, хуб донистани маънои воситаҳои ғайринутқӣ ба мо имкон медиҳад, ки хонандагонро хубтар фаҳмем.

*Тарзи рафтори Шумо бояд чунин бошад:*

*• хайрхоҳона;*

*• самимӣ, кушодадил;*

*• обрӯмандона, боэътимод;*

*• дилпурона.*

**Табассум**

Яке аз усулҳои одитарин ва самараноки намоиши муносибатҳои хайрхоҳона ва самимӣ ин табассуми шумо мебошад. Табассуматон бояд табиӣ ва ором бошад. Хонандагон табассуми ғайритабиӣ ва асабиёнаи муаллимро мефаҳманд ва ин сабабгори рафтори ноором онҳо мегардад. Дар навбати худ, мувофиқи қонуниятҳои робитаи мутақобила, рафтори ноором хонандагон метавонад ба шумо таъсири манфии худро расонад.

**Қиёфа ва тарзи рафтору кирдор**

Тарзи дар назди хонандагон истодани шумо оид ба ҳолати ботиниатон маълумоти пурра медиҳад. Қиёфа, тарҳи рӯй, ҳаракати дасту пои шахси ба худ дилпур набуда ё боварии қатъӣ надоштаро пеши назар оред ва онҳоро бо рафтори зоҳирии шахси ба худ боварӣ доштаву дилпур муқоиса намоед, зуд дарк мекунед, ки сухан дар бораи чӣ меравад. Бояд дар хотир дошт, ки рафтори самимӣ ва дилпурона диққатҷалбкунанда буда, шуморо ба хонандагон наздик месозад. Рафтору қиёфаи мағрурона, худнамоӣ ё худписандӣ бошад, баръакс хонандагонро аз омӯзгор дур карда, сабабгори пайдоиши монеа, душворӣ ва мушкилоти робитаи тарафайн мегардад. Тарзи рафтору кирдори шумо бояд муносибатҳои самимиатонро нисбат ба ҳамаи хонандагон нишон диҳад. Тарзи рафтори шумо ҳеҷ гоҳ набояд ба иззати нафси хонандагон расад, эътибор ё шаъни онҳоро паст занад, зеро ин сабабгори парешонӣ, ошуфтагӣ ё саросемагии онҳо мегардад. Дар назари аввал

риояи меъёрҳои рафтору кирдори мусбат, ки дар боло қайд гардидаанд, осон менамояд. Дар амал бошад, барои пурра онҳоро риоя кардан саъю кӯшиши зиёд ва машқҳои мустақили суботкорона зарур аст.

**Намуди зоҳирӣ**

Дар урфият мегӯянд: «Ранг бину ҳол пурс». Аксари ҳол таассуроти якуми хонандагон дар бораи шумо ба муносибатҳоиояндаи тарафайн таъсири зиёд мерасонад. Яке аз омилҳои осон гардонидани раванди ба якдигар мутобиқшавӣ (адаптатсия) намуди зоҳирии шумо ва дар навбати аввал тарзи либоспӯшии шумо мебошад.

Сару либоси омӯзгор бояд ба шароити маҳал мувофиқ ва тозаву озода бошад. Либоспӯшии дабдабанок ё ороиши аз ҳад зиёди омӯзгор ӯро аз хонандагон дур сохта, робитаи байниҳамдигариро душвор мекунад.

**Аҳаммияти нигоҳ**

Мувофиқи маълумоти равоншиносон мо аз 75 то 83 фоизи ахборотро ба воситаи узвҳои биноӣ мегирем. Аз ин лиҳоз, чашмҳо яке аз воситаҳои асосии робита мебошанд. Одатан, мавриди муошират (суҳбат) ҳамсуҳбатон тақрибан аз 25 то 35 фоиз вақти умумӣ ба якдигар нигоҳ мекунанд ва зудии миҷҷа задан аз 3 то 10 сония мебошад. Мутаассифона, мо одат кардаем, ки гӯшкунӣ бо нигоҳи чашм робитаи бевосита дорад. Яъне, агар ягон кас мавриди суханрониаш ба мо нигоҳ кунад, мо тахмин мекунем, ки суханони ӯ ба мо нигаронида шудаанд ва баръакс, агар он кас мавриди суханрониаш ба мо нигоҳ накунад, мо ба суханони вай гӯш намедиҳем. Чунин ҳолат бештар дар дарс рӯй медиҳад: вақте ки ба хонандагон бо савол муроҷиат мекунед, кӯшиш намоед, ки ҳамаи узви гурӯҳ дар доираи назари шумо бошанд. Пас аз чанде ба ишораҳои ғайривербалии онҳо диққат диҳед, хонандагоне, ки хоҳиши ҷавоб додан доранд, ба чашмони шумо нигоҳ мекунанд, сар меҷунбонанд ё табассум мекунанд. Баръакс, иштирокдороне, ки хоҳиши ҷавоб додан надоранд, кӯшиш менамоянд, бо ягон кори дигар машғул шаванд (аз дафтар чизеро мекобанд, навиштаҳои худро хонданӣ мешаванд) ва ба чашми омӯзгор нигоҳ намекунанд.

**Ҳаракати дастҳо**

Ҳангоми дарс ҳаракати дастони омӯзгор бояд чӣ тавр бошанд? Оё аз рӯйи ҳаракат ё ҳолати дастҳои хонандагон мо чизе фаҳмида метавонем? Бояд дар хотир дорем, ки дар дарс ҳаракати дастони мо ба хонандагон ишорат ё аломатҳои (сигналҳои) мусбат ё манфӣ мефиристанд. Айнан ҳамин тавр, муаллими бодиққат ҳаракати дастони хонандагонро мушоҳида карда, ҳолати руҳии онҳоро фаҳмида метавонад. Мутахассисон садҳо имову ишораҳои дастҳоро маънидод намудаанд. Мо бо шумо баъзеи онҳоро, ки дар раванди дарс лозиманд, таҳлил менамоем.

• *Кафҳои кушода - хоҳиши ҳамкорӣ, самимият, инсондӯстӣ, хайрхоҳӣ, омодагӣ ба муошират.*

• *Даст назди рухсора - андеша, баъзан дудилагӣ.*

• *Бо ангуштҳо молидани чашмҳо - андешидани ҷавоб, шубҳа.*

• *Бо даст хоридани манаҳ - ҷараёни қабули қарор.*

• *Ҳаракатҳо бо айнак - гирифтани он аз чашм, пок кардани он - таваққуф барои андеша.*

• *Бо даст молидани бинӣ ва дар курсӣ ноором нишастан - шубҳа.*

• *Кафҳои даст ба боло - ишораи пурсидан, дархост гирифтан. Ин тарзи рафтор иҷрои хоҳишро осон мегардонад.*

• *Касе, ки вақти дастфишурӣ кафашро боло гардонда, дароз мекунад - ифодаи ошкорӣ, ирода, ба маслиҳат омаданро ифода мекунад.*

• *Дастҳои дар рӯйи сина чиллик гузошта шуда, кӯшиши аз вазъият дур шудан, аксуламали манфӣ ё мудофиавӣ дорад.*

• *Дастҳои ба рӯйи сина бо муштҳо чиллик гузошташуда - ҳолати пуриқтидори ҳаракати пешина, ифодаи муносибати душманона, эҳтимоли ҳуҷуми руҳӣ.*

• *Кафи чаппа гардонда шуда (ба фарши хона нигаронидашуда) - салобат. Аз тарафи касе, ки ин вазъиятро истифода мебарад, фишори психологӣ, иродаи бартарӣ доштан, вазъиятро зери назорати худ гирифтан эҳсос карда мешавад. Усули бетаъсир кардани ҳамин вазъият: агар кафи шумо чунин бошад, як қадам ба пеш монед, то ба шарики худ наздик шавед. Албатта, вазъияти кафҳои шумо тағйир меёбад.*

**Кӯшиш кунед, ишораҳои зерини манфиро истифода набаред:**

*1. Кафи даст ба поён - ифодаи қудрат. Ҳар касе, ки чунин ҳаракати кафи дастро истифода мебарад, кӯшиши фишоровари психологӣ, гапгузаронӣ ва таҳти назорати худ гирифтани вазъиятро мекунад.*

*2. Дастҳо дар қафаси сина банд ҳастанд (дастҳои дар рӯйи синачиллик гузошта шуда) - кӯшиши аз вазъият берун истодан, муқобилият кардан ё мудофиаро дорад. Агар дар ҳамин маврид муштҳо баста бошанд, ин шаҳодати муносибати душманонаро дорад.*

Хулоса, ҳангоми кор бо хонандагони проблемадор бояд дар хотир дошт, ки онҳоро барои чунин рафторашон сарзаниш кардан қатъиян манъ аст. Робитаи шумо бо ҳамаи хонандагон бояд хайрхоҳона ва ислоҳкунанда бошад. Танқид ва сарзаниш хонандаро водор месозад, ки худро муҳофизат намояд. Фаромӯш набояд кард, ки хонандаи хайрхоҳ ва табъаш болида нисбат ба хонандаи хафа ва ғазаболуду бадхашм мавзуъро хубтар аз худ мекунад.

**З. Аминҷон,**
**Аълочии маориф ва илми**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# РОҲБАЛАДЕ "ДАР ТАЛОШИ ҲАЁТ"

Нависандаи бузурги англис Ҷек Лондон дар асари мондагори хеш "Дар талоши ҳаёт" ирода, матонат, қудрат ва бузургии инсонро дар пайроҳаи душвори зиндагӣ хело муассир тасвир намуда, маънии зинда мондан, умед ба зиндагӣ доштан ва ҳамеша дар талош буданро талаб менамояд. Таъсири адабиёти бадеӣ, махсусан, шоҳкориҳои адабиёти ҷаҳонӣ дар сохтмони шахсият нақши фавқулода дорад, зеро руҳу равони инсонӣ хосияти тағйирпазирӣ дорад.

Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дурбинонаю хирадмандона дар ҳар мулоқоту вохӯриҳо, Паёму муроҷиатномаҳояшон таъкид масъалаи омӯзиши забонҳои англисию русӣ, илмҳои дақиқу техникиро матраҳ менамоянд, то наслҳои ояндасози миллат дар ин талотумхонаи ҷаҳонӣ ва гирдбоди таърих киштии умеди миллатро солим ба манзили мурод бирасонанд.

Пӯшида нест, ки мақоми як фарди фарҳангӣ ва забондону эҷодкор дар ташаккули якчанд насли солими миллат мондагору шоистаи таҳсину васф аст. Хушбахтона, машъалбардорони ҷодаи маориф, инсонҳои шарифу фидоӣ, омӯзгорони асилу содиқ дар ҳар гӯшаю канори Тоҷикистони азиз ҳастанд ва оташафрӯзи хуршеди хирад гардидаанд. Устоди зиндаёд Ҳотам Одинаев аз қабили чунин омӯзгорони пуркор, фидоӣ ва эҷодкору нававар дар ташаккули шахсияти якчанд насли сокинони деҳаҳои дурдасти ноҳияи Деваштич саҳмгузор буд. Зиндагиномаи ин омӯзгори варзида китобест беқиёс, пуршебу фароз, кӯтоҳ, вале хеле сабақомӯз.

Яке аз аввалин омӯзгорони забони англисӣ бо маълумоти олӣ дар минтақа Ҳотам Одинаев 24-уми марти соли 1947 дар деҳаи маърифатпарвари Угуки ноҳияи Деваштич (он замон дар ҳудуди собиқ ноҳияи Уротеппа) ба дунё омада, аз чорсолагӣ бо дарназардошти қобилияти баланди зеҳнӣ ба мактаби ҳафтсолаи деҳа меравад. Хатмкунандагони болаёқати синфи ҳафтуми ин мактаб барои идомаи таҳсил ба мактаб-интернати минтақавии Чаҳорбасманда, имрӯза Исмоили Сомонӣ (собиқ Каленинобод) ва мактаби миёнаи №10 фиристода мешуданд. Шавқу ҳаваси омӯзиши забони англисиро дар мактаби миёнаи №10 ба дили Ҳотами ташнаи илм омӯзгори серталаб ва сахтгир Ахмедов А. бедор менамояд. Олами бекарони илм, аҷоиботи осори классикони адабиёти англис ва ҷаҳонӣ Одинаеви ҷавонро чунон ба худ ҷазб намуда буд, ки мустақилона ба омӯзиши луғат ва асарҳои бадеиро бо забони англисӣ оғоз менамояд. Бо талошу кӯшиши худ соли 1963 донишҷӯи риштаи забони англисии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, (собиқ Донишкадаи педагогии шаҳри Ленинобод ба номи С.М.Киров ) мегардад, шодию хурсандияшон ҳадду канор надошт, зеро дунёи орзуҳо, умеду талабҳояш як-як амалӣ мегашт. Устодони ғамхор ҷидду ҷаҳди ҷавони беқарору ҷӯяндаро дарк намуда, дар самти кушодани дигар истеъдодҳои ниҳонии ӯ такон бахшиданд. Ҳотам Одинаев дар донишкада натанҳо бо забондонӣ, балки бо овози мутантану марғуладор дар ҳофизӣ, бо дасту панҷаи сеҳрнок дар хаттотию рассомӣ, бо китфу бозуи рустамона дар варзиш ва олуфтагию саҳназебӣ дар ҳунари актёрӣ гули сари сабади маҳфилҳои донишкада гардида буд. Раёсати донишкада барои идомаи кори илмӣ дар марказ монданашро ба ӯ машварат медиҳад, аммо меҳри зодгоҳ, орзуи расонидани олами зебои забони англисӣ ба ташнагони ҷодаи таълим Ҳотам Одинаевро ба деҳаи Угук мебарад ва номбурда соли 1967-ум кори бошарафи омӯзгориро дар мактаби №7-уми деҳаи маърифатпарвари Басмандаи ноҳияи Деваштич оғоз менамояд. Усул ва методикаи таълими устод Одинаев Ҳ. тамоман навоваронаю босамар ва сеҳрангез буд, ки ҳатто хонандагони сустхонтарини синф дар раванди дарс фаъол

шуда, кӯшиш мекарданд, калимае, иборае, ҷумла, ё луғатеро аз ёд гӯянд.

Кор бо луғат, нақл аз рӯи расм, муколама, аз ёди шеър, панд, масал, хониши ифоданок, тарҷумаи матн, такрори ҳамсадоҳои ҷуфт, бо ойинача нигоҳ карда такрори калимаҳо, иштирок дар саҳначаҳои хурди муколамавӣ, машқи ҳусни хат, транскрипсияи калимаҳо, сохтани ребус ва чандин усулҳои эҷодкоронаи устод садҳо дилдодагони забони англисиро аз мактабҳои миёнаи деҳаҳои гирду атроф бо худ ҷазб намуд. Устоди некназару дилдодаи касби хеш аз сармою яхи зимистон, аз гармову гармсели тобистон наҳаросида бо мототсикли худ масофаи 15-20 км роҳро байни деҳаҳо бо шавқ тай мекарданд ва доимо бо рӯҳияи фараҳбахши зиндагидӯстдорӣ талошу ҷадали бебоён ба синфҳо дохил мешуданд. Ин ҳама тарбия буд ва дарси матонат, нишон додани нерӯи беинтиҳои инсонӣ.

Аввалин дарсҳои забони англисӣ ба хонандагон хотирмону афсонавӣ буд, зеро ворид шудан ба кабинети лингафонии забони англисӣ орзӯи ҳамагон буд. Дари синф бо хаттотӣ ва тасвири кӯчаҳои Лондон, биноҳои баландошиёнаи таърихӣ, автобусу транвайҳои дуқабата ҳамаро ба олами мӯъҷизаҳои саёҳати Гулливер мекашид. Дохили синф бо расми классикони адабиёти англис ва ҷаҳонӣ бо зернавиштаҳои хаттотӣ дар пештоқи синф, харитаи Британияи кабир ва давлатҳои англисзабон, манзараҳои Лондон, гӯшаи "Чайлаи Разлив"-и В.И.Ленин, овезаҳои алифбои забони англисӣ, қоидаҳои имло оро ёфта, ҷевони китоб, дастгоҳи сабти овоз ва садои лингафонӣ ва садҳо аёнияту васоити методии омӯзиши забони англисӣ он синфхонаро мукаммалу ороста буд. Ҳамаи он худ як такони бузург ба сӯи хонишу омӯзиш ва тарбияи фитрӣ гардида, шавқу шӯр ба дилҳо меафканд.

Устоди ҷӯяндаю нававар бо нерӯи беназири фитрӣ, бо овози сеҳрангези ҷарангдор, бо натқии бурровy дилангез ҳарф-ҳарфу ҳиҷо ба ҳиҷо калимаю таркибҳои нав ба навро ба махзани забономӯзон ворид месохт ва қадам ба қадам ба олами бекарони адабиёти оламшумули англис мебурд. Устод чунон бо завқу шавқи муъҷизавӣ пора-пора аз матни "Саёҳати Гулливер", "Шоҳзода ва гадо", "Саргузашти Робинзон Крузо", "Дар талоши ҳаёт", "Савораи бесар", "Мартин Иден" ва даҳҳо шоҳкориҳои адабиёти ҷаҳониро барои машқ, луғатомӯзӣ мисол меовард ва ҳама барои ҷустани давоми қиссаҳо ба китобхонаи мактаб метохтанд. Китоби дӯстдоштаи устод "Дар талоши ҳаёт"-и Чек Лондон ва шоҳбайти "Имрӯз суханони ман туро дард кунад, Фардо суханони ман туро мард кунад" буд. ""Дар талоши ҳаёт" - пайроҳаи талошу мардонагӣ аст", мефармуд устод андешамандона.

Сахтгирӣ ва серталабии устод дар таълим ба дараҷае буд, ки ҳангоми зукоми вазнин (грипп), ё ягон маризии дигар ҳам хонандагони бемор новобаста аз таъкиди табиб ба дарси устод ҳозир мешуданд. Баҳои 2-и устод дар рӯзнома, як каллаи чандпечхӯрдаи калон, миёни борик ва почаҳои каҷи кашол дошту дар қавс, ду навишта мешуд, ки ягон илоҷи ислоҳ надошт. Бар замми он агар дар ҳар дарсе аз 20 то 30 калимаи нав аз ёд накунӣ, дифтонгҳоро дуруст талаффуз нанамоӣ, ё ҳусни хати зебо надоштӣ, маҷбур будӣ баъди дарс истода сабақгардонӣ намоӣ то дар зеҳнат сабақҳои устод нақш банданд.

Натиҷаи заҳматҳои бемисли устод он гашт, ки дар як муддати кӯтоҳ ҳамаи хатмкунандагони мактабҳо дӯстдору шефтаи забони ҷаҳонии англисӣ мешуданд ва ба риштаи омӯзиши забони англисии донишкадаҳо ҳуҷҷат месупурданд. Хушбахтона, имрӯз он ниҳолакони биншондаи устод ба дараҷаи баланди касбият расидаанд ва идомабахши пайроҳаи омӯзгори нуктасанҷ гардидаву дар гӯшаю канори Тоҷикистони азиз рисолати омӯзгориро бар дӯш доранд.

Дар ин радиф номи омӯзгорони соҳибмактабу мубаллиғони забони англисӣ Икромов М., Маҳкамов А., Сӯфиев Ғ., Саидов О., Шарифов Ҳ., Ашӯров Р., Шодиева Ҷ., Зиёева М., Бердиев Ш., Носиров Б., Бердиев Д., Одинаева П., Ҳакимова М., (аз деҳаи Угук) Эгамов А., Қурбонов Қ., Бобоев Ҳ. (аз деҳаи Овчӣ), Ҳайдаров Ҳ., Ҳусейнов Ҷ., Қодиров Т., Ортуқов Ш., Қодиров Ш. (аз деҳаи Басманда) ва даҳҳо омӯзгори соҳибномро метавон номбар намуд, ки идомабахши пайроҳаи устоди некуноманд. Ҳамчунин, садҳо шогирди устод дар риштаҳои сиёсат, ҳуқуқ, маориф, матбуот, тиб, иқтисод, сохтмон, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа бо донистани забони англисӣ дастболову соҳибмартаба гардидаанд.

Яке аз шогирдони қадрдони устод аз деҳаи

маърифатпарвари Басманда, омӯзгори забони хориҷӣ Ҳайдар Ҳайдаров бо меҳру ихлоси беандоза нақл кард, ки меҳри забономӯзӣ ва пайвастан ба касби пурифтихори омӯзгориро ба дили мо устоди бузург Ҳотамбой Одинаев ҷой намуд. Ҳарчанд дар донишкадаи омӯзгорӣ панҷ сол таҳсил намудам, зиёда аз чил сол ба таълим машғул будам, қимати якуним моҳи дарси устод (аз 01. 09 то 14.10.1967с) беназир буд, зеро одоби салом, саломи пагоҳӣ, нисфирӯзӣ, бегоҳӣ, шомгоҳӣ ва дигар саволу ҷавоб бо навбатдори синф бо методикаи устодро дар ҳеҷ ҷой надидам, ки хело омӯхтанисту боиси пайравӣ.

Аз соли 1972 то 1982 устод роҳбари методии таълими забонҳои хориҷӣ дар шуъбаи маорифи ноҳияи Деваштич (собиқ Ғончӣ) буда, робитаи илмӣ-методиро бо дигар шаҳру ноҳияҳо низ ба роҳ монда будаанд. Дастовардҳои устод дар самти пешниҳоди дастурҳои методӣ, ёрии методӣ-дидактикӣ ба омӯзгорони ҷавон, луғатномаҳои соҳавӣ ва нишондоду нақша-овезаҳои услубӣ хело фаровон аст, ки омӯзгорони забонҳои хориҷӣ солҳост босамар истифода мебаранд.

Устод Ҳотам Одинаев дар баробари фаъолият дар се мактаб роҳбарии дастаи ҳаваскорони мактабро бар зимма дошта, истеъдодҳои наврас, хонандагони ҳунармандро чида-чида мегирифт, ки дар тамоми чорабиниҳои идона, ҷашнҳои дохилимактабӣ, маҳаллӣ, ноҳиявӣ, вилоятию ҷумҳуриявӣ иштирок ва соҳибҷоиза мегаштанд. Ҷашни Иди Алифбо, Соли нав, Рӯзи Артиш, Иди Наврӯз, Рӯзи Ғалаба ва ҳамаи озмуну олимпиадаҳо, ҳафтаҳои фаннию дарсҳои кушод, фестивалу бӯстонҳо ва чандин мусобиқаҳои фарҳангию ҳунарӣ бо маҳорат, саҳнаоройӣ ва базмороии устод Одинаев шукӯҳу таровати дигар мегирифт. Барои бедор намудани завқи зебоипарастӣ ва мусиқидӯстдории хонандагон чанд рубобу доира харидорӣ намуда, маҳфили омӯзиши сози рубобу доира ташкил намуда буд, ки чандин ҳофизу мусиқинавози чирадасти маҳаллӣ, назири бародарон Муллотош, Абдусамаду Абубакр Тошовҳо, Абдуваҳҳоб ва Абдуманнон Носировҳо, Одинамаҳмаду Сабур Шарифовҳо, Мирзоакбар, Мирзоқамар ва Мирзосамар Сафаровҳо, Мукаррам Икромов, Шамсия Шарифова ва даҳҳои дигарро боли парвоз бахшидаанд. Ҳунари ровигию саҳнаороии ҳунармандони касбӣ Ашӯри Ашӯрзод, Худойдодов Очилбой, Бобоев Қурбонбой ва даҳҳои дигарро кашф намудаву то ба саҳнаҳои бузурги ҳунару санъат бурдаанд. Барои ҷалби наврасону ҷавонон ба тарзи ҳаёти солим дар майдончаи варзишии мактаб мусобиқаи ҳаррӯзаи волейбол ташкил намуда, худ яке аз бозигарони моҳири он буданд. Ин иқдоми некуи устод солҳост идома дорад ва чандин варзишгари номдор чун Дониёров Х., Тошов М., Худойдодов Х., Маҳкамов А., Ҷумаев Ҳ., Бердиев Ф. ва таҳамтанони дигарро ба майдон овардааст. Дар самти тарбияи ахлоқӣ ва эҳтироми арзишҳои миллӣ, ба пирони деҳа, махсусан, ятимон хело дилсӯзона муошират менамуданд, зеро худ заҳри каждуми зиндаятимиро чашидаву дарраҳои нобарори зиндагиро дар ҷону тани худ ҳамл намуда буд. Ҳарчанд бо салобати рустамонаю виқори ҷавонмардона дар рафтораш ҷиддияти хоса ҳувайдо буд, аммо дили хело ҳассосу шоирона дошт.

Дар тарҳи биносозӣ, сохтумони бинои дуқабатаи барҳаво, рангу бору кошинкории дару дарвоза, хиштчинии сангию гилии девори “Кошонаи орзуҳо”-и худ инқилоби мадание намуда буд. Зери лаб панди “Аз мард монад лою гил, Номард монад доғи дил”-ро суруда, дар ободию навоварӣ ҷадалу талош доштанд. Аммо фалаки каҷрафтор ин бузургмарди дар талоши ҳаётро 21-уми июли соли 1982 аз мо рабуд... Шогирдону дӯстони ба видоъ омада, ҳайратзадаю лол монда буданд. Ҳарчанд вақт марҳам аст, аммо бо вуҷуди гузашти солҳо дил гум мезанаду ёди устоди устодон, кору пайкор, саҳми мондагори он марди наҷиби худодода рӯшантару хотирмонтар мегардад. Зеро **“Мард намирад ба марг, марг аз ӯ ном ҷуст, Ном чу ҷовид шуд, мурданаш осон куҷост.”** Бале, устод дар умри кӯтоҳи 35-сола ва фаъолияти омӯзгории 15-солаи худ, бештар аз қаҳрамони қиссаи **“Дар талоши ҳаёт”-и Ҷек Лондон** пайкор намуд ва тимсоли ғайрату тавони озодазодагони ориёиро ба шогирдону наслҳои пасин ҷилва дод. Ба қавли шоиру ҳакими озодакеш Соиби Табрезӣ маънии талоши ҳаёти устод будӣ чунин:

**Ин ки гоҳе мезадам бар обу оташ хешро,**
**Равшанӣ дар кори мардум буд мақсудам чу шамъ.**

# САЙҚАЛИ ЗЕҲН

**Мураттиб: Муҳаммад ШАРИФЗОДА**

## ЧАЙНВОРДИ «ФУТБОЛ»

1.Бастакор-муаллифи гимни футбол
2.Натиҷаи беҳтарин дар варзиш
3.Ҳаками бозии футбол
4.Яке аз машҳуртарин футболбозони дастаи яккачини Бразилия
5.Бозингари машҳури собиқи клуби "Реал Мадрид"
6.Дастаи лигаи олии футбол дар Тоҷикистон
7.Шореҳи рафти бозии футбол
8.Зарбае, ки бозигар бо тарзи "қайчӣ" бо пушти пояш мезанад
9.Клуби футболи шаҳри Курски Федератсияи Россия
10.Қобилияти футболбоз ҳангоми босуръат идора кардани тӯб ва моҳирона гузаштан аз назди ҳариф
11.Муродифи истилоҳи "дарвозабон"
12.Яке аз машҳуртарин бозигарони дастаи яккачини Бразилия
13.Клуби футбол дар Каталонияи Испания
14.Интиқоли бозигар бо маблағи пулӣ аз як даста ба дигараш
15.Яке аз дастаҳои бонуфузи футболи тоҷик
16.Номи дарвозабони дастаи Ал-Наср-и Арабистони Саудӣ
17.Мухлиси ашадии дастаи футбол
18. Ғолибияти клуб ё дастаи яккачин дар 3 мусобиқаи бонуфуз "Требл"
19.Яке аз дастаҳои яккачини футболи қитъаи Осиё
20.Шаҳри энергетикҳои тоҷик
21.Мукофоти олии футбол ба даста
22.Номи футболбози машҳури португалӣ
23. Яке аз нахустин ассотсиатсияҳои футболи ҷаҳон
24. Асбоби бақайдгирии вақти бозии футбол
25.Мураббии дастаи футбол
26. Қадимтарин дастаи футболи Италия
27. Клуби футболи шаҳри Нукуси Ӯзбекистон
28. Гурӯҳи муайяни дастаҳо дар футбол
29. Гузариши бозингар аз як даста ба дигараш ба муҳлати муайян
30. Истилоҳи русии калимаи "довар"
31. Мубориза барои ғолиб омадан байни ду дастаи варзишӣ
32. Нишонзани беҳтарини дастаи "Помир"-и шаҳри Душанбе
33.Зодгоҳи дарвозабони машҳури "Атлетико Мадрид" Сэмуел Вера
34. Дастаи қадимтарини футболи Голландия
35.Тӯби баргардонидаи дарвозабон
36. Омили муайянкунанда дар бозиҳои варзишӣ
37. Ҷоиза ба бозигари беҳтарини ҷаҳон дар футбол
38. Мамлакат - ҷойизадори чоркаратаи Ҷоми Ҷаҳон дар футбол
39. Зинаи боло барои гирифтани Ҷоми футбол
40. Дастаи пурқуввати футбол дар Фаронса
41. Яке аз бозигарони дастаи футбол
42. Дастаи футбол дар қисми шимолии ҷумҳуриамон
43. Яке аз дастаҳои навтаъсис дар футболи тоҷик
44. Номи пахнгашта барои дастаҳои футбол
45. Номи футболбозӣ машҳури эронитабор



## ҶАВОБҲОИ МУАММОИ «ИРФОН»

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1.Забон | 8. «Антигона» | 15. Нина | 22. «Шӯроб» | 29. Акбар | 36. Модар | 43. Лола |
| 2. «Намонд» | 9. Азиза | 16. Амма | 23. Бикр | 30. Регар | 37. Ро | 44. Артист |
| 3. Думбра | 10. Амур | 17. Амидопирин | 24. Рудоба | 31. Раҳимов | 38. Оятулло | 45. «Тоҷикон» |
| 4. Амирӣ | 11. Ранҷур | 18. Нева | 25. «Ахбор» | 32. «Вафо» | 39. Онҳо | 46. Нӯшдору |
| 5. «Ирфон» | 12. Рустам | 19. Нусратулло | 26. Руслан | 33. Ором. | 40. Олим | 47. Усмон |
| 6. Нома | 13. Мим | 20. Олӣ | 27. Неъмат | 34. Мактаб | 41. Мастӣ | 48. Нишон |
| 7. Африка. | 14. Мошин | 21. «Иморикаш» | 28. Тура | 35. Бом | 42. Исмоил | 49. Ноз |

# МУНДАРИЧА


СУХАНИ ПЕШВО

Илму маориф асоси пешрафти давлат ва раҳоии ҷомеа аз ифротишавӣ, хурофотпарастӣ ва ҷаҳолат аст.......2

СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

Ш. ҲАСАНОВА. Тарбияи ҳуқуқии наврасону ҷавонон талаботи замон аст.......16

ТАТБИҚИ БАРНОМАҲОИ ДАВЛАТӢ

А.ХОЛИҚЗОДА, Д. ИМОМНАЗАРОВ. Консепсияи миллии арзёбӣ – ҳуҷҷати муҳим ва таконбахши сифати таҳсилот.......18

БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ҒАЛАБА

Ф. ҚУРБОНОВ. Равзанае ба таърих – “Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш намешавад”.......22

15-УМИ МАЙ - РӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ОИЛА

К. М. РАҲИМӢ. Хонавода сарчашмаи аслии дарёфт ва рушди истеъдодҳост.......24

23-ЮМИ МАЙ - РӮЗИ ҶАВОНОН

Ҳ. АЗИЗОВ. Ҷавонон мояи ифтихоранд.......27

ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

Ф. МАҲКАМОВА. Нақши кабинети методӣ дар такомули маҳорати касбии мураббиён.......29

МЕТОДИКА

А. ПАЛАВОНОВ. Таърихи халқи тоҷикро бояд бо усулҳои муосир таълим бидиҳем..30

МАОРИФ ВА ЗАМОН

К. ПАРПИШОЕВ. Шаклҳои инноватсионии такмили ихтисоси кормандони соҳаи калидӣ.......33

БИОЛОГИЯ

Ҳ. АЛИЕВ. Дарси намунавӣ дар мавзуи “Полимерҳои биологӣ-кислотаҳои нуклеинӣ” дар синфи 10.......37

ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

З. ҚОДИРОВ. Мактабҳои варзишӣ ва рушди сифатҳои ахлоқӣ-иродавӣ дар наврасон.......40

РИЁЗӢ

Ҷ. БАРОТОВ. Усули дискриминантҳо дар ҳалли муодила ва нобаробариҳо.......42

МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ

А. КАСИРОВА. Аминокислотаҳо аз рӯйи таркиб ба кадом пайвастагӣ дохил мешаванд?.......46

ФИЗИКА

М. САФАРОВ. Таълими техникӣ дар рушди малакаю маҳорат ва фарҳанги техникии хонандагон.......50

ФАНҲОИ ДАҚИҚ

Д. ИСОЗОДА. Усулҳои инноватсионии корҳои амалӣ дар раванди таълими математика.......55

СИМО

З. АМИНҶОН. Роҳбаладе “Дар талоши ҳаёт”.......59

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

М. ШАРИФЗОДА. Чайнворди «Футбол».......62

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ «МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР»**

**ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор.

**Файзулло ШАРИФЗОДА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Асадулло НАҶМИДДИНИЁН,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои физика ва математика.

**Раҳимдод АЗИЗБЕКОВ,** директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ.

**Сироҷиддин БАНДАЕВ,** узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Бибиҳафиза МАҶИДОВА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Абдулхай КОМИЛӢ,** директори Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва техникаи ДДБ ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Сайфуллоҳи МУЛЛОҶОН,** доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мамадҷон МАҲКАМОВ,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Давлат ИМОМНАЗАРОВ,** муовини сардори раёсати ташхис ва тақризи адабиёти таълимии ПРМ ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**МУАССИС**
**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

**САРМУҲАРРИР**
**ДИЛАФРӮЗ ҚУРБОНЗОДА**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИР:**

**Ҷамшед ҶӮРАЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор.

**Шодӣ САФАРОВ,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,** номзади илмҳои физика ва математика.

**Ҳасан АЗИЗОВ,** муовини сармуҳаррир.

**Қосимхуҷа Назаров,** таррох.

«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 тахти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.

- Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.
- Идора маводро дар ҳаҷми то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman Tj қабул менамояд.
- Чопи маводиби нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли ҳатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.
- Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.

**МОРО ДАР ҶАҲОНИ ИНТЕРНЕТ ҲАМРОҲӢ НАМОЕД**

СОМОНАИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

ГУРӮҲИ ФЕЙСБУКИИ "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"

**Индекси обуна: 77570.**
**Андозаи 60x841/8.**
**Адади нашр 6980 нусха.**
**Дар матбааи «Табъу нашр» чоп шудааст.**
**Нархаш шартномавӣ.**

**E-mail: marifai.omuzgor@mail.ru**
**E-mail: m.omuzgor@maorif.tj**
**Сомона: marifatiomuzgor.tj**